**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ 371.+376**
**ТКБ 74.00+74.2**
**Н-47**

**НУРМАТОВА НИГОРА ЛАТИФОВНА**

# НИЗОМИ ТАЪЛИМИ ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ ДАР АСОСИ ҲАМКОРИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ БО МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

**(дар мисоли Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур”)**

**Диссертатсия**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ**
**(13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон Азизӣ Муҳаммадалӣ Миралӣ

**ДУШАНБЕ – 2023**

**МУНДАРИҶА**

**МУҚАДДИМА ………………………………………………...** **3-14**

**БОБИ 1. МАВҚЕИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ………** **15-85**

1.1. Масъалаҳои педагогиву иҷтимоии шахсияти ―Кӯдаки болаёқат” дар илмҳои педагогика ва психология…………………….. 15-30

1.2. Аҳамияти таҳсилоти иловагӣ дар дарѐфт ва рушди қобилияти хонандагони болаѐқат ……………………………………..... 31-51

1.3. Махсусияти таълими хонандагони болаѐқат дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ……………………………………….. 52-85

Хулосаи боби 1…………………………..…………………….... 86-87

**БОБИ 2. НИЗОМИ САМАРБАХШИ ҲАМКОРИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ БО МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНА ДАР САМТИ ДАРЁФТ ВА РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ……………………………………………………………..** **88-165**

2.1. Асосҳои педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миѐна дар самти дарѐфт ва рушди истеъдодҳо………………………………………………… 88-112

2.2. Модели самарабахши ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миѐна дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии ―Маркази дарѐфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур” ……………………………………………….… 113-130

2.3. Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба самаранокии ташкили раванди таълими иловагии хонандагони болаѐқат ва арзѐбии натиҷаҳои он……………………………………………………….. 131-165

Хулосаи боби 2………………………..……………………...…… 166-167

**ХУЛОСАИ УМУМӢ ВА ТАВСИЯҲО ..................................** **168-172**

**РУЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА ………...….** **173-187**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҷомеае, ки ба сифати таълим ва рушди зеҳният такя менамояд, хусусиятҳои воқеиро касб намуда, нақши омили ниҳоиро дар ташаккули он «сармояи инсонӣ» - шахсони соҳибмаълумот ва соҳибтаҷриба ишғол менамоянд. Дар чунин ҷомеа диққати махсус ба лаёқатмандӣ ва боистеъдодӣ дар марҳилаҳои гуногуни ҳаёти инсон дода мешавад.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи маориф ва татбиқи барномаҳои ислоҳоти соҳаи маориф таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2021 қайд мекунанд, ки ―Дар даврони соҳибистиқлолӣ мо бунёди маорифи миллӣ ва ворид гардидан ба фазои таҳсилоти байналмилалиро ҳадафи муҳимтарин ва самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор додем.

Зеро мо чунин мешуморем, ки бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди нерӯи инсонӣ ваояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад.

Бо вуҷуди он ки раванди таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ба низоми муайян даромадааст, зарур аст, ки барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, омӯхтани забони давлатӣ, таъриху фарҳанги бостонии халқи тоҷик, боло бурдани завқу рағбати хонандагон ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ, табиӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, махсусан, забонҳои русиву англисӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад.

Бо ин мақсад, роҳбарони муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи дониш ва касбияти омӯзгорон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, бахусус, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ, такмили ихтисосу бозомӯзӣ ва тарбияи омӯзгорони

ҷавони баландихтисос ва ба талаботи замона ҷавобгӯй дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот эътибори аввалиндараҷа диҳанд” [111].

Аз ин рӯ, дар шароити имрӯзаи рушди бемайлони Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи дарёфт, таълиму тарбияи хонандагоне, ки лаёқати баланди зеҳнӣ доранд яке аз вазифаҳои афзалиятноки аҳли маориф кишвар мебошад. Дар ин самт шинохти бармаҳал, таълим ва тарбияи кӯдакони боистеъдод ва лаёқатманд яке аз мушкилоти асосии низоми маориф ба шумор меравад ва аз сабаб кӯдакони лаёқатманд ба таълиму тарбияи махсус, ҳавасмандӣ ва дастгирии калонсолон эҳтиёҷ доранд. Ин аст, ки пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи таълиму тарбияи кӯдакони болаёқат таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардида, соли 1995 дар мамлакат аввалин муассисаи таълимии махсус барои хонандагони болаёқат – Литсей интернати Президентӣ барои хонандагони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт ва ин раванд то ҳол низ идома дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дарёфти истеъдодҳои нав озмунҳои ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳо доноӣ китоб аст”, “Илм – фурӯғи маърифат”, “Тоҷикистон – ватани азизи ман” ва “Тоҷикон – дар оинаи таърих” баргузор гардида истодаанд, ки мақсади асосии онҳо ошкор намудани хонандагони болаёқат ва сайқал додани маҳорати онҳо бо роҳи ҳавасмандгардонии моддию маънавӣ мебошад. Ҳамзамон бо мақсади дарёфт, дастгирӣ, рушди хонандагони боистеъдод ва фароҳам овардани шароити мусоиди таълимию тарбиявӣ ҷиҳати ташаккули таҳсили муттасили ҷавобгӯ ба талаботи таълимӣ ва амалӣ намудани қобилиятҳои эҷодии истеъдодҳо дар мамлакат “Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025” қабул карда шудааст.

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки новобаста аз таваҷҷуҳи хосаи давлат ба масълаи таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ҳануз як қатор муаммоҳои педагогиву психологии кор бо кӯдакони болаёқат дар самти дарёфту ташаккули қобилиятҳои онҳо боқӣ мондааст, ки он дар маркази диққати кори таҳқиқотии мо қарор гирифтааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Паҳлуҳои мухталифи лаёқатмандиро олимони кишварҳои Амрико, Британияи Кабир, Русия, Фаронса, Олмон, Эрон ва Ҳиндустон мавриди омӯзиш қарор додаанд, аз ҷумла: (В.И. Панов, З. Фрейд, Н.С. Лейтес, А.М. Матюшкин, Д.Б. Богоявленская, Дж. Рензулли, В.А. Крутецкий, П. Торренс, Ю.Д. Бабаева, Дж. Гилфорд, А.И. Савенков, М. Лэйн, К.А. Хеллер, Г. Гессе, К. Юнг, Г. Мелхорн, Юсуф Калварӣ, Марям Рафатӣ ва дигарон, ки таҳқиқоти назаррасе дар ин самт мебошанд.

Таҳқиқи баъзе ҷанбаҳои ин муаммо дар пажӯҳиш ва асарҳои олимони ватанӣ, ба монанди М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, И.Х.Каримова, С.Амонов, Ш.А.Шаропов, Н.М.Юнусова, Л.М.Иматзода, Х.М.Сабурӣ, А.М.Миралиев, О.Исломов, А.А.Азизов, М.Д.Ходжаева, А.Шералӣ ва дигарон ба назар мерасанд.

Бо вуҷуди ин, масъалаҳо оид ба хусусияти таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ва ташаккули қобилиятҳои зеҳнии онҳо тавассути ҳамкориии муассисаҳои таҳсилоти иловаагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳқиқ нагардида боқӣ мондаанд.

Ҳамин тавр, масъалаҳои вобаста ба роҳу услуҳои ташхиси лаёқатмандлии кӯдакон, муносибати педагогиву психологии дахлдор бо онҳо, истифодаи методикаи самараноки таълими хонандагони болаёқат, самтҳои асосии ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ва омода намкудани омӯзгорон барои кор бо чунин хонандагон ҳанӯз кам омӯхташуда боқӣ мондаанд.

Инчунин, омӯзиш ва таҳқиқи шароитҳои педагогии ташаккулёбии қобилиятҳои кӯдакони боистеъдод дар раванди таълим ва дигар масъалаҳое, ки бо лаёқатмандии кӯдакон алоқамандӣ доранд, ниёз ба таҳқоқути алоҳидаи илмиро тақозо менамоянд.

Бо назардошти муҳим будани омӯзиш ва коркарди илмии масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар самти таълиму тарбияи хонандагони

болаѐқат  интихоби мавзӯи таҳқиқоти моро муайян намуданд: «Низоми таълими хонандагони болаѐқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миѐна».

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ѐ мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади мусоидат ба татбиқи муқаррароти асосии Барномаи давлатии дарѐфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, таҳти №353)  ва Барномаи давлатии дарѐфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, таҳти №113)  иҷро шуда, дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи педагогика ва психологияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи  таҳсилоти Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 дар мавзуъҳои «Асосҳои педагогию психологии ҳамкории мактаб, оила ва ҷомеа дар рафти таълими салоҳиятнок» ва «Роҳу усулҳои инноватсионии ташкили низоми таълими хонандагони болаѐқат дар шароити муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба роҳ монда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** Таҳияи модели ташкилию педагогии низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна ва асосноксозии самаранокии истифодаи он аз тариқи баргузории таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо мақсади дастёбӣ ба мақсади таҳқиқот дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳои зерин гузошта шуданд:

1. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили сарчамшмааҳои илмӣ ва адабиёти таҳқиқотӣ муайян намудани низоми  ташхис, дарёфт ва кор бо хонандагони болаёқат дар муассисаҳои таълимӣ.

2. Таҳлили психологӣ-педагогии мушкилоти таълими хонандагони болаёқат ва дар раванди таълим ошкор сохтани лаёқатмандии “ниҳонӣ”.

3. Муайян намудани самтҳои асосии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар самти таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ва ҷустуҷуи роҳу усулҳои инкишофи қобилиятҳои зеҳнии онҳо.

4. Коркарди меъёрҳо ва принсипҳои асосии таҳияи барномаҳои махсусгардонидашудаи таълимӣ барои хонандагони болаёқат дар асоси ҳамгироии низоми таҳсилоти иловагӣ бо таҳсилоти умумӣ.

5. Таҳия ва татбиқи модели самарабахши педагогии ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар самти таълиму тарбияи хонандагони болаёқат.

**Объекти таҳқиқот** – низоми педагогии таълиму тарбияи хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкориии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таълимӣ

**Мавзуи таҳқиқот** – низоми педагогии таълиму тарбияи хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо мактабҳо дар мисоли фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагии «Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур».

**Фарзияи таҳқиқот:** дарёфту рушди қобилияти хонандагони боистеъдод ва таълиму тарбияи онҳо дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо мактабҳо самаранок хоҳад буд, агар

- низоми таҳсилоти иловагӣ бо назардошти талаботи ҷомеа бояд эҳтиёҷоти таълимии ҳар хонандаи болаёқатро бо назардошти хусусияти фардӣ таъмин карда тавонад;
- низоми таълиму тарбияи хонандагони болаёқат дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ тарзе ба роҳ монда шуда бошад, ки мазмуни таҳсилоти миёнаи умумиро пурра гардонида тавонад;
- манфиатҳои хонандагон дар раванди ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо мақсади ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони боистеъдод равона шуда бошад;

- раванди таҳсилоти иловагӣ ба ташаккул ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагони болаёқат мусоидат намояд;

- шароити педагогии ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар самти такмили ихтисос ва баландбардории маҳорати касбӣ фароҳам оварда шавад;

- механизми муайяни дастгирӣ ва ҳавасманднамоии хонандагони болаёқат ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва ҳам дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия ва татбиқ гардад.

**Марҳилаҳо ва макони таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ солҳои 2019-2023 дар се марҳила гузаронида шуд.

***Дар марҳилаи аввал (солҳои 2019-2020)*** таҳқиқ ва таҳлили сарчашмаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот гузаронида шуд, сабабҳо ва омилҳои, ки ба дарёфт ва ташхиси қобилиятҳои кӯакдони болаёқат, инчунин таъмини сифати таълими хонандагони болаёқат монеъ мешуданд, ошкор карда шуданд. Объект, мақсадҳо, фарзия, вазифаҳои таҳқиқот барнома ва усулҳои таҳқиқот таҳия  гардида, заминаи назариявӣ барои коркарди минбаъдаи мушкилот муайян карда шуданд.

**Марҳилаи дуввум (солҳои 2021-2022)** ба асосноккунии нуктаҳои назариявӣ-педагогӣ ва коркарди механизми дарёфт ва рушди хонандагони болаёқат бахшида шудааст. Дар марҳилаи мазкур озмоишҳои собиткунанда дар Муассисаи давлатии “Маркази рушди истеъдодҳои шаҳри ноҳияи Шоҳмансур” амалӣ гардонида шуд. Тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷиҳати таъмини сифати таълиму тарбияи хонандагони болаёқат таҳия карда шуданд.

**Дар марҳилаи сеюм (солҳои 2022-2023)** озмоиши хотимавӣ гузаронида шуд, ки натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-ташхисиро оид ба омӯзиши самаранокии модели ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро ҷамъбаст намуд. Хулосаҳои асосӣ оид ба масоили тадқиқот таҳия карда шуда, нигориши диссертатсия ба анҷом расидааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Ҳангоми муайян намудани асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот корҳои таҳқиқотӣ ва асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуданд, ки чунин самтҳои афзалиятноки ба мавзӯи илмӣ дахлдорро фаро мегиранд: шинохти кӯдакони болаёқат ва ташхиси қобилиятҳои онҳо (Богоявленская Д.Б., Брунер Ҷ, Гилфорд Ҷ, Дружинин В.Н.), консепсияҳои кор бо кӯдакони болаёқат (Асмолов А.Г., Гальтон Ф, Матюшкин А.М., Монкс Ф.), хусусиятҳои фардии кӯдакони болаёқат ва рушди зеҳнии онҳо (Ю.Гилбух, Р. Стенберг, Ҷ. Фриман), таълими хонандагони болаёқат дар низоми таҳсилоти иловагӣ (Л.С. Выготский, А. Карне, Е. Шебланова, К.Абрамс) ва махсусти таълим дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ (В. Вершинин, В.А. Березина, А. Бруднов, Д. Грибов, Э.Евладова, А. Скачков, Н. Чернова).

**Сарчашмаи маълумотро** осори фалсафию таърихӣ ва психологию педагогӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи соҳаи маориф, аз қабили қонкнҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияҳо ва стратегияҳои давлатӣ, барномаҳои мақсадноки давлатии рушди соҳаи маориф ва илм, низомномаҳои муассисаҳои таълимӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорон ташкил медиҳанд.

**Заминаҳои эмперикии таҳқиқот:** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро муносибати амалии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо объекти таҳқиқшаванда: омӯзиши адабиёти илмӣ-методии марбут ба мавзуъ, омӯхтан ва истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ; ба мушоҳида гирифтани раванди истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълим; ҳамчунин, тавассути истифода аз методҳои эмперикӣ – омӯзишу таҳлили фаъолияти омӯзгорону хонандагон, баргузории корҳои озмоишӣ, маҷмуи усулҳои гуногун, ташкил ва гузаронидани озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда; таҳлилу ҷамъбасти далелу маълумоти дар ҷараёни озмоиш бадастомада, таҳлилу арзёбии муқоисавии

натиҷаҳои онҳо, мушоҳидаи педагогӣ, мусоҳибаҳо, усулҳои хударзёбӣ ва арзёбиҳои ташхисӣ, дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои миқдорӣ ва дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди самараноки онҳо ба вуҷуд омадаанд, ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар заминаи Муассисаи давлатии "Маркази рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур" аз соли 2019 то 2023 гузаронида шудааст. Тадқиқот хонандагони болаёқати муассисаҳои таҳсилоти умумиро ки дар Муассисаи давлатии "Маркази рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур" ба таълими иловагӣ мегирифтанд, фаро гирифтааст.

**Навгонии илмии тадқиқот:**

- масъалаҳои педагогиву иҷтимоии шахсияти "Кӯдаки болаёқат" дар илмҳои педагогика ва психология мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шуд;

- асосҳои педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо муайян карда шуд;

- аҳамияти гирифтани таълими иловагӣ дар ташаккул ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуд;

- бо назардошти талаботи педагогиву психологӣ низоми таълиму тарбияи хонандагони болаёқат дар машғулиятҳои таълими иловагӣ таҳия гардид;

- модели ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии "Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур" коркард ва пешниҳод шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Шароити педагогӣ-психологии ҳамкорӣ ва ҳамгироии низоми таҳсилоти иловагӣ бо таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба таълиму

тарбияи хонандагони болаёқат.

2. Татбиқи технологияи педагогӣ оид ба рушди лаёқатмандии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ва муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ҳамчун унсурҳои якдигарро пурракунанда.

3. Таъмини сифати таълими хонандагони болаёқат тавассути ғанигардонии мазмуни таҳсилот дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ ва иловагӣ.

4. Низоми дидактикии ташаккули лаёқати хонандагон аз дар шароити муассисаи таҳсилоти иловагӣ;

5. Низоми ташаккулдиҳии қобилияти хонандагон болаёқат тавассути таҳияи нашаву барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ ва дигар адабиёти илмӣ;

6. Такмили ихтисос ва баландбардории маҳорати касбии омӯзгорон бо роҳи таҷрибаомӯзии якдигар дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот:**

1. Нақш ва мавқеи таҳсилоти иловагӣ дар рушди зеҳнии хонандагон муайян ва асоснок карда шуд.

2. Таъсир ва ҳамгироии мутақобилаи таҳсилоти иловагӣ ва асосӣ ба ҷараёни ташаккули қобилиятҳои зеҳниву эҷодии хонандагон ошкор карда шуд.

3. Ташаккул ва рушди салоҳиятҳои умумӣ ва фаннии хонандагони болаёқат дар ҷараёни таҳсилоти иловагӣ  муайян карда шуд.

4. Аз лиҳози илмӣ барои ташхис ва ошкор сохтани истеъдоди кӯдакон таносуби мафҳумҳои лаёқатмандӣ ва қобилиятҳо муайян карда шуд.

5. Меъёр ва роҳҳои рушди зеҳнии хонандагон зимни машғулиятҳои таълими иловагӣ муайян шуданд.

6. Самаранокии ташкили механизми ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар таълими хонандагони болаёқат аз лиҳози илӣ асоснок карда шуд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот:**

1. Натиҷаҳои дастрасшуда оид ба ҳамкориҳии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар таълими хонандагони болаёқат метавонанд барои ноилшавӣ ба ҳадафҳо доир ба рушди зеҳни хонандагон мусоидат намоянд;

2. Маводи таҳқиқоти бадастомада ва таҳия гаштани модели нави ҳамкории муассисаи таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба таълими хонандагони болаёқат ва натиҷаҳои дигари таҳқиқотро муассисаҳои таълимии зинаву навъҳои гуногун мавриди истифода қарор дода, дар зимн самаранокии фаъолиятҳои таълимӣ бо хонандагони болаёқатро таъмин созанд.

3. Модели таҳияшудаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар таълими хонандагони болаёқат ҳамчун низоми воҳид ва ягона барои ташаккули муҳити таълимӣ метавонад мавриди истифода қарор гирад.

4. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ доир ба роҳҳои рушди фаъолияти зеҳнии хонандагон истифода гарданд.

5. Тавсияҳои методиро метавон дар анҷом додани корҳои таҳқиқотӣ ва илмӣ оид ба таълиму тарбияи хонандагон болаёқат ва рушди зеҳнии хонандагон истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот.** Дурустӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асоснокӣ ва саҳеҳии усули методологӣ ва назариявӣ, истифодаи маҷмӯи усулҳои ба ҳам вобастаи таҳқиқоти илмӣ, ки ба мавзуъ ва вазифаҳои таҳқиқот комилан мутобиқанд, мувофиқати муқарраароту хулосаҳои назариявӣ, кофӣ будани сарчашмаҳои истифодашуда, асоснокии истифодаи усулҳои озмоишӣ ва маълумоти дар натиҷаи таҳқиқоти озмоишӣ бадастомада таъмин мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ), аз ҷумла, ба банди 1 - Методологияи

таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва банди 4 - Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз инҳо иборат аст:**

- омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ, дарёфти сарчашмаҳои иловагии илмӣ, муқоиса ва шарҳи маълумоти коркардшудаи илмӣ, гузаронидани корҳои таҷрибавӣ ва озмоишӣ;
- таҳияи маърузаҳои илмӣ ва нашри мақолаҳо доир ба таҳқиқоти илмии анҷомдодашуда;
- омӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳу усул ва шароити педагогии таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат дар шароити листей ҳамчун масъалаи педагогӣ дар адабиёти илмӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ;
- муайян кардани шароити педагогӣ ва истифодаи усулҳои муосири таълим дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон аз фанҳои дақиқ;
- пешниҳоди тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон доир ба такмили низоми таълимдар муассисаҳои таълимӣ.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои асосӣ дар мавридҳои зерин тасвиб ва тасдиқи худро ёфтанд:

- дар раванди ташкили фаъолияти таълимӣ-тарбиявии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- ҳангоми гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон;
- дар конфронсҳои илмӣ-назариявӣ, семинарҳо доир ба масъалаи назария ва амалияи таълиму тарбия;
- дар гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии шуъбаи педагогика ва психологияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

- ҳангоми маъруза ва суханрониҳо дар конфросҳои илмӣ-амалии донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 9 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4 номгӯй дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Мундариҷаи диссертатсия дар 187 саҳифа баён шудааст. Дар диссертатсия 18 ҷадвал, як расм ва 2 диаграмма истифода шуда, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 184 номгӯй иборат аст.

# БОБИ 1. МАВҚЕИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ

## 1.1. Масъалаҳои педагогиву иҷтимоии шахсияти “Кӯдаки болаёқат” дар илмҳои педагогика ва психология

Падидаи боистеъдод будан кайҳо боз диққати муҳаққиқонро ҷалб кардааст. Аз лаҳзаи нашри китоби Ф.Галтон «Доҳӣ ва мерос» [42], мушкилоти таҳқиқи табиати лаѐқат на танҳо актуалӣ боқӣ мондааст, балки инчунин мақоми хоссаеро дар доираи самтҳои нави илмии марбут ба ҳалли вазифаи ташаккули нерӯи эҷодии ҷомеа карда истодааст. Мутаассифона, таҳсилоти муосир то ҳол ба хонандаи ―миѐна” нигаронида шудааст. Нисбат ба таваҷҷуҳи зиѐд ба муайянсозӣ, рушд ва таълими фарзандони лаѐқатманд ва боистеъдод, ки дорои қобилиятҳои эҷодии баланд мебошанд, то ҳол диққати хеле кам дода мешавад.

Ба масъалаи таълиму тарбия ва муносибати шоиста ба кӯдакони боистеъдод дар афкори ниѐгони халқи тоҷик таҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст:

Чун бувад асли гавҳаре қобил,
Тарбиятро дар ӯ асар бошад...
Гарчи симу зар зи санг ояд ҳаме,
Дар ҳама санге набошад зару сим.

(Саъдии Шерозӣ)

Масъалаҳои шавқу ҳаваси кӯдак ба омӯзиши илму дониш ва сайқал додани маҳорату малака ва тарбияи хислату сиришти неки инсонӣ дар таълимот ва педагогикаи ниѐгон мавқеи хоса дорад ва таъкидҳои бешумори онҳо барои иломӯзиву донишазхудкунӣ ва касбу ҳунаромӯзиӣ равона карда шудаанд. Ба ин гуфтаҳо мисол шуда метавонанд мероси педагогии мутафаккирон Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Унсурмаолии Кайковус, Ибни Сино, Носири Хисрав, Саъдии Шерозӣ, Хоҷа Насриддини Тӯсӣ, Абӯшукури Балхӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Давонӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва

дигарон, ки паҳлуҳои гуногуни таълиму тадрис ва тарбияи кӯдаконро фаро гирифтаанд.

Дар рисолаи «Тадбири манзил»-и Абӯалӣ ибни Сино оварда шудааст: «Устод... наметавонад ба ҳар шогирд ҳар санъатеро таъмин кунад, балки дар кадом аз шогирдон завқу шоистагии омӯхтан ва фаро гирифтани саноати махсусро доранд. Бояд ба ҳар кас мувофиқи завқу истеъдодаш саноат омӯхт, вагарна таълиму тарбия натиҷаи номатлуб медиҳад». Сино дар сайқал додани завқу истеъдоди кӯдак мавқеи таълими тафриқавӣ ва инфиродиро қайд мекунад. Дар баробари ин оид ба таълими гурӯҳӣ низ таъкидҳои муфид дорад [2, 25].

Ибни Сино яке аз аввалин олимони Шарқ мебошад, ки бар зидди усули маҳдуди таълиму тарбия баромада, ақидаҳои пешқадамро тарғиб менамояд. Ба ақидаи ӯ донистани психологияи бачагон ба омӯзгор имконият медиҳад, ки шавқу ҳаваси онҳоро ба назар гирифта, дар хониш ва интихоби касб ѐрии педагогӣ расонад. Дар раванди таълим онро бояд ба назар гирифт, ки аз худ намудани фан агар барои яке осон бошад, барои дигаре душвор аст, зеро яке ба илми балоғат ва дигаре ба наҳв завқ дорад. Бинобар ин –ҳар кас риштаи муносиби завқи худро интихоб менамояд, то ҳар табақае риштаи махсусеро ихтиѐр намояд”. [2, 40]

Дар ин маврид Насриддини Тӯсӣ чунин мегӯяд: «Беҳтар ва шоистатар он аст, ки ба табиати кӯдак, назар ва тариқи фаросату зиракии ӯ эътибор диҳанд ва донанд, ки истеъдод чӣ навъ илму ҳунарро барои ѐд гирифтан дар ниҳоди ӯ сиришта бошад, ӯро ба он навъи ҳунар машғул гардонанд, зеро ҳама кас ба ѐд гирифтани ҳама чизҳо истеъдод надорад» [141, 79]

Адиби бузург таъкид мекунад, ки дар равиши таълиму тарбия омӯзгор бояд табиати кӯдакро дуруст омӯзад, то ки истеъдоди ӯро кашф намояд. Ба ақидаи ӯ ин кор ба омӯзгор имконият медиҳад, ки риштаҳои таҳсил ва ҳунари донишомӯзонро муайяну мушаххас намояд.

Ба ақидаи Саъдии Шерозӣ маънои ҳақиқии дониш инкишоф додани ҳисси ақлонии инсон мебошад. Ҳисси ақлӣ дар инсон фақат дар натиҷаи кӯшиши татбиқи дониш фароҳам мегардад. [83, 84]

Ба фикри мо ин андешаи Саъдӣ ба назарияи маърифат наздикӣ ва қаробот дорад ва ҳамеша сарчашмаи ҳама гуна дониш муроқибаи зинда ва тафаккури мавҳум ва амалия мебошад.

Носири Хисрав бар зидди кӯр-кӯрона аз худ намудани дониш баромада, барои ба даст овардани илму дониш назарияи истифодаи айѐниятро пешниҳод менамояд:

Макун бовар суханҳои шунида,

Шунида кай бувад ҳаргиз чу дида. [83, 51]

Ба ақидаи Бедил илму ҳунар дар натиҷаи қобилият ба даст оварда мешавад:

Фонуси шамъҳои асар қобилият аст,

Бе ранг ҳеҷ ҷилва мусаввар намешавад. [141, 142]

Бедил кӯшишу заҳмат, ҳиммату азму иродаи ҳаррӯзаро воситаи сайқал додани дониш, малакаю маҳорат медонад; донишу ҳикмат таввассути кӯшишу ҳиммат ба даст оварда мешавад. Инсон танҳо тавассути талошу ҳиммати ҳаррӯза ба мақсад мерасад. Дар масъалаи лаѐқату қобилият Бедил таъкид менамояд:

Пеши чашме, ки нури ирфон нест,

Гар бувад осмон, намоѐн нест.

Ба андешаи Бедил инсоне, ки лаѐқату маърифату дониш надорад, гумон мекунад, ки осмон ҳавзи оббозист. Дар ин ҷо мушоҳида карда мешавад, ки Бедил то кадом андоза ба лаѐқат, кобилият ва марифат таваҷҷуҳ намудааст. [141, 142]

Академик М. Лутфуллоев менависад, ки ―... 1300 сол пеш намояндаи халқи мо Имоми Аъзам ва 280 сол пас аз он шоири кабирамон Носири Хусрав беҳтарин ва муассиртарин роҳу тариқи донишомӯзиро, аз ҷумла ҳафт тарзи онро гаштаю баргашта таъкид кардаанд. Носири Хусрав дар Бағдод ба

таълимоти Имоми Аъзам аз наздик ошноӣ пайдо менамояд. Дар ҷойе мехонад, ки Имоми Аъзам шогирдашро маслиҳат медиҳад: ―Ё Иброҳим, насиба ва ризқи ту аз ибодати ту бузургтар аст. Акнун бар ту лозим аст, ки илмро ба дилат ҷой кунӣ" Аз ин таъкид ӯ ба илҳом меояд, мегӯяд:

Биҷӯю бинавис, он гоҳ бихону боз бипурс,

Пасаш биѐмӯз, он гаҳ бидону дар дил кор. " [94,18]

Ҳанӯз дар соли 1916 В. Штерн дар китоби худ «Лаѐқати зеҳнӣ» навишта буд: «Мо макони ҳамаҷониба имконпазири маъданҳоро мушаххасан дуруст медонем..., мо намуди онҳо, миқдор ва тақсими онҳоро медонем ва дар ҳар як қадам ин донишҳоро барои таҳкими мавҷудияти моддии худ истифода мебарем. Аммо мо дар бораи ҳаҷм ва сифати захираҳои зеҳнии худ - истеъдодҳои худ – мо хеле кам медонем, ки чунин дониш нисбат ба дониши захираҳои моддӣ хеле муҳимтар аст» [166, 25]. Дигаргунсозиҳои таърихии ҷаҳонии имрӯза моро маҷбур намуданд, то ин талаботро дарк созем, зеро ҳоло мо медонем, ки мо бояд бо иқтисодиѐти инсон машғул шавем.

Дурустараш, яъне, тақсимоти дахлдори одамон аз рӯи касб, ҷойгиркунии ҳар як истеъдод дар ҳамон ҷойи раванди эъҷодиѐти миллӣ, ки он дар он ҷо метавонад пурра ошкор карда шавад, ва имконпазир аст, ки фавти дардноки маҳоратҳо низ бартараф гардида, интихоби нодурусти касб аз миѐн бардошта шавад – вазифаҳои мазкур вазифаи педагогии тарбияи лаѐқатҳоро дар қатори мушкилотҳои муҳимтарини иҷтимоӣ-этникӣ ва хоҷагии халқ мебардоранд[122, 51].

Дарки истилоҳи «лаѐқатманд» дар тӯли садсолаи асри XX ба тағйиротҳои назаррас дучор омад. Дар аввал, ин мафҳум танҳо нисбати калонсолон истифода мешуд, ки дастовардҳои онҳо хеле назаррас буданд. Баъдан онро дар кӯдакон татбиқ намуданд, бо ба инобат гирифтани комѐбиҳои беназири онҳо дар раванди омӯзиш.

Аллакай дар солҳои 20-ум, равоншиносон истеъдодҳои ба ном махсусро ҷудо карданд: «техникӣ, тиҷоратӣ, илмӣ-академикӣ, бадеӣ, иҷтимоӣ ...» [73, 15-23].

Бо мурури замон, таърифи истеъдод хеле васеътар гардида истодааст. Ҳамин тавр, дар соли 1972, дар гузориши расмии Департаменти давлатии маорифи ИМА ба конгресс, таърифи зерин пешкаш карда шуд, ки онро мутахассисони амрикоӣ то ба имрӯз истифода мебаранд: таълимгирандагони лаёқатманд ва боистеъдод онҳое мебошанд, ки аз ҷониби одамони касбии омодагардида ҳамчун дорои нерӯи баланд барои ноилгардии комёбиҳои баланд бо назардошти қобилиятҳои барҷаста ошкор карда шудааст [13, 154].

Бо вуҷуди ин, чи тавре, ки таҳлили сарчашмаҳо нишон медиҳад, мафҳуми «истеъдод» то ҳол дар маъноҳои мухталиф истифода мешавад:

- –ҷузъи генетикии муайяншудаи қобилиятҳое, ки дар фаъолияти дахлдор инкишоф меёбанд ё дар ҳолати набудани он талафот меёбад” [119, 349];

- «қобилиятҳои барҷаста, имкониятҳои потенсиалӣ барои ноил гардидан ба натиҷаҳои баланд ва дастовардҳои аллакай намоиш дода шуда дар як ё якчанд соҳаҳо...» [7, 15];

- мафҳуми «лаёқатмандӣ» аз калимаи «ҳадя» ба вуҷуд омада, заминаҳои мусоиди дохилии махсусро барои рушд маънидод месозад» [48, 97];

- ин сифати низомноки рӯҳ мебошад, ки дар тӯли ҳаёти инкишоф, имкони ба даст овардани натиҷаҳои баландро (ғайриоддӣ, беҳамто) -ро дар як ё якчанд намудҳои фаъолият нисбат ба дигар одамон муайян мекунад [122, 5].

Ба андешаи К.Платонов [117, 81], «ҳама гуна лаёқат бе шакку шубҳа маҳорати хос нисбат ба ягон чизи дигар мебошад ...» умуман ягон «истеъдод» вуҷуд надошта, аммо майлҳои махсус нисбат ба ин ё он дигар фаъолият вуҷуд доранд». Дар изҳороти овардашуда, ба мисли изҳоротҳои пешин, истеъдод бо хусусиятҳои инфиродии рӯҳияи инсон, ки қобилиятҳо номида мешаванд, алоқаманд мебошад.

Ибораи «қобилият» дар забони русӣ ҳадди ақкал ду маъно дорад. Тибқи луғати тафсирии Д.Н. Ушаков [122]: 1) истеъдоди табиӣ, 2) қобилият, қобилият ягон кор кардан. Сифати –қобилиятнок” одатан дар маънои луғатии аввал фаҳмида мешавад (масалан, –толибилми боистеъдод”, –олими ҷавон қобилиятнок”). Дар ин ҳолат, ин истилоҳ ва –лаёқат” ба ҳам чунон наздиканд,

ки онҳоро ҳамеша фарқ кардан имконнопазир аст. Аммо инчунин боз як маънои дигари ибораи дар боло оварда шудаи «қобилият» вуҷуд дорад, вақте ки он метавонад натиҷаи таҷрибаи андӯхташударо ифода намуда пурра ба он шабоҳат дода шавад.

Мушкилоти қобилият ҳамеша таваҷҷӯҳи олимонро ба худ ҷалб менамуд. Дар ин самт асарҳои Б.Г.Ананиев, М.С.Лейтс, А.Н.Мящев, К.К.Платонов, С.Л.Рубинштейн, Б.М.Теплов ва дигарон хеле хуб маълуманд.

Ин муаллифон қобилиятҳоро ба таври муфассал шарҳ доданд. Аз ҷумла, С.Л.Рубинштейн [127, 49] таҳти мафҳуми онҳо чунин гуфтааст: «... ташаккули мураккаби синтетикӣ, ки як қатор маълумотҳоро дар бар гирифта, бе он шахс наметавонад ба ягон фаъолият қодир бошад, ва хосиятҳои хос, ки онҳо танҳо дар раванд ба тариқи муайяни фаъолияти муташаккилона таҳия мешаванд. «Олим таъкид кардааст, ки «қобилияти инсон ҳамеша дар ягон ягонагии хусусиятҳои умумӣ ва махсус (махсус ва ягона) дода шудаанд. Ба онҳоро дар зоҳир муқобилият намудан нашояд. Миёни онҳо фарқият ва ягонагӣ мавҷуд аст» [128, саҳ 238]. Мувофиқи консепсияи С.Л.Рубинштейн, истеъдоди умумии фард бо шароитҳои умумии шаклҳои пешсафи фаъолияти инсон мувофиқ омада дар дохили қобилиятҳои махсус ошкор мегардад.

Дар миёни пажӯҳишгарони «захираҳои инсонӣ» ҷои махсусро номи Б. М. Теплов ишғол мекунад. Аз ҷониби он, таҳлили нисбатан амиқи истеъдод ва қобилиятҳо анҷом дода шудааст [143; 144;]. Истеъдодро ҳамчун мувофиқии сифатан гуногуни маҳоратҳо муайян намуда, ки аз он татбиқи бомуваффақи фаъолият вобастагӣ дорад, ӯ чунин меандешид, ки «дар бораи истеъдоди умумӣ ба маънои васеъ, метавон ба доираи васеи фаъолият сухан гуфт» [143, 14-15]. Ҳамзамон, Теплов Б.М. қобилиятҳоро ба таври васеъ мефаҳмид. Аз ҷониби он [144] се аломати эмпирикӣ пешниҳод гардида буд, ки заминаи мафҳумро ташкил дода, аксар вақт мутахассисон мавриди истифода қарор медиҳанд: 1) қобилиятҳо - хусусиятҳои инфиродӣ-равоние мебошанд, ки як шахсро аз дигараш фарқ мекунанд; 2) танҳо он хусусиятҳое, ки ба муваффақияти иҷрои фаъолият ё якчанд фаъолият марбутанд; 3)

қобилиятҳое, ки ба дониш, малака ва маҳоратҳое, ки аллакай дар шахс таҳия гардидаанд марбут набошанд, гарчанде, ки онҳо осонӣ ва босуръатии гирифтани ин дониш ва малакаҳоро муайян мекунанд.

Умуман, чунин консепсия қариб аз ҷониби тамоми олимони соҳаи педагогика ва психология қабул карда мешавад, ки инчунин бо муайян кардани қобилиятҳо, ки дар манбаъҳои луғавии гуногун татбиқ карда мешавад тасдиқ карда мешавад [21, 83; 88; 127; 143 ва дигарон].

Ҳамин тавр, муваффақияти фаъолият хусусиятҳои шахсиро тақозо мекунад, ки К.К. Платонов [117, 91] -ро водор намуд, ки ба қобилиятҳо дилхоҳ хосиятҳои психикаро марбут намояд, ки дар ин ѐ он сатҳ муваффақиятро дар фаъолияти мушаххас таъмин мекунад. Аммо, В. М. Теплов [143; 182] инчунин ба он ишора менамояд, ки ба ғайр аз муваффақият дар фаъолият, қобилият суръат ва осонии фаъолиятро ҷоннок мегардонад.

Масъалаҳои қобилият дар асарҳои В. Д. Шадриков ба таври муфассал омӯхта шудаанд [160]. Ҳамин тавр, ин олим чунин мешуморад, ки мафҳуми «қобилият» категорияи психологӣ - мантиқии мушаххасѐфтаи таркиб мебошад. Ғайр аз он, ба андешеи В.Д.Шадриков, мафҳуми нисбатан умумие, ки воқеияти равониро тавсиф мекунад, мафҳуми низоми психо-функсионалӣ мебошад, ки раванди фаъолияташ (раванди равонӣ) ноилгардии баъзе натиҷаҳои фоиданокро барои шахс таъмин мекунанд. Азбаски раванди равонӣ (аз ҷумла раванди маърифатӣ) хусусияти муваққатии фаъолияти низоми дахлдор мебошад, В.Д.Шадриков қобилиятҳоро ба тафаккурӣ, даркӣ, хотиравӣ ва ғайраҳо тафриқабандӣ менамояд. Дар рисолаи олим инчунин мафҳуми «лаѐқатмандии умумӣ» низ истифода карда мешавад, ки вай ҳамчун мувофиқат барои доираи васеи фаъолият ѐ маҷмӯи қобилиятҳо муайян карда мешавад, ки аз онҳо муваффақияти намудҳои гуногуни фаъолият вобаста мебошанд.

Пас аз Б.М. Теплов, қобилиятҳои умумӣ ва махсусро Д. Н. Завалишинаро мавриди баррасӣ қарор дод [65]. Он қобилиятҳои умумиро бо шароити шаклҳои пешсафи фаъолияти инсон, ва қобилиятҳои махсусро

бошад - бо намудҳои алоҳидаи фаъолият пайваст мекунад. Чӣ тавре, ки мебинем, боз хатти ―юоҳиш додани фаъолият” гузаронида мешавад: қобилиятҳо на аз рӯи низоми равонӣ-функсионалӣ, балки аз рӯи намудҳои фаъолият ташаккул меѐбанд.

Консепсияи дигар дар он асос ѐфтааст, ки қобилиятҳо пурра бо муҳит ва тарбия муайян карда мешаванд. Ҳанӯз дар асри ХУШ., К. Гельвеций ақидаеро изҳор намуд, ки тавассути таҳсилот метавон нобиғонро ташаккул дод. Намояндагони он, аз ҷумла, У. Эшбии амрикоӣ эътироф менамояд, ки қобилиятҳо ва ҳатто нобиғаҳо бо хусусиятҳои ба даст овардашуда муайян карда мешаванд.

Намояндагони консепсияи сеюм чунин мешуморанд, ки қобилиятҳо дар фаъолият ҳангоми шароитҳои мусоиди иҷтимоии ҳаѐт ташаккул меѐбанд. Ғайр аз ин, мавҷудияти нишонаҳои истеъдодҳои инфиродии табиӣ метавонад ба ташкил ва рушди қобилиятҳои муайян мусоидат намоянд.

Дар луғати равоншиносӣ чунин шарҳ дода шудааст, ки: ―Қобилиятҳо - хусусиятҳои фардӣ-равонии шахсият мебошанд, ки шарти иҷрои ин ѐ он фаъолияти маҳсулнок мебошад. Қобилият дар раванди азхудкунии фаъолият дар он ошкор карда мешавад, ки то кадом андоза фард ҳангоми шароитҳои баробари дигар ба таври зуд ва бодиққат, осон ва мустаҳкам усулҳои ташкил ва татбиқи онро азхуд менамояд» [37].

Дар ҳошияи масъалае, ки аз ҷониби мо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, масъала оид ба таносуби мафҳумҳои истеъдод ва қобилият хеле муҳим мебошанд. Бояд тазаккур дод, ки аз ҷониби олимону муҳаққиқон таъкид карда шудааст, ки нишонаҳои қобилият аксаран хусусияти табиӣ доранд. Дар сурати бетаваҷҷуҳӣ ва нодида гирифтани аломатҳои қобилиятнокӣ ба андешаи психологон ин қобилиятҳо рушд намекунанд, сайқал намеѐбанд ва дар хулоса эҳтимоли зиѐд аст, ки аз байн раванд. Ҳамин тавр мафҳумҳои истеъдод ва қобилият – моҳиятан категорияҳои гуногун мебошанд.

Нишонаҳои истеъдод- ин  чунин имкониятҳои табиӣ мебошанд, ки метавонанд ба қобилиятҳо табдилшаванда ѐ табдилнашаванда бошанд. Нишонаҳои истеъдод ва қобилият – моҳиятан категорияҳои гуногун мебошанд. Маҳз ба ҳамин ҳолат Б.М.Теплов [143; 144;],  диққати худро равона сохта, ду ҳолатро ҷонибдорӣ намуд: 1) танҳо хусусиятҳои анатомӣ ва физиологӣ метавонанд ирсӣ бошанд, яъне нишонаҳои истеъдод, ки асоси рушди қобилиятҳо буда, худи қобилиятҳо бошанд ҳамеша натиҷаи рушд ба ҳисоб мераванд; 2) қобилиятҳо дар фаъолият «эҷод карда мешавад». «Муҳим он нест,»чуноне, ки он навиштааст», ки қобилиятҳо дар фаъолият зоҳир мешаванд, балки муҳим он аст, ки онҳо дар ин фаъолият эҷод мегарданд»

Дигар таҳқиқотгарон (Г.С.Костюк, А.Г.Ковалев, В.Н.Мясищев) чунин мешуморанд, ки таҳти мафҳуми нишонаҳои истеъдод бояд асосҳои табии ибтидоии қобилият, ки то ҳол рушд наѐфта, вале аз худ ҳангоми кӯшишҳои нахустини фаъолият дарак медиҳанд бифаҳмем.

Ба як мафҳуми дигар низ, яъне - «майлу хоҳиш» диққати худро равона месозем.

Майлу хоҳишҳо – ин кӯшиш буда, аст ва қобилиятҳо имконият мебошанд. Метавон чунин гуфт, ки майлу қобилиятҳо якдигарро дастгирӣ мекунанд (ѐ тақвият медиҳанд).

Дар ҳошияи мушкилоти лаѐқатмандӣ, ки аз ҷониби мо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, мулоҳизаи А.Г.Ковалев [75, 340] хеле шавқовар мебошад: «Майлу шавқҳо -  ин аломати аввалин ѐ пеш аз мӯҳлат, ѐ падидае мебошанд, ки қобилиятҳоро тавлид месозанд. Майлу рағбат дар кӯшиш, майли кӯдак ба ягон фаъолияти муайян (расмкашӣ, машғулияти мусиқӣ) зоҳир мешавад. Аксар вақт ин кӯшишҳо хеле барвақт мушоҳида гардида, шавқ ба фаъолият ҳатто дар шароитҳои номусоиди зиндагӣ низ ба вуқӯъ меояд. Ошкорост, ки майлу рағбат ба мавҷудияти заминаҳои муайяни табиӣ барои рушди қобилият дарак медиҳанд ... ».  Аз суханҳо гуфташуда чунин бармеояд, ки майлу хоҳиш аз қобилият пеш буда, яке аз омилҳои ҷиддии рушди охирин мебошад. Дар навбати худ, қобилиятҳо метавонад майлҳоро ҳидоят ѐ маҳдуд

созанд. Вале  дар ҳар сурат, қобилиятҳо хӯлаи табиӣ ва ба даст омадаро маънидод месозанд.

Чӣ тавр мафҳумҳои «қобилият» ва «истеъдод», «кӯдакони қобилиятнок» ва «хонандагони лаёқатманд» чи тавр бо ҳамдигар алоқамандӣ доранд?

«Таҳти мафҳуми кӯдаки лаёқатманд,- чи тавре, ки Н.С.Лейтес менависад,- дарки нисбат баланди омӯзиш ва истеъдодҳои нисбатан ифшогардида, нисбат ба ҳам синну солони он ҳангоми шароитҳои баробар фаҳмида мешавад» [87, 23].

Т.Хромова ва В. Юркевич [174, 68] хонандагони лаёқатмандро ба таври зайл муайян мекунанд: «Мо чунин кӯдакон ва наврасонеро боистеъдод мешуморем, ки сатҳи зеҳнӣ ва ҳавасмандӣ ба онҳо имкон медиҳад, то дар оянда дастовардҳои баланди касбӣ ва эҷодиро ба даст оранд.»

А. Савенков [129, 104] муносибати худро ба мушкилоти соҳибистеъдодии кӯдакон баён намуда, чунин менависад: «Лаёқатманд онеро метавон гуфт, ки истеъдоди он  аз баъзе қобилиятҳои миёна ва қобилияти аксарият бартар мебошад». Таърифҳои гуногунро ҷамъбаст намуда, метавон чунин гуфт, ки дар шакли умумӣ, истеъдодҳои кӯдакон ҳамчун сатҳи рушдёфтаи як ё якчанд қобилиятҳо муайян карда мешаванд, ки дар асоси онҳо кӯдак қобилияти ба даст овардани дастовардҳои назаррасро дар намудҳои муҳими иҷтимоии фаъолият доро буда, онҳо ӯро бо ин роҳ аз дигар намояндагони ин синну сол ҷудо месозанд.

Ба андешаи мо, сатҳи баланди рушди қобилиятҳоро «лаёқатмандӣ» гуфтан мумкин аст. Ҳамчун хонандаи болаёқат шахсе фаҳмида мешавад, ки дар омуӯзишу таълим ва дигар навъи фаъолиятҳо қобилияти аз меъёрҳои муқаррарӣ баландро нишон медиҳад.  Дар ин замина бояд таъкид намуд, ки рушди қобилиятҳои ҳар кӯдак инфиродӣ буда, давра ба давра сатҳаш боло рафта метавонад ва дар баъзе ҳолатҳо метавонад паст фарояд.  Ин ҳолатҳо пеш аз ҳама ба омилҳои сунну солӣ, шароити иҷтиомӣ, таъсири муҳити атроф ва таъсири бевоситаи омӯзгорон вобаста мебошад.  Чун анъана дар

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзгорон барои гузошанти фарқият дар дараҷаи қобилиятҳои хонандагон аксаран аз сатҳи қобилияти зеҳнии хонандагон истифода мебаранд.

Таҳқиқотҳои анҷомдодашудаи замони муосир нишон медиҳанд, ки дар сурати дуруст ба роҳ мондани кор бо хонандагон ташхису ошкор намудан ва муайян намудани қобилияти хонандагон имконпазир мебошад. Дар ин самт махсус қайд мегардад, ки ҳар хонанда дорои қобилият мебошад ва вазифаи омӯзгор ин муайян намудани он ва кӯмак расонидан дар рушди қобилиятнокии хонанда мебошад. Чунин қобилиятҳо умумӣ ва махсус мешаванд, ки дар байни онҳо қобилияти ақлонӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Дар муассисаҳои таълимӣ маҳз тавассути муайян намудани қобилияти ақлонӣ хонандагони болаёқат дарёфт карда шудаву байнпи онҳо тафовут гузошта мешаванд.

Рушди қобилиятҳои зеҳнӣ, пеш аз ҳама, бо рушди равандҳои маърифатӣ - хотира, дарк, тафаккур, хаёлот алоқаманд мебошад. Масъалаҳои рушди равандҳои фикрӣ аз синну соли кӯдакӣ то калонсолӣ ба бисёр консепсияҳо бахшида шудаанд. Мавқеъи махсусро дар ин омӯзиши қобилияти зеҳнии умумӣ, андозагирӣ ва рушди онҳо ишғол менамояд (Г.Айзенк, С.Барт, Ҷ.Брунер, Л.С.Выготский, Д.Векслер, Ф.Вернон, Д.Гилфорд, Е.А.Голубева, В.Н.Томпсон, Э.Торндик, П.Ҳамфрейс, В.Стерн, Ф.М.Юсупов, Л.Т.Ямпольский ва ғайра).

Дар назди худ вазифаи номбар кардани рӯйхати андешаҳои муаллифонеро, ки дар ин ё он дараҷа ба ин мавзӯъ мароқ зоҳир намуданд нагузошта, ба тавсифи мухтасар ва нисбатан қобили қабули мафҳуми «зеҳн, ақл» иктифо мекунем, ба сифати меъёр бошад параметри рафторро истифода мебарем.

Ба маънои васеъ, зеҳн, ақл – ин  ҳама фаъолиятҳои маърифатӣ мебошанд, ба маънои нисбатан маҳдуд бошад -  ин мафҳуми нисбатан пуррае мебошад, ки маҷмӯаи доираи қобилиятҳои ақлонии шахсро тавсиф мекунад [20; 44; 60; 75; 87; 154; 165; 174; 177 ва ғайра].

Ибораи «зеҳн, ақл» одатан ҳамчун синоними калимаҳои «лаѐқатмандӣ», «лаѐқатмандии ақлӣ» истифода мешавад. Дар робита ба ин, санҷишҳо оид ба ақлро –санҷишҳои лаѐқатмандӣ” номида, коэффисиенти зеҳнии IQ – ро - нишондиҳандаи қобилияти фикрӣ меноманд. Мувофиқи гуфтаҳои Н. С. Лейтес [88, 70], –ин табиӣ аст: чунки зеҳн, ақл дар ниҳоят-тавсифи соҳаи дарк, худи марказ, ядрои қобилияти ақлии инсон мебошад”.

Тибқи нуктаи назари бисѐр муҳаққиқон [7; 13; 20; 30; 42; 44; 60; 88; 97; 125; 142; 153; 160, 174 ва ғ.], қобилияти ақлӣ, нисбат ба қобилиятҳои махсус маъмул мебошанд. Онҳо ба заминаи рушди босуръати кӯдаконе, ки онҳоро аксар вақт соҳибистеъдод меноманд, такя мекунанд. Баъзе кӯдакон аз синну соли барвақт ҷиддан ба омӯзиш майл пайдо намуда, ба ҷустуҷӯ пардохта, баъзан фишори равониро талаб мекунанд.

Аксаран ин кӯдакони 3-4-сола метавонанд хонанд ва ҳисоб кунанд, ба машғулиятҳои равонӣ машғул шаванд. Таҷрибаҳои педагогӣ собит намуданд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ кӯдаконеро дарѐфт кардан мумкин аст, ки мустақилона хондаву навишта метавонанд, мисолу масъалаҳои арифметикӣ ҳал мекунанд, бо арифметикаи зеҳнӣ машғул мебошанд, аз калимаву ибораҳо ҷумлаҳои маънодор месозанд ва қобилияти оддитарини хулосабарорӣ ва таҳлилро доро мебошанд. Мо чунин дастовардҳои зеҳнии онҳоро ҳангоми суҳбат барои қабул ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мушоҳида намуда метавонем. Ин ҳолат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки чунин хонандагон бо нишон додани аломатҳои баръалои қобилиятҳои зеҳнӣ аз дигар ҳамсолони худ ба куллӣ фарқ мекунанд ва ниѐз ба таълиму тарбияи махсус доранд.

В.Штерн [165, 7] таърифи зерини боистеъдодии ақлониро пешниҳод месозад: «Истеъдоди ақлонӣ қобилияти умумии бошуурона равона сохтани тафаккури худ ба талаботҳои нав мебошад, қобилияти умумии ақлонӣ барои мутобиқ шудан ба вазифа ва шароитҳои нави зиндагӣ вуҷуд доранд.» Чунин мафҳум маҳоратнокии ақлиро аз дигар қобилиятҳои ақлӣ ба таври равшан ҷудо мекунад.

Фаъолнокии ақлонии хонандагони лаёқатмандро аз кӯдакони оддӣ фавран тафовут мебахшад.

Лейтес Н.С. яке аз аввалинҳоест, ки талаботҳои бебаҳои хонандагони лаёқатмандро барои фаъолияти зеҳнӣ тавсиф намуд. Вай ин талаботро «шавқ ба дониш» номид. Маҳз хоҳиш ба дониш - хусусияти аҷибтарини дилхоҳ фарзанди боистеъдод (новобаста аз синну сол, хосият, хислат, манфиатҳо, ҷинс, саломатӣ ва ғайра) мебошад [88, 21].

Фаъолнокии зеҳнӣ, ки ҳар як кӯдаки лаёқатмандро ба таври возеҳ тавсиф мекунад, муносибатҳои мустақимро ба рушди қобилиятҳо доро мебошад. Дар боло алоқамандии қобилият миёни нишонаҳои истеъдодҳо нишон дода шудааст. Бо вуҷуди ин, қобилиятҳо аз нишонаҳои истеъдодҳо ҳангоми як шароити ҳатмӣ инкишоф меёбанд: фаъолиятҳое, ки кӯдак бо онҳо машғул аст, бояд бо эҳсосоти мусбӣ ҳамроҳ бошанд, яъне шодмонӣ ва лаззат орад. Ба ин дар замони худ С.Л.Рубинштейн низ саривақт таваҷҷуҳ карда буд: «Қобилиятҳои умумиро одатан бо истилоҳи «истеъдод» ишора менамоянд; дар адабиёти хориҷӣ онро одатан бо ақл шабоҳат медиҳанд [127, 82]. Аммо бояд гуфт, ки агар таҳти лаёқатмандии умумӣ маҷмӯи ҳамаи сифатҳои шахсро, ки аз он маҳсулнокии фаъолияташ вобаста аст, бифаҳмем, пас ба он на танҳо ақл, балки инчунин дигар хосиятҳо ва хусусиятҳои шахс дохил мешаванд, алахусус соҳаи ҳиссиёт, ҳарорати ҳиссиётии таъсирпазирӣ, оҳанг, суръати фаъолият ва ғайра.»

***Ҷадвали №1 Намудҳои истеъдод***

| **Меъёрҳо** | **Намудҳои истеъдод** | |
|---|---|---|
| Намуди фаъолият ва таъминкунандагони соҳаи равонии он | Амалӣ, назариявӣ, бадеӣ-эстетикӣ, иртиботӣ-маънавӣ, зеҳнӣ, эҳсосӣ, ангезишӣ | |
| Сатҳи ташаккули истеъдод | Мубрам | Нерӯманд |
| Шаклҳои зуҳурёбӣ | Ошкор | Пинҳон |
| Васеъгии зуҳур ва намудҳои гуногуни фаъолият | Умумӣ (зеҳнӣ) | Махсус |
| Хусусиятҳои рушди синну солӣ | Барвақт | Дер |

Ҷ.Рензулли [125, 303-326] қайд месозад, ки истеъдод, маҷмӯи компонентҳои ба ҳам алоқаманд ба ҳисоб мераванд, ки онҳо набояд аз рӯи як тавсиф ошкор сохт. Дар ин асно, аз ҷониби ӯ каҷхаттаҳои арзѐбии хусусиятҳои рафтории таълимгирандагони болаѐқат дар соҳаҳои маърифатӣ, ҳавасмандкунӣ, эҷодӣ ва роҳбарӣ инчунин ―модели се ҳалқаи истеъдодҳо" (расми № 1) пешниҳод гардид.[125, 42]. Он се ҷузъро дар бар мегирад: зеҳни аз миѐна боло, ҳавасмандии мукаммал ва «эҷодкорӣ» .




***Расми №1. Модели секутбии лаѐқатмандии Ҷ. Рензулли***

1 - қобилияти зеҳнии аз миѐна баландтар;

2 - завқ ба супориш;

3 - қобилиятҳои эҷодкорӣ.

Зуҳуроти лаѐқатмандии ақлии кӯдакон ва наврасонро бидуни назардошти нақши соҳаи талаботӣ-ҳавасмандгардонӣ, ки дар сатҳи баланди ғайриоддӣ ва дар беҳамто будани фаъолияти ақлии онҳо зоҳир мегардад, фаҳмидан ғайриимкон мебошад. Мувофиқи андешаҳои Н.С.Лейтеса [88, 107], ―лаҳзаҳои талаботии ҳавасмандкунанда на танҳо ба фаъолияти зеҳнӣ таъсир мерасонанд, балки онҳо бевосита ҳавасмандкунанда буда, ангезаҳои ибтидоии раванди маърифатӣ мебошанд".

Дар солҳои охир, дар рисолаҳои таҳқиқотчиѐни хориҷӣ ва ватанӣ ба таври возеҳ ишора карда шуд, ки тамоюлҳои истеъдодҳои умумӣ ҳамчун истеъдодҳои эҷодӣ [7; 13; 39; 88; 97; 125; 142; 160 ва дигарон] баррасӣ карда шаванд. Ҳамин тавр, тибқи консепсияи таҳиягардидаи А.М.Матюшкин, сохтори равонии истеъдод бо унсурҳои сохторӣ, ки эҷодиѐт ва рушди эҷодии шахсро тавсиф мекунанд, мувофиқат мекунанд. Истеъдод аз ҷониби онҳо

ҳамчун заминаи умумии эҷод дар дилхоҳ касб, илм ва санъат баррасӣ карда мешавад [98, 121].

Дар адабиёти илмӣ талабот оид ба фаъолияти зеҳнӣ бо истилоҳҳои гуногун ишора карда мешавад - фаъолнокии зеҳнӣ, талаботҳои зеҳнӣ, талаботҳои таҳқиқотӣ. Онҳо аз ҷиҳати маъно наздик буда, вале то андозае ба ҳам шабоҳат надоранд.

Мо дар муҳокимаҳои худ истифода намудани истилоҳи «талаботи маърифатӣ»-ро афзалтар шуморида таҳти мафҳуми он майли баландро ба меҳнати ақлӣ, талаботи воқеъиро ба талошҳои зеҳнӣ хоҳем фаҳмид. Талаботҳои маърифатӣ, пеш аз ҳама, бо фаъолнокӣ тавсиф карда мешаванд: шахс шахсан тағйиротҳоро оид ба таассуротҳо, маълумоти навро ҷуста, эҳтиёҷро дар худи раванди маърифат эҳсос мекунад. Ин талабот инчунин бо он фарқ мекунад, ки ба даст овардани донишҳои нав онро қаноат накарда, балки, баръакс, онро қавӣ мегардонад. Ба андешаи Н.С.Лейтеса [88, 64], талаботҳои маърифатӣ дар шакли тараққӣ ёфта «сероб» мешаванд. Ба ин маъно, он аз дилхоҳ талаботҳои органикӣ фарқ мекунад. Он ба мисли маърифат, номаҳдуд мебошад.

Талаботҳои маърифатӣ метавонанд аз рӯи фаъолнокии зуҳурот ва сатҳи рушд фарқ кунанд. Ҳамин тавр, сатҳи аввалро метавон сатҳи талабот оид ба таассуротҳо номид. Сатҳи дуюми рушди талаботҳои маърифатӣ ба кунҷковӣ алоқаманд мебошад. Ва дар ниҳоят, сатҳи саввуми талаботҳои маърифатӣ – ин сатҳи мақсаднкои фаъолнокии маърифатӣ мебошад. Дар заминаи талаботҳои шахс, манфиатҳо пайдо мешаванд, яъне - муносибатҳои интихобӣ ба объект, бо назардошти аҳамияти ҳаётӣ ва ҷолибияти эҳсосии он.

Дар асоси ҳадафҳое, ки мо мавриди таҳқиқот қарор додем, аҳамияти муҳимро барои муайян кардани шахсияти боистеъдоди кӯдак манфиатҳои маънавӣ(рӯҳонӣ) доро мебошанд, ки сатҳи баланди инкишофи онро тавсиф мекунанд. Манфиатҳои маънавӣ (рӯҳонӣ) - ин пеш аз ҳама манфиатҳои маърифатӣ (нисбат ба математика, биология, химия, санъат ва ғайра) мебошанд. Онҳо метавонанд мустақим (таваҷҷӯҳ ба раванди шинохтан,

азхудкунии дониш, раванди эҷодкорӣ) ва ғайримустақим (таваҷҷӯҳ ба натиҷаҳои фаъолият) бошанд.

Ба таълимотҳои П.К.Анохин, А.Г.Иванов-Смоленский, И.П.Павлов, А.А.Ухтомский, равониншиносон ва омӯзгорон (В.Г.Боброва, Л.И.Божович, Н.Ф.Добринин, А.В.Запорожец, В.М.Межевский, Г.И.Щукин ва дигарон) дар як қатор асарҳои худ асосҳои илмҳои табиро мавриди таваҷҷӯҳ қарор дода, алоқаи онро бо дигар хислатҳои шахсият баррасӣ мекунанд (Б.Г.Ананьев, П.И.Иванов, К.Н.Корнилов, С.Л.Рубинштейн, П.А.Рудик ва дигарон) инчунин нақши шавқро ҳамчун ангеза ва воситаҳои таълими таълимгирандагон муайян мекунанд (М.А.Данилов, Б.П.Есипов, Г.И.Щукина, Р.Г.Лемберг ва дигарон).

Аз ин рӯ, таҳияи мушкилоти лаѐқатмандӣ дар таҳқиқотҳои равонӣ ва педагогӣ, ба назари мо, набояд ҳамчун як вазифаи хусусӣ баррасӣ карда шавад. Ин масъала ба кулли низоми амалкунандаи таълим тааллуқ дорад.

## 1.2. Аҳамияти таҳсилоти иловагӣ дар дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат

Дар замони муосир масъалаи татбиқи дастовардҳои илмиву техникӣ ва технологияи муосир ба яке аз омилҳои муҳими тавсеаи рақобатпазирӣ ва ҳарчи муассир кардани нуфузи кишварҳо дар арсаи ҷаҳон табдил ѐфтааст. Дар ин давра маҳз давлатҳое ба комѐбӣ ноил мегарданд, ки ба рушди соҳаи маориф ва инкишофи илму технология ва ворид намудани инноватсия диққати бештар медиҳанд. Ҳамчунин бояд дар назар дошт, ки замони ҷаҳонишавӣ таҳкими иқтидори зеҳниро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, инкишофи ҷомеа, тараққиѐти устувори иқтисодӣ, беҳбудии иҷтимоӣ ва умуман ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, техника, технология ва илму фарҳанг пеш аз ҳама ба рушди босуботи маориф, ташкили раванди бонизом ва босифати таҳсилот ва дастгириии наврасону ҷавонони болаѐқат вобаста мебошад.

Дар чунин шароит хонандагони мо бояд бо асосҳои илму дониши замонавӣ мусаллаҳ гарданд, дар баробари забони модарӣ якчанд забонро донанд, бо техникаву технологияи ҳозиразамон муносибат карда тавонанд, зеро рушду тараққиѐти мамлакат бевосита ба саъю талоши насли созандаву эҷодкор ва болаѐқату соҳибистеъдод алоқаманд аст. Ташаккули нерӯи зеҳнии дорои ҷанбаи эҷодӣ, навовариву ихтироъкорӣ ва рақобатпазир гардонидани тафаккури шахсият аз овони кӯдакӣ ва наврасӣ, яъне аз боғчаи кӯдакон ва мактаби миѐна оғоз гардида, дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ тақвият меѐбад

Аз ин рӯ, низоми таҳсилоти иловагӣ барои хонандагон имконияти амиқ омӯхтани фанҳои алоҳидаро фароҳам оварда, дар самти аз худ намудани малакаҳои ибтидоии касбӣ мусоидат менамояд. Маҳз таҳсилоти иловагӣ ҳамчун ҷузъи низоми таҳсилот инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодӣ ва истеъдоди таълимгирандагонро фориғ аз таълим таъмин намуда метавонад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳиммияти таҳсилоти иловагиро барои хонандагон махсус қайд намуда, ҳангоми суханрониашон ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави

Академияи Вазорати корҳои дохилӣ аз 30 августи соли 2017 аз ҷумла зикр намуданд, ки: ―Барои амалӣ намудани ин тадбирҳои муҳим зарур аст, ки ба таҳсилоти иловагӣ ҳамчун қисми таркибии раванди донишомӯзӣ ва интихоби касб эътибори ҷиддӣ дода шавад, зеро ҳадафи он, пеш аз ҳама, рушди қобилияту истеъдоди кӯдакон ва наврасону ҷавонон мебошад.

Мо бояд на танҳо аз марказҳои таҳсилоти иловагӣ самаранок истифода намоем, балки дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ маҳфилҳои гуногуни эҷодиёти техникиву бадеӣ, санъати амаливу ороишӣ, варзишӣ, шоҳмотбозӣ, сайёҳиву кишваршиносӣ, биологиву экологӣ, гуманитарӣ ва монанди инҳоро ба роҳ монем" [139].

Ҳадаф аз ташкили корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ фароҳам овардани шароит ба ташаккули донишандӯзӣ, касбомӯзӣ ва забономӯзии таълимгирандагон дар муҳити мусоиди педагогӣ мебошад. Таҳсилоти иловагӣ дар фарҳанги мо аз замонҳои хело пеш маълум буд. Аз сарчашмаҳои таърихӣ-адабӣ мисолҳои зиёде овардан мумкин аст, ки ниёгони мо дар тарбия ва инкишофи кӯдак ба ғайр аз тадрис дар мадрасаҳо, инчунин барои фарзандони худ устодони дигари шахсиро барои ташаккул додани малакаҳои шиновариву тирандозӣ, аспторзиву чавгонбозӣ ва амсоли он ҷалб намуда, дарсҳои иловагӣ ташкил менамуданд.

Дар ―Қобуснома" дар боби ―Парвариши фарзанд ва оини он" омадааст: ―Чунон ки ман даҳсола шудам, моро ҳоҷибе буд...ва фурусият (саворӣ) некӯ донистӣ. Ва ходими ҳабашӣ буд, Райҳон ном дошт, вай низ некӯ донистӣ. Падарам маро бад-он ҳар ду супурд, то маро савориву найза бохтан ва зӯбин андохтану чавгон задан ва тобтоб андохтан ва каманд афкандан ва ҷумла ҳар чӣ дар боби фурусият ва руҷулият буд, биёмӯхтам" ва ё дар ҷойи дигар ―Ба ду маллоҳи ҷалд аз Обисгун бивард ва маро бад-эшон супурд, то маро шино биёмӯхтанд.." [12; 93].

Мувофиқи маслиҳати Ҳусайн Воизи Кошифӣ вақте тифл рушд мекунад, падару модар вазифадоранд, ки аз пайи таълими ӯ шаванд. Таълиму

тарбияи дурусти фарзанд яке аз рисолатҳои падару модар мебошад. Дар давраи аввал муаллими динӣ бояд Қуръон ва ахлоқро омӯзонад. Баъд ба таълими ӯ бояд омӯзгори дунёдида, озмудашуда, ҳимматбаланд, ки хидмати подшоҳонро кардааст, машғул шавад. Ба ӯ дарси адабу ахлоқ, зиракию ҳушёрӣ, адабиёт ва санъат диҳад [12;104].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти иловагӣ ҷузъи таркибии низоми таҳсилот буда, мақсади он инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодӣ ва истеъдоди таълимгирандагон, қонеъ гардонидани рағбат, эҳтиёҷоти маънавӣ ва талаботи онҳо ба интихоб ва гирифтани касб ҳангоми фориғ будан аз таълим дар муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Низоми таълими хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо розигии падару модар дар асоси принсипҳои дастрас будани таҳсилоти иловагӣ барои таълимгирандагон дар доираи стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, таҳсил, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкии онҳо, ихтиёрӣ будани интихоби шакли муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ва хусусияти илмӣ, дунявӣ ва башардӯстона доштани таҳсилоти иловагӣ амалӣ гардонида мешавад.

Дар моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ―Дар бораи маориф” шаклҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номбар карда шудаанд, ки чунинанд: марказҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон; академияҳои хурди илмҳо; қасрҳо, стансияҳо, клубҳои кӯдакон ва наврасон; мактабҳои касбии варзишӣ, ҳунарӣ, бадеӣ, мусиқӣ ва рассомӣ; курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ; хонаҳо, студияҳои эҷодиёти кӯдакон ва наврасон, лагерҳои варзишӣ ва сайёҳӣ; мактабҳои варзишии кӯдакон ва наврасон, мактабҳои махсуси захираҳои олимпии кӯдакону наврасон, клубҳои варзишии кӯдакон ва наврасон, варзишгоҳҳои кӯдакона; клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маҳалли зист; клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маъюбон; муассисаҳои солимгардонӣ, мактабҳои маҳорати баланди варзишӣ, марказҳои омодагии олимпӣ; муассисаҳои таълимии ибтидоии махсуси

бадеӣ; муассисаҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва дигар муассисаҳое, ки иҷозатномаи дахлдор доранд [83].

Дар мамлакат фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти иловагӣ" ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудаанд ва ҳамчун низоми мустақили таълимӣ таҳсилоти ибтидоӣ, асосӣ ва миёнаи умумии таълимгирандагонро пурра мегардонад ва барои интихоби касб замина мегузорад.

Дар банди 6-и Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, таҳти №93 тасдиқ шудааст, дар назди муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо мақсади амалӣ намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба таълим вазифаҳои зеринро гузошта шудааст: тарбия ва таълими шаҳрвандон; инкишофи озодона ва ташаккули таҷрибаи иҷтимоию ҷамъиятии шахсият; тарбия дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ватандӯстӣ ва эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; инкишоф додани ҳисси эҳтиром ба урфу одат, расму оин, анъанаҳои мардумӣ ва арзишҳои миллӣ; ташаккули муносибати эҳтиромонаи таълимгирандагон нисбат ба оила ва ҷомеа; фароҳам овардани шароит барои инкишофи эҷодӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ҷисмонии таълимгирандагон; ташаккули муносибати бошуурона ва масъулиятноки таълимгирандагон ба муҳити зист ва ҳифзи он; қонеъ гардонидани талаботи таълимгирандагон ба интихоби касб; дастгирии таълимгирандагони боистеъдод; ташаккули тарзи ҳаёти солими таълимгирандагон; амалӣ намудани чорабиниҳои иттилоотию методӣ, ташкилию оммавӣ ва фарҳангию маърифатӣ; такмили худфаъолиятӣ ва худидоракунии таълимгирандагон; фароҳам овардани шароит барои фаъолияти эҳсонкории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади рушди таҳсилоти иловагӣ; таъмин намудани ҳамоҳангии фаъолияти ташкилоту муассисаҳо, вазорату кумитаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, раёсатҳои маориф,

шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ баҳри рушду нумӯи муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ; таъмини фаъолияти воситаҳои ахбори омма барои таблиғоти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ [107].

Афзалияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар он зоҳир мегардад, ки машғулиятҳо дар онҳо дар асоси барномаҳои таълимиву тарбиявӣ, нақшаҳо ва воситаҳои таълимиву тарбиявӣ бо истифодаи шакл ва усулҳои муосири таълим аз ҷониби омӯзгорон (роҳбарони маҳфилҳо) ва мутахассисон мустақилона ташкил карда мешаванд.

Давомнокии машғулиятҳо дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ муайян шудаанд. Дар асоси банди 15-и Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, таҳти №98 тасдиқ шудааст, машғулиятҳо дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар шакли гурӯҳӣ, инфиродӣ ё бо тамоми ҳайати иттиҳодия гузаронида мешаванд. Давомнокии машғулиятҳо дар маҳфилҳо (ба истисноӣ маҳфилҳои яккахонию мусиқӣ) 2-3 соати академӣ бо танаффуси 5-10-дақиқагӣ баъди ҳар 45 дақика муқаррар карда мешавад [107].

Қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №353 «Дар бораи Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020» дар рушди таҳсилоти иловагӣ ва кор бо хонандагони болаёқат такони ҷиддие дода, дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ташкил карда шуд [16]. Бо мақсади иҷрои нақша - чорабиниҳо оид ба татбиқи «Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020» аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор корҳо ба иҷро расидаанд.

Яке аз ҳадафҳои Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020 ин таъсиси марказҳои рушди истеъдодҳо буда, бо таъсис ёфтани марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ шароити мусоиди таълимию тарбиявӣ ташкил гардида, марказҳои мазкур барои дарёфти хонандагони лаёқатманд ва омода намудани

онҳо ба олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, алалхусус, дар мактабҳои Президентӣ, гимназия ва литсейҳо барои хонандагони болаѐқат, ки дарѐфт ва рушди хонандагони болаѐқатро таъмин менамоянд, корҳои назаррасро ба сомон мерасонанд. Аз ҷумла, марҳила ба марҳила бо ҷалби омӯзгорони варзида ва таҷрибадошта гузаронидани даврҳои интихобии олимпиадаҳо аз фанҳои математика, физика, химия, биология, технологияи иттилоотӣ, география ва ташкил намудани дарсҳои иловагию корҳои лабораторӣ ҷиҳати боло рафтани сатҳи дониши хонандагон барои вусъати ҳаракати олимпӣ, дарѐфт ва шинохти истеъдодҳо ва ба ин васила, дар оянда муайян намудани захираҳои зеҳнӣ мусоидат менамояд. Ҳамин тавр, дар ҷумҳурӣ 72 Маркази дарѐфт ва рушди истеъдодҳо бо 650 маҳфили фаннӣ ташкил шуда, дар онҳо 9610 нафар хонандагони болаѐқат ба таҳсилоти иловагӣ фаро гирифта шудаанд.

**Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо соли 2007 таъсис ёфта,** бо қабул гардидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №353 «Дар бораи Барномаи давлатии дарѐфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020» имконияти дар вилоятҳо ва 68 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ марказҳои таълимиву илмии махсусгардонидашуда ва марказҳои эҷодиѐти техникӣ барои хонандагони лаѐқатманд таъсис дода, дар онҳо шароити муосири таълиму тарбия муҳайѐ карда шудааст, ки самти асосии кори онҳо ба таҳсилоти иловаги фаро гирифтани хонандагони болаѐқат ва омода намудани онҳо ба олимпиаҳои фаннӣ мебошад.

Барои кор бо хонандагони лаѐқатманд ва ҳалли масъалаҳои мураккаби омода кардани онҳо ба ҳаѐти бомуваффақият, кадрҳои ботаҷриба лозиманд. Дар сурати норасоии кадрҳо барои кор бо хонандагони лаѐқатманд танҳо муайянсозии лаѐқатмандии онҳо, ҳатто агаар таври касбӣ анҷом дода шавад ҳам, бемаънӣ мегардад.

Инҷо сухан дар бораи омодагӣ ба фаъолияти касбӣ ҳамчун ҳолати рӯҳӣ ва фаъолсозии шахс меравад, ки ба омӯзгор имкон медиҳад, ҳадафҳои худ, баҳодиҳии шароити мавҷуда, муайян кардани усулҳои эҳтимолии амал;

пешгӯии талошҳои ҳавасмандӣ ва зеҳнӣ, эҳтимолияти ба даст овардани натиҷаҳо, сафарбар кардани қувваҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳоро дарк намояд. [8].

Захираи назарраси коркардҳои муосири илмӣ, амалӣ ва методӣ оид ба масъалаи тайёр кардани омӯзгор барои кор бо хонандагони лаёқатманд аллакай ҷамъ оварда шудааст (Ю.З.Гилбух, В.О.Моляко, О.Л.Музыка, М.М.Кашапов, И.Н.Татаринова, Г.Ю. Ульянова, Л.В.Шавинина ва гайра). Муҳаққиқон ҳангоми омода кардани омӯзгор ба ин кор ду марҳиларо ҷудо мекунанд:

Ба даст овардани маълумот дар бораи истеъдод, навъҳои он, хусусиятҳои инкишоф; таълими ибтидоии шахсияти лаёқатманд. Омодагии бевоситаи омӯзгор барои кор бо хонандагони лаёқатманд.

Муаллифи рисола тадқиқот гузаронидааст, ки дар он ёздаҳ муассисаи таълимии навъҳои гуногун мактабҳои таҳсилоти умумӣ, литсей , гимназияҳо ва муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо равияву самтҳои гуногун бо хонандагони синну соли гуногун (мактаби ибтидоӣ, асосӣ, миёна) иштирок кардаанд. Дар доираи тадқиқот бояд муайян карда мешуд, ки оё системаи дастгирии хонандагони лаёқатманд дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ вуҷуд дорад ва агар вуҷуд дошта бошад, пас кадом шаклҳои кор ин системаро инъикос мекунанд, кадом технологияҳо (усулҳои) муосири таълимӣ дар раванди кор бо хонандагони лаёқатманд истифода мешаванд.

Тадқиқоти гузаронидашуда аз рӯи модели зерин гузаронида шуд: ЭЪТИРОФ – ИНКИШОФ – АМАЛ КАРДАН. Модели пешниҳодшуда ба консепсияи «истеъдод» асос ёфтааст. «Истеъдод - ин хусусияти системавии равонӣ мебошад, ки дар тӯли ҳаёт инкишоф меёбад ва имкони ноил шудан ба натиҷаҳои баландтар нисбат ба одамони дигар дар як ё якчанд намуди фаъолиятро муайян мекунад» [13, 93].

Яке аз омилҳои муваффақият дар раванди кор бо хонандагони лаёқатманд ин маҳорати шинохти истеъдод мебошад. Саривақт муайян

кардани нишонаҳои лаёқатмандӣ то чӣ андоза муҳим аст? Ба омӯзгор омӯзонидани маҳорати шинохти лаёқатмандӣ муҳим аст?

Азбаски на танҳо истеъдоди возеҳ (зуҳурёфта) (тақрибан 1-3% аз шумораи умумии кӯдакон), балки истеъдоди ниҳон (тақрибан 20-25%) вуҷуд дорад, маълум аст, ки касе бе ташхиси психологию педагогӣ аз уҳдаи шинохти лаёқатмандӣ намебарояд. «Бадбахтии инсоният, - чунон ки В. Эфроимсон гуфтааст, — на дар набудани истеъдоди ирсӣ, балки дар саривақт кашф ва инкишоф надодани онҳо мебошад» [31, 10].

Ин кор аз омӯзгор салоҳияти баланди касбиро талаб мекунад ва зери мафҳуми “салоҳияти баланди касбӣ” на танҳо доштани маълумот дар бораи хусусиятҳои лаёқатмандии кӯдакон, сатҳҳои рушд ва меъёрҳои баҳодиҳии қобилият, балки мавҷудияти малака ва маҳорати муайян намудани хонандагони лаёқатманд аз рӯи аломатҳои лаёқатмандӣ ва соҳибистеъдодӣ бо назардошти намудҳои лаёқатмандӣ дар назар дошта шудааст. Ин маҳорат бевосита ба зарурати истифодаи шаклҳои мувофиқи муайянсозии лаёқатмандии кӯдакон, ки таҳлили бисёрҷанбаи раванди инкишофи кӯдакро дар муддати кофӣ, инчунин истифодаи усулҳои ташхиси дурустро дар бар мегирад, алоқаманд аст.

Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки 55 фоизи намояндагони маъмурият ва 70 фоизи омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, ки дар пурсиш ширкат доштанд, мавҷудияти системаи муайянсозии лаёқатмандиро тасдиқ мекунанд, вале танҳо ҳудудан 10 фоизи пурсидашудагон гуфтаанд, ки ҳангоми муайян кардани истеъдод якчанд омилҳо ба назар гирифта мешаванд. Аксарият “системаи муйаянсозии лаёқатмандии кӯдаконро” танҳо ба мушоҳида ва 22,9% ба таҷриба ва интуитсия асоснок мекунанд. Ин ҳолат ба объективӣ будани чунин «система» ва самаранокии равишҳои амалӣ дар муайян кардани лаёқатмандӣ шубҳаҳоро ба вуҷуд меорад.

Омили дуюми муваффақият дар раванди кор бо хонандагони лаёқатманд маҳорати ИНКИШОФИ лаёқатмандӣ мебошад. Танҳо муайян кардани лаёқатмандӣ ба касе лозим нест, балки ин восита ва нуктаи аввалини

ҷудо кардани кӯдаконе мебошад, ки ба низоми умумӣ мувофиқ нестанд. Бо ибораи дигар, муайянсозии лаёқатмандӣ ҳанӯз оғози кор бо кӯдакони болаёқат нест. Истеъдод як падидае боқӣ мемонад, ки ҳам ба қобилиятҳои модарзод ва ҳам аз шароити беруна вобастагӣ дорад. Ва танҳо омезиши шароити оптималии берунӣ ва истеъдоди модарзодӣ натиҷа дода метавонад. «Агар лаёқатҳо рушд наёбанд, ҷомеа ҳатман худро ба бунбасти бешумор ва мушкилоти ҳалнашаванда дучор хоҳад кард» [10, 18-19].

Инкишофи лаёқатмандӣ фароҳам овардани шароити оптималии тарбия ва таълимро дар назар дорад. Лаёқатмандӣ барои он муайян карда мешавад, ки ба кӯдакони дорои лаёқат таълими мувофиқ дода шавад. Лаёқатмандӣ на танҳо маҷмӯи хусусиятҳои равонӣ ва сифатҳои шахсӣ, балки ҳамчун системае маънидод карда мешавад, ки дар маҷмуъ равони инсонро тавсиф мекунад. Аз ин рӯ кор бо хонандагони лаёқатманд бояд ба рушди ҳамаи ҷузъҳои сохтории система: зеҳнӣ, эмотсионалӣ ва ҳавасмандкунӣ-ихтиёрӣ равона карда шавад. Ин равиш қадамҳои зеринро дар бар мегирад:

- таҳияи барномаи дастгирии кӯдаконии лаёқатманд, ҷалби волидон ба татбиқи он;

- ташвиқ ва тасдиқи мустақилият ва эътимод ба қувваҳои онҳо, ҳавасмандкунӣ барои худтаҳлилкунӣ ва мулоҳизаронӣ;

- таҳияи «хатсайри (маршрути) таълимӣ»-и инфиродӣ (бо назардошти синну соли мушаххас ва қобилиятҳои инфиродии кӯдак);

- ба таври муназзам татбиқи худтаҳлилкунии педагогӣ, худназораткунӣ, рефлексия.

Маълумоти пурсишнома нишон дод, ки 35%-и роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба мавҷудияти ягон намуд кори мунтазам дар созмони онҳо, ки ҷиҳати дастгирии лаёқатманд нигаронида шудаанд, шубҳа доранд. Роҳбарони ин муассисаҳо ва омӯзгорон баргузории мусобиқаҳо, озмунҳо, олимпиадаҳоро шаклҳои асосии дастгирии лаёқатмандӣ меҳисобанд.

Аксарияти мутлақи омӯзгорон як қатор усулҳо ва технологияҳои истифодашавандаро қайд карданд: усули лоиҳавӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, технологияҳои ҳифзкунандаи саломатӣ ва ғайра. Аммо аксари усул ва технологияҳои зикршуда усулҳои педагогии умумӣ буда, дар кор бо категорияҳои гуногуни хонандагон истифода мешаванд. Усулҳо ва технологияҳои мушаххасе, ки аслан барои кор бо хонандагони лаёқатманд пешбинӣ шудаанд ё барои чунин кор мутобиқ карда шудаанд, пешниҳод нагардиданд. Ин маънои онро дорад, ки омӯзгорон маълумоти зарурироро надоранд ва аз ин рӯ наметавонанд онро дар фаъолияти касбии худ истифода баранд.

Муҳимтарин омили муваффақияти кор бо хонандагони лаёқатманд ин маҳорати омӯзгор аст, ки ба кӯдак БАРОИ ТАТБИҚ НАМУДАНИ ИСТЕЪДОДИ худ кӯмак расонад. Чи тавре ки амалия нишон дод, танҳо як қисми хурди хонандагони лаёқатманд вақте  ба воя мерасанд, муваффақият ба даст меоваранд. Сухани маъмул: «Истеъдод хамеша рохи худро меёбад» афсона аст. На ҳар як лаёқатмандӣ қобилияти амалӣ шуданро дорад! Эҳтимол, «аз ҳазор нобиғаи эҳтимолӣ 999-тоаш маҳз ба далели рушд наёфтан ва аз 1000 нафари рушдёфта 999-тоаш дар марҳилаи татбиқ хомӯш шудаанд» [56, 77].

Сабаби ин вазъият дар он аст, ки лаёқатмандӣ сохтори нозуки дохилишахсӣ аст ва агар чизе дар он вайрон шавад, истеъдод маҳфуз мегардад. Агар инсон фикр кунад, ки ӯ лаёқат дошт, аммо лаёқатмандиҳои ӯ татбиқ нагаштанд, ӯ ин ҳолтаро чун фоҷеа аз сар мегузаронад ва баъзан натиҷаи воқеан ҳам фоҷеабор мешавад.

Барои пешгирии вайроншавии ташаккули шахсият ва ёрӣ расонидан ба кӯдаки лаёқатманд барои пайдо кардани худбинии мусбӣ ва баҳои воқеӣ додан додан ба қобилиятҳои худ, омӯзгор бояд зимни муошират бо кӯдаки лаёқатманд онҳоро бовар кунонад, ки кӯдак қадрдонӣ шудааст,  калонсолон ӯро ҳамчун шахсияти дар оянда бузург мебинанд, на ин ки ҳамчун –маҷмӯи қобилиятҳо ва дастовардҳои барҷастаи муайян” [52, 14-21].

Худи мазмуни барномаҳои таълимии иловагӣ бояд на танҳо ба қонеъ гардонидани талаботи инфиродии хонандагон (интеллектуалӣ, бадеӣ ва эстетикӣ, варзишию фароғатӣ, эҷодиѐти илмию техникӣ ва ғ.) мувофиқи хоҳиши худи онҳо, балки ба эҷоди шароити зарурии инкишофи шахсии хонандагон, иҷтимоишавии мусбӣ а худмуайянкунии касбӣ равона гардида бошад.

Ҳангоми кор бо хонандагони лаѐқатманд омӯзгор бояд дар хотир дошта бошад, ки худи истеъдод не, балки татбиқи он арзишманд аст. Аз ин рӯ, дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ба ғайр аз инкишофи шахсияти кӯдаки лаѐқатдор (муайян кардан ва ошкор намудани аслият ва хусусияти фардии қобилияти ӯ) мақсадҳои зеринро метавон ҳамчун афзалиятҳо муайян кард:

- рушди ҷузъи равонии истеъдод: ҳавасмандкунӣ, худтанзимкунӣ, рушди шахсӣ (тренингҳои махсус метавонанд ба ин равона карда шаванд, масалан, барномаҳои таълимии: ―Ҷустуҷӯи ҳалли эҷодӣ”, ―Роҳбарӣ”, ―Стратегияи ҳаѐт ва гузоштани максад”, ―Боварӣ”);

- ташаккули ҷузъи иҷтимоӣ-психологӣ (таъсири муҳити рушдѐбандаеро дар назар дорад, ки ба ташаккули ҷаҳонбинии ҳамаҷониба ва пояҳои маънавию ахлоқии шахс мусоидат мекунад: шиносоӣ бо арзишҳои фарҳангӣ, амалҳои созанда, идҳо, сафарҳо, ба даст овардани таҷрибаи кори мустақилона ва ба амал баровардани лоиҳаҳои худ ва ғайра).

Нишондиҳандаи ноил шудан ба ҳадафҳои кор бо хонандагони лаѐқатманд бояд «Ман-консепсия»-и мувофиқ бошад, ки шартҳои ташаккули он: иҷтимоишавӣ, мутобиқшавӣ, ислоҳоти педагогӣ, ғамхорӣ дар бораи саломатии кӯдакон ва ҳифзи кӯдакон мебошанд.

Дар асоси маълумоти бадастомада метавон гуфт, ки ҳадди ақал нисфи муассисаҳои таълимӣ ҳадафҳои дар боло зикршударо афзалият намеҳисобанд.

Таҳсилоти иловагӣ ба ҳар як кӯдак имкон медиҳад, ки самти таҳсилот, профили барномаҳо, вақти дарсҳо, шомил шудан ба намудҳои гуногуни фаъолият бо назардошти майлу хоҳиши инфиродиро озодона интихоб

намояд. Хусусияти шахсият-фаъолияти раванди таълим имкон медиҳад, ки яке аз вазифаҳои асосии таҳсилоти иловагӣ – муайянсозӣ, инкишоф ва дастгирии хонандагони лаёқатманд ҳалли худро ёбад.

Таълими иловагӣ раванди муттасил аст. Он мӯҳлати муайяни анҷомдиҳӣ надорад ва пайдарпай аз як марҳила ба марҳилаи дигар мегузарад. Асоси инфиродӣ-шахсии фаъолияти ин муассисаҳо имкон медиҳад, ки талаботи кӯдакони мушаххас бо истифода аз имконоти вақти холии онҳо қонеъ карда шавад.

Дар системаи таҳсилоти иловагӣ шаклҳои зерини таълимро барои кӯдакони болаёқат ҷудо кардан мумкин аст:

1. Омӯзиши инфиродӣ ё омӯзиши инфиродӣ дар гурӯҳҳои хурд аз рӯи барномаҳои рушди эҷодӣ дар соҳаи муайян;

2. Кор аз рӯи лоиҳаҳои тадқиқотӣ ва эҷодӣ дар речаи роҳбаладӣ (ҳамчун роҳбалад, чун қоида, олим, ходими фарҳангӣ, мутахассиси дараҷаи олӣ баромад мекунанд);

3. Мактабҳои ғоибона;

4. Лагерҳои истироҳатӣ, дарсҳои маҳорат, лабораторияҳои эҷодӣ;

5. Озмунҳо, фестивалҳо, олимпиадаҳо;

6. Конференсияю семинарҳои илмию амалии хонандагон.

Имкониятҳои мусоид барои таҳсилоти иловагӣ, аз ҷумла, дар соҳаи рушди санъат равшан зоҳир мешаванд. Кӯдакон аксар вақт ба ин муассисаҳо замоне меоянд, ки истеъдоди онҳо аллакай ошкор шудааст. Онҳо ба фарқ аз аксари мактаббачагон ба азхудкунии фаъолияти бадеӣ ва эҷодӣ ҳавасманданд ва ин барои рушди пурсамари маҳорату донишҳои махсус шароит фароҳам меорад.

Дар таҳсилоти иловагӣ аз чунин захираи тавонои рушди истеъдод, ба монанди ягонагӣ ва таъсири мутақобилаи ҳунар истифода бурдан мумкин аст, аммо дар мактаби маъмулӣ мазмуни таълимро аз рӯи фанҳо ҷудо кардан душвор аст.

Дар баробари ин, ин шакли кор бо хонандагони лаёқатманд хатари ҷиддӣ дорад. Хеле муҳим аст, ки дар ӯ –эҳсоси истисноӣ будан”-ро ба вуҷуд наоваред: ҳам бо он сабаб, ки ин эҳсос метавонад дар ҳаёти баъдӣ тасдиқи худро наёбад ва ҳам бо сабаби он ки дар маҳфилҳо ва студияҳо на танҳо хонандагони лаёқатманд, балки онҳое, ки аз эҷоди санъат лаззат мебаранд, иштирок мекунанд ва муносибатҳо бо онҳо бояд мутаносиб инкишоф ёбанд.

Ду хатари дигар, мутаассифона, аксар вақт аз омӯзгорон бармеояд. Якум, ба хотири обрӯю эътибори муассисаи таълимӣ ё роҳбари он истифода бурдани қобилиятҳои фавқулоддаи хонанда (вокалӣ, саҳнавӣ, мусиқӣ ва ғайра) мебошад, ки аксаран ба зарари худи кӯдак мешавад. Дуюм, майлу хохиши бешууронаи роҳбар барои татбиқ кардани худ ба воситаи хонандагон, ки боиси муваффақияти гӯё намоёни роҳбар мегардад. Дар ҳарду ҳолат хонандагони лаёқатманд на мақсад, балки воситаи ҳалли мушкилоти калонсолон мегарданд.

Агар ҳамаи ин мушкилот бартараф карда шаванд, пас соҳаи таълими иловагии бадеӣ барои ташаккули кӯдаки болаёқат, омода намудани ӯ ба роҳи касбии санъат аҳамияти ниҳоят калон пайдо мекунад.

Таълим дар мактабҳои махсус барои ба кор бо хонандагони лаёқатманд (литсейҳо, гимназияҳо, муассисаҳои таълимии ғайристандартии категорияи олӣ ва ғ.)

Агар ба мақсад мувофиқ будани таълими хонандагони дорои навъҳои алоҳидаи истеъдод (масалан, дар соҳаи мусиқӣ ё балет) дар мактабҳо ва синфҳои махсус ба шубҳа дучор наояд, пас масъалаи зарурати ташкили синфҳо ва мактабҳои махсус барои таълими хонандагони дорои истеъдодҳои умумӣ яке аз мавзӯъҳои боиси баҳс боқӣ мемонад. Ин аз он сабаб аст, ки таълими алоҳидаи кӯдакони дорои истеъдодҳои умумӣ ҳам бартарӣ ва ҳам камбудиҳои аён дорад. Бартарии муҳимтарини гурӯҳҳои якхела ин имкони ноил шудан ба суръати мувофиқтарини пешрафт дар омӯзиш мебошад. Дар синфҳо барои хонандагони лаёқатманд барои ҳар як хонанда шароити мувофиқтаринро фароҳам овардан мумкин аст, дар ҳоле ки дар синфҳои

умумӣ талаботи хонандагони болаёқат аксар вақт қонеъ карда намешаванд. Сониян, дар гурӯҳҳои махсус, чун қоида, омӯзгорони пуртаҷриба бо бачагони болаёқат кор мекунанд. Дар синфҳои гетерогенӣ, ки дар байни 20-30 нафар кӯдакон танҳо чанд нафар хонандагони махсусан лаёқатманд ҳастанд, омӯзгорон барои ҷамъ кардани таҷрибаи кофӣ барои дуруст ба роҳ мондани кор бо онҳо вақт надоранд. Дар синфҳои махсус, баръакс, омӯзгорон имкон доранд, ки мутахассиси таълими хонандагони лаёқатманд гарданд.

Дар баробари ин, муттаҳид шудани ҳамаи хонандагон дар синфҳои умумӣ низ камбудиҳо дорад, зеро он доираи муоширати кӯдаконро танг мекунад, монеаҳои иҷтимоиро ба вуҷуд меорад ва дар байни хонандагон шуури элитариро ташаккул медиҳад. Аз ин рӯ, оптимизатсияи таълим барои хонандагони лаёқатманд ин пайдо кардани мувозинат байни омӯзиш дар гурӯҳҳои якхела ва гетерогенӣ ва омӯзиши инфиродӣ мебошад. Бояд таъкид кард, ки ба мақсад мувофиқ будани ҳама гуна шакли дифференсиалӣ бояд аз нуқтаи назари манфиат на танҳо барои гурӯҳи хонандагони лаёқатманд, балки барои ҳамаи хонандагон баҳогузорӣ шавад.

Ҳангоми қабули қарор дар бораи ташкили мактабу синфҳои махсус бояд таҷрибаи ватанӣ ва кишварҳои хориҷро таҳлил намуд. Чунин таҳлил ба мо имкон медиҳад, ки ташкили мактабу синфҳоро барои хонандагони дорои лаёқатмандиҳои умумӣ  ё махсус танҳо дар мавридҳое ба мақсад мувофиқ донем, ки шартҳои зерин таъмин бошанд [129, 173]:

1. Барномаи аз ҷиҳати илмӣ асосноки таълими хонандагони лаёқатманд ва натиҷаҳои мусбати татбиқи он дар амал;

2. Системаи мутобиқ ба ин барнома барои муайян намудани кӯдаконе, ки ба намуди таҳсилоти зерин фаро гирифта шудаанд;

3. Кадрҳои баландихтисоси омӯзгорон ва равоншиносон, ки барои хонандагони лаёқатманд таълими мувофиқро таъмин карда метавонанд;

4. Системаи алоқаи мутақобил, ки имкон медиҳад натиҷаи фаъолияти муассисаи таълимӣ ва пайдо шудани ҳар гуна тағйироти номатлуб дар кори

он назорат карда шавад (аз ҷумла системаи мукаммали ташхиси кори чунин мактабҳо, мониторинги психологию педагогии хонандагон ва ғайра);

5. Кафолати ҷалби кӯдакон ба мактабҳо ва синфҳои ихтиёрӣ, инчунин кафолатҳои ҳадди аксар барои ҷалби кӯдакон ба ин мактабҳо ва синфҳо дар ҳама синну сол, аз ҷумла имкони –бе стресс” баромадан аз он ҷо дар ҳама гуна синну сол;

6. Таҳсили ройгон дар чунин мактабҳо ё синфҳо барои одамони соҳибистеъдод.

Бояд ба эътибор гирифт, ки сарфи назар аз он ки ба хонандагони болаёқат дар кадом шароит таълим дода мешавад, яъне дар шароити мактаби махсус ва/ё синф ё мактаби миёнаи умумӣ, бояд таваҷҷуҳи асосӣ ба он равона карда шавад, ки кӯдакони боистеъдод чиро ва чӣ тавр меомӯзанд. Нақшаҳои таълимӣ, шаклу усулҳои таълим, инчунин хусусиятҳои раванди таълим, ки ба таълими кӯдакони болаёқати дорои истеъдоди умумӣ ва баъзе намудҳои истеъдоди махсус (масалан, забоншиносӣ, риёзӣ ва ғайра) нигаронида шудаанд, бояд ба як қатор талаботи мушаххас ҷавобгӯ бошанд. Бо назардошти эҳтиёҷот ва қобилияти махсуси кӯдакони дорои истеъдоди умумӣ, инчунин мақсадҳои таълими чунин кӯдакон, метавон талаботи заруриро нисбат ба барномаҳои таълимии хонандагони дорои истеъдоди зеҳнӣ ҷудо кард.

Барномаҳои таълими хонандагони лаёқатманд бояд:

• омӯзиши мавзӯъҳо ва масъалаҳои васеъ (глобалӣ)-ро дарбар гирад. Ин имкон медиҳад, ки шавқу завқи хонандагони лаёқатманд бештар шуда, майли онҳо ба масъалаҳои универсалӣ инкишоф ёбад, самти назариявӣ ва шавқу рағбати онҳо ба оянда ба назар гирифта шавад;

• равиши байнифаннӣ дар таълим дар асоси ҳамгироии мавзӯъҳо ва мушкилоти марбут ба соҳаҳои гуногуни донишро истифода барад. Ин хоҳиши хонандагони лаёқатмандро барои тавсеа ва амиқтар кардани дониши худ, инчунин рушди қобилияти онҳо дар робита бо падидаҳои гуногун ва

ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли онҳо дар "пайвастагӣ"-и намудҳои гуногуни дониш ҳавасманд мекунад;

• омӯзиши масъалаҳои «типи кушод»-ро, ки имкон медиҳад майли кӯдакон ба як намуди рафтори иктишофӣ, омӯзиши мушкилот ва ғайра ба назар гирифта шаванд, дар бар гирад, инчунин малака ва усулҳои кори тадқиқотиро ташаккул диҳад;

• манфиати кӯдаки лаёқатмандро ба инобат гирифта, ба омӯзиши амиқи мавзӯъҳои интихобкардаи кӯдак то ҳадди имкон ҳавасманд намояд;

• ба омӯзиши роҳҳои ба даст овардани дониш мусоидат намояд;

• тағйирпазирии раванди таълимро аз нигоҳи мазмун, шакл ва усулҳои таълим то имкони мутобиқсозии онҳо аз ҷониби худи кӯдакон бо назардошти хусусияти ниёзҳои тағйирёбанда ва хусусиятҳои тарзҳои инфиродии фаъолияти онҳо таъмин намояд;

• мустақилият дар омӯзишро нигаҳ дорад ва рушд диҳад;

• кафолати дастрас будан ва истифодаи ройгони манбаъҳо ва усулҳои гуногуни ба даст овардани иттилоотро таъмин намояд;

• тағйироти сифатии вазъи таълимро дар назар гирад ва саркарда аз маводи таълимӣ то ба кабинетҳои махсуси таълимӣ бо таҷҳизоти зарурӣ, воситаҳои махсуси таълимӣ ва ғайраро таъмин намояд;

• ба кӯдакон арзёбии натиҷаҳои кори худ бо истифода аз меъёрҳои моҳиятӣ, ташаккул додани маҳорати онҳо дар муҳокимаи ҷамъиятӣ ва ҳимояи ғояҳо ва натиҷаҳои фаъолияти эҷодии худро омӯзонад;

• ба инкишофи рефлексия, худшиносӣ, инчунин дарки хусусиятҳои фардии одамони дигар мусоидат кунад;

• унсурҳои дастгирӣ ва ёрии психологии инфиродӣ бо назардошти шахсияти беназири ҳар як кӯдаки лаёқатмандро дар бар гирад [130, 7].

Бо дарназардошти гуногунрангӣ ва хусусияти фардии падидаи лаёқатмандӣ, ташкили кор оид ба таълим ва рушди хонандагони лаёқатманд ҷавоби пешакӣ ба саволҳои зеринро талаб мекунад:

1. Мо бо кадом навъи лаѐқатмандӣ сарукор дорем (умумӣ ѐ махсус дар намуди варзиш, бадеӣ ѐ дигар)?;

2. Лаѐқатмандӣ дар кадом шакл зоҳир шуда метавонад: ошкор, ниҳон, иқтидорнок?;

3. Вазифаҳои афзалиятноки кор бо истеъдодҳо кадомҳоянд: инкишоф додани қобилиятҳои мавҷуда; дастгирӣ ва кӯмаки равонӣ; тарҳрезӣ ва экспертизаи муҳити таълимӣ, аз ҷумла таҳия ва мониторинги технологияҳои таълимӣ, барномаҳо ва муассисаҳои таълимӣ?;

4. Кадом намуди муассисаи таълимиро истифода бурдан ба мақсад мувофиқтар аст: гимназияи махсус барои хонандагони лаѐқатманд, мактаби оммавии маълумоти умумӣ, муассисаи таҳсилоти иловагӣ ва ғайра?

Дар хотима бояд таъкид кард, ки бешубҳа, ҳар як кӯдак бояд дар мактаб чунон таҳсил кунад, ки баландтарин нуқтаи рушди худро ба даст орад. Аз ин рӯ, масъалаи дифференсиатсияи таълим барои ҳамаи кӯдакон ва махсусан барои хонандагони лаѐқатманд муҳим аст.

Бояд ба назар гирифт, ки дифференсиатсияи таълим ду шакл дорад. Якум, тафриқа дар асоси таҳсилоти алоҳидаи хонандагони лаѐқатманд (дар шакли интихоби онҳо барои таҳсил дар мактаби ғайримуқаррарӣ ѐ интихоб ҳангоми тақсим ба синфҳо бо нақшаҳои таълимӣ ва муҳити махсуси таълимӣ). Дуюм, фарқият дар асоси таълими омехтаи хонандагони лаѐқатманд дар синфи муқаррарии муассисаи таҳсилоти умумӣ (дар сурати мавҷуд набудани интихоб, вале бо таъмини имконияти таълими интихобӣ аз рӯи барномаҳои инфиродӣ дар синфҳои якхела ва гуногун). Шакли якуми дифференсиатсияи таълим шартан ҳамчун «берунӣ» (ѐ интихобӣ), дуюм - ҳамчун «дохилӣ» (ѐ интихобӣ) таъин карда мешавад.

Вазифаҳо барои рушди сифатҳои зеҳнӣ [56, 34]:

1. Муайян намудани шароити моддию ташкилӣ барои ташаккули малакаи хонандагон ҷиҳати таҳлили объектҳои маърифатӣ (матн, мафҳумҳо, вазифаҳо ва ғайра).

2. Таъмини ташаккули малакаи муқоисаи объектҳои маърифатӣ дар хонандагон.

3. Мусоидат намудан ба ташаккули малакаи ҷудо кардани нуктаҳои муҳимтарин дар объектҳои маърифатӣ (таъриф, мафҳум, қоида, вазифа, қонун ва ғайра).

4. Ташаккули малакаи тасниф намудани объектҳои маърифатӣ ва ғайра.

5. Барои инкишофи хотираи хонандагон шароит муҳайё кардан.

6. Барои инкишофи тафаккури хонандагон шароит фароҳам овардан.

7. Ташаккул додани қобилияти банақшагирии амалҳое, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда заруранд.

8. Ташаккул додани малака ва маҳорати ҷустуҷӯ, коркард ва нигоҳдории иттилоот.

9. Ташаккул ва инкишоф додани кобилият ва маҳорати тарбиявию ташкилотчигӣ.

10. Ташаккул додани малакаҳои муоширати.

11. Қобилияти омӯхтан, дар амал истифода бурдани донишро инкишоф додан.

12. Инкишоф додани интуитсия, тафаккури фазоии хонандагон.

13. Инкишоф додани шавқу завқи маърифатии хонандагон.

Роҳ ва усулҳои инкишофи интеллекти (шояд “зеҳният” гӯем? “Зеҳн” дар ин маврид маънои пурраи “интеллект”-ро намедиҳад) хонандагон:

• суҳбати эвристикӣ

• кори илмӣ

• ҳикоя

• тавзеҳот

• нақша

• ҷадвалҳои истинод

• пур кардани ҷадвалҳои гурӯҳбандӣ бо мисолҳои худ ѐ тақсим кардани мисолҳои тайѐр дар ҷадвал

• муқоиса

• таҳлили муқоисавии порчаҳои матн.

• муоширaт ва муколама

• моделсозӣ

• ҳимояи фикри худ

• тартиб додани саволҳо

• баррасии ҳамсолон

• вазифаҳо-максимумҳо

• усули интихоби озод

• хонанда ҳамчун омӯзгор

• омӯзиши кор

• муҳокимаи гурӯҳӣ

• бозии нақшофарӣ

• муҳокима

• семинар

• хонанда ҳамчун корманди илмӣ

• мубоҳиса

• ҳамлаи зеҳнӣ

• муқоисаҳои байнисоҳавӣ

• вазъиятҳои мушкил, саволҳо

• кори амалӣ

• озмоиш

• таҷрибаҳо

• таҳлили сохторӣ

• лоиҳаҳо

• презентатсияҳо

Талабот ба маводи таълимӣ: Илмӣ будан, Ҳаҷми васеъ, Контексти байнифанӣ, Тамоюли амалӣ, Мутобиқат ба гуногунии шавқу рағбатҳои хонандагон, Мундариҷаи баҳс.

Таҳқиқоти гузаронидашуда, ки дараҷаи омодагии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Шоҳмансурро барои кор бо

хонандагони болаёқатро инъикос мекунад, вазъияти ин муассисаҳоро дар тамоми кишвар нишон дода наметавонад (дар тадқиқот ҳамагӣ 15 муассисаи таълимӣ ширкат варзиданд), балки тамоюли умумии муносибатро ба ин масъала инъикос мекунад. Асоси хулосаҳои таҳияшуда натиҷаи коркарди маълумоти ҷавобҳои омӯзгорон, шогирдони онҳо, инчунин роҳбарони муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ба саволҳои пурсишнома мебошад.

Таҳлил нишон дод, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вазифаи муайянсозӣ ва дастгирии лаёқатмандии кӯдакон вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб намеравад. Далели ин хулоса он аст, ки қариб 50 фоизи омӯзгорон ва намояндагони маъмурият лаёқатмандиро падидаи ниҳоят нодир (то 5 фоизи шумораи умумии хонандагон) мешуморанд. Яъне, агар сухан дар бораи гурӯҳи то 30-нафара равад (шумораи хонандагон дар аксари гурӯҳҳои таълимӣ чунин аст), пас хонандагони лаёқатманд дар ин гурӯҳҳо нестанд (ё омӯзгорон онҳоро «намебинанд»). Аз ин рӯ, ҷавобҳои минбаъда дар бораи принсипҳо ва усулҳои кор бо хонандагони лаёқатманд барои аксари пурсидашудагон характери тахминӣ ва назариявӣ доранд. Аксари омӯзгорон бар ин назаранд, ки ҳамаи кӯдакон нерудор ва лаёқатманданд ва кори мунтазам дар якҷоягӣ бо фароҳам овардани муҳити мусоид барои амалӣ намудани нерӯ ва муваффақияти кӯдакони сершумор мусоидат мекунад.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки мушкилоти марбут ба муайян кардани лаёқатмандии кӯдакон дар системаи таҳсилоти иловагӣ, аз як тараф, аз нокифоя арзёбӣ кардани лаёқатмандӣ аз ҷониби омӯзгорон ва маъмурият («истеъдоди ниҳонӣ») вобаста аст, аз тарафи дигар, дар аксар муассисаҳои таълимӣ системаи мантиқӣ ва аз ҷиҳати илмӣ ва методӣ асоснокшудаи кори педагогӣ дар ин самт вуҷуд надорад.

Комилан равшан аст, ки бидуни таҳлили интиқодӣ дар асоси таҳияи меъёрҳои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти омӯзгор дар бораи ягон системаи муайян ва дастгирии хонандагони лаёқатманд ҳарф задан мумкин нест. Вақте ки сухан дар бораи кор бо кӯдакони болаёқат меравад, вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки дар оғози бомуваффақияти ҳаёти наврасони

болаёқат саҳм гузорад. Барои ин омӯзгори муосир бояд на танҳо дар бораи моҳият ва намудҳои истеъдод дониши кофӣ дошта бошад, балки малакаи дар фаъолияти касбии худ татбиқ намудани онҳоро низ дошта бошад. Дониш ва малакаи соҳаи ошкорсозӣ ва дастгирии хонандагони лаёқатманд бояд ба рӯйхати салоҳиятҳои омӯзгори таҳсилоти иловагӣ дохил карда шавад, то кӯдаки лаёқатмандро муайян намуда, таҳаммулпазирӣ нишон диҳад ва бо ӯ ба таври дахлдор муносибат намояд.

## 1.3. Махсусияти таълими хонандагони болаёқат дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ

Айни замон маълумотнокии инсон на танҳо аз рӯи донишҳои фаннӣ, балки бештар аз рӯи рушди ӯ ҳамчун шахсияте, ки ба анъанаҳои фарҳанги милливу ҷаҳонӣ, низоми муосири авлавиятҳо, мутобиқшавии фаъолона дар ҷамъият ва интихоби мустақилона дар ҳаѐт мувофиқ мебошад, арзѐбӣ карда мешавад. Инсони муосир дар ҳолате комил аст, ки ҳамеша аз паи рушди худ ва баланд бардоштани сатҳи зеҳнияти худ бошад.

Аз ин рӯ, раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти умумӣ бояд на танҳо ба интиқоли дониш, малака ва маҳорати муайян, балки ба инкишофи гуногунсамти кӯдак, ошкор намудани қобилияти эҷодӣ, қобилият ва хислатҳои шахсии ӯ, аз ҷумла ташаббускорӣ равона карда шавад. То он даме, ки системаи маориф ба интиқоли дониш бе назардошти рушди ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак нигаронида шудааст, ҳалли масъалаҳои фардӣ ва тафриқавии таълим, худмуайянкунӣ ва худшиносии мактаббачагон ҳалношуда боқӣ мемонад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ин талаботи хонандагонро танҳо дар доираи таҳсилоти умумӣ қонеъ гардондан мумкин нест. Таълими базавӣ ба таҳсилоти иловагии ғайрирасмӣ, ки яке аз омилҳои муайянкунандаи инкишофи майлу қобилият ва манфиатҳои шахс, худмуайянкунии иҷтимоӣ ва касбии ӯ буд ва мемонад, бештар ниѐз дорад.

Аввалин бор дар кишвар тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миѐнаи умумӣ таълими базавӣ (асосӣ) ва иловагии наврасон ҳамчун ҷузъҳои баробарҳуқуқи якдигарро мукаммалкунанда маҳсуб гардида, ба ин васила фазои ягонаи таълимӣ ба вучуд меояд, ки барои инкишофи ҳаматарафаи шахсият ва рушди фардии ҳар як кӯдак зарур аст. Дар ин шароит мактаб барои дар ҷамъият бомуваффақият иҷтимоишавии наврасон замина ба вуҷуд оварда метавонад [135].

Дар шароити ҷорӣ намудани барномаҳои таълимии насли нав бо назардошти муносибати босалоҳият ба таълими фанҳо, аҳамияти дохил

намудани таҳсилоти иловагӣ барои кӯдакон ба сохтори барномаҳои таҳсилоти умумии асосӣ бо зарурати таҳкими ҷузъи тағйирёбандаи таҳсилоти умумӣ алоқаманд аст, ки ба татбиқи амалии он мусоидат мекунад ва дониш, малака ва маҳоратҳои дар мактаб ба даст оварда, ҳавасмандии маърифатии хонандагонро таҳрик медиҳад. Дар шароити таҳсилоти иловагӣ кӯдакон метавонанд нерӯи эҷодии худро инкишоф дода, малакаҳои мутобиқшавӣ ба ҷомеаи муосирро соҳиб гарданд. Инчунин, имкони истифодаи пурраи вақти холии худро пайдо мекунанд.

Таълими иловагии кӯдакон ҳамчун «минтақаи инкишофи наздик»-и шахсияти кӯдак, ки интихоби озоди самтҳои он ҳамеша бо хоҳиш ва эҳтиёҷоти кӯдакон алоқаманд аст, метавонад фардикунонии раванди таълим, бунёди тарбияи инфиродиро таъмин намояд [27, 56].

Дар айни замон нақши системаи таълими иловагӣ дар тайёр кардани насли наврас хеле меафзояд. Он барои ҳалли муҳимтарин масъалаи иҷтимоӣ - муайян кардан ва инкишоф додани он майлу қобилиятҳои кӯдакон, ки рушди устувори худидоракунии онҳоро дар ҳаёт таъмин менамояд, пешбинӣ шудааст.

Тибқи моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ―Дар бораи таҳсилоти иловагӣ" . таҳсилоти иловагӣ дар шакли равиявӣ мувофиқи имкониятҳои фардӣ, шавқу рағбат, майлу хоҳиш, қобилият ва дараҷаи маҳорати таълимгирандагон бо назардошти дараҷаи таҳсилот, ихтисос, собиқаи кор, синну сол, хусусиятҳои рӯҳию ҷисмонӣ, вазъи саломатии онҳо дар шаклҳои машғулият, маҳфил, дарс, лексия, машғулияти фардӣ, конференсия, семинар, хониш, саволу ҷавоб, консерт, мусобиқа, машқ, саёҳат, экспедитсия, кори амалӣ дар озмоишгоҳҳо, устохонаҳо, гармхона, қитъаҳои замини илмию таҷрибавӣ, дар корхонаҳои кишоварзӣ ва саноатӣ, дар табиат ва дигар шаклҳои пешбининамудаи Оинномаи муассисаи таълимии таҳсилоти иловагӣ гузаронида мешавад" [84].

Дар асоси банди 15-и Низомномаи намунаии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, №93 тасдиқ шудааст ҷадвали машғулиятҳои иловагӣ мувофиқи имкониятҳои фардӣ, шавқу рағбат, майлу хоҳиш, қобилият ва дараҷаи маҳорати таълимгирандагон бо дар назар доштани дараҷаи таҳсилот, ихтисос, собиқаи кор, синну сол, хусусиятҳои рӯҳию ҷисмонӣ, вазъи саломатии онҳо бо пешниҳоди кормандони омӯзгорӣ таҳия карда мешавад. Машғулиятҳо дар шакли гурӯҳӣ, инфиродӣ ѐ бо тамоми ҳайати иттиҳодия гузаронида мешаванд. Давомнокии машғулиятҳо дар маҳфилҳо (ба истисноки маҳфилҳои яккахонию мусиқӣ) 2-3 соати академӣ бо танаффуси 5-10-дақиқагӣ баъди ҳар 45 дақика муқаррар карда мешавад [107].

Ташкили машғулиятҳо ва шумораи ҳайати иштироккунандагони маҳфил дар маҳфилҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагии давлатӣ ба таври зерин муқаррар карда мешавад:

- аз 10 то 12 нафар дар маҳфилҳои равияи техникӣ дар соли якуми таҳсил;

- аз 8 то 10 нафар дар маҳфилҳои равияи техникӣ ва амалӣ дар соли дуюм ва солҳои минбаъдаи таҳсил;

- аз 10 то 12 нафар дар маҳфилҳои амалию эҷодӣ дар соли аввали таҳсил;

- аз 8 то 10 нафар дар маҳфилҳои амалию эҷодӣ дар соли дуюм ва солҳои минбаъдаи таҳсил;

- аз 10 то 12 нафар дар маҳфилҳои равияи сайѐҳию кишваршиносӣ дар соли якуми таҳсил;

- аз 8 то 10 нафар дар маҳфилҳои равияи сайѐҳию кишваршиносҷ дар соли дуюм ва солҳои минбаъдаи таҳсил;

- аз 10 то 12 нафар дар маҳфилҳои равияи табиатшиносӣ дар соли якуми таҳсил;

- аз 8 то 10 нафар дар маҳфилҳои равияи табиатшиносӣ дар соли дуюм ва солҳои минбаъдаи таҳсил;

- аз 10 то 12 нафар дар маҳфилҳои равияи варзишӣ дар соли якуми таҳсил;

- аз 8 то 10 нафар дар маҳфилҳои равияи варзишӣ дар соли дуюм ва солҳои минбаъдаи таҳсил;

- на камтар аз 10 нафар дар тамоми солҳои омӯзишии маҳфилҳои оркестрӣ, асбобҳои зарбӣ ва миллӣ, хонишҳои бадеӣ, маҳфилҳои балет, драмавӣ;

- 1 нафар дар 1 соати академӣ дар маҳфилҳои яккахонӣ ва мусиқӣ, 3 нафар дар 1 соати академии маҳфилҳои асбобҳои халқӣ ва на камтар аз 8 нафар дар машғулиятҳои ҷудогонаю гурӯҳӣ [107].

Таълими иловагии кӯдакон ба ғайр аз таълим ва инкишофи эҷодии шахсият имкон медиҳад, ки як қатор мушкилотҳои дигари аз нигоҳи иҷтимоӣ муҳим, аз қабили: таъмини шуғли кӯдакон, худшиносӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии онҳо, ташаккули тарзи ҳаёти солим, пешгирии беэътиноӣ, ҳуқуқвайронкуниҳо ва дигар зуҳуроти иҷтимоӣ дар байни кӯдакону наврасон ҳалли худро ёбанд. Дар асоси таълими иловагӣ масъалаҳои таъмини таълими босифати интихобӣ, мушкилотҳои иҷтимоию иқтисодии кӯдакон ва оилаҳо, беҳбудии тамоми ҷамъият ҳал карда мешаванд.

Таҳсилоти иловагӣ ба кӯдак имкони воқеии интихоби роҳи инфиродии таҳсилотро фароҳам меорад, то ин ки новобаста аз сатҳи дастовардҳои таълимӣ мувофиқи қобилиятҳои худ ба муваффақият ноил шавад. Дар таҳсилоти иловагӣ мазмун, шакли дарсҳоро худи кӯдак интихоб мекунад. Ҳамаи ин барои муваффақият шароити мусоиди психологӣ фароҳам оварда, дар навбати худ ба фаъолияти таълимӣ таъсири мусбат мерасонад.

Бо амалӣ намудани вазифаҳои таҳсилоти иловагӣ мактаб зиддияти мавҷудаи байни зарурати аз як тараф, аз худ намудани стандарти таълим, аз тарафи дигар, фароҳам овардани шароит барои инкишофи озодонаи шахсият, ки асоси он аст, ҳал мекунад. Педагогикаи гуманистӣ бо тамаркуз ба қабули кӯдак ба сифати шахсият ва фардият, ҳифзи ҳуқуқи ӯ ба рушди худшиносӣ ва худмуайянкунӣ фарқ мекунад. Маълум шуд, ки маҳз таҳсилоти иловагӣ

пурра ба ин меъёрҳо мувофиқат мекунад [61, 42]. Он аз рӯи принсипҳои худ ба рушди шахсият нигаронида шудааст, бар хилофи таҳсилоти ибтидоӣ, ки минбаъд ҳам фаннӣ буда, ба аз худ намудани стандарти мактаб нигаронида шудааст. Танҳо як омезиши органикӣ дар деворҳои мактабҳои ҳарду намуди таълим метавонад ҳам ба рушди кӯдак дар алоҳидагӣ ва ҳам ба ҳалли тамоми ташкилоти таълимӣ мусоидат кунад.

Мақсади асосии фаъолияти таълимии таҳсилоти иловагӣ фароҳам овардани шароит барои ифодаи худ, инкишоф ва худмуайянкунии кӯдакон мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад зарур аст, ки хонандаро на ҳамчун объект, балки ҳамчун субъекти омӯзиш дид.

Раванди таълим дар системаи таҳсилоти иловагии кӯдакон дорои хусусиятҳои зерин аст:

- аз ҷониби кӯдакон дар вақти холиашон аз таҳсилоти асосӣ гузаронида шуда, бо озодии интихоби самтҳо, намудҳои фаъолият ва имконияти тағйир додани соҳаи фаъолият дар давоми сол фарқ мекунад;

- бо ихтиёрӣ, ташаббус ва фаъолияти ҳамаи иштирокчиён (кӯдакон, волидон, омӯзгорон), набудани танзими қатъӣ ва натиҷаи қатъии муқарраршуда тавсиф мешавад;

- ба инкишофи қобилияти эҷодии хонандагон нигаронида шуда, шавқу ҳаваси маърифатиро инкишоф дода, ба хонандагон имкон медиҳад, ки самтҳо ва шаклҳои гуногуни машғулиятро якҷоя кунанд;

- барои ҳамаи иштирокчиён (хонанда, омӯзгор ва волидайг) ғайрирасмӣ ва бароҳат аст [71, 4].

Замоне фаро расидааст, ки танҳо ба раванди таълим такя кардан ғайриимкон аст. Бояд стереотипи таҳсилоти иловагӣ ҳамчун ―раванди дуюмдараҷа" бартараф ва дарк карда шавад, ки он ба таври объективӣ қобилияти ба ҳам пайвастани таълим, тарбия ва инкишофи кӯдакро дар як муассисаи таълимӣ доро мебошад.

Рушди ҳамаҷонибаи таълими иловагии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба ҳалли вазифаҳои зерин нигаронида шудааст:

1. Системам таълими иловагӣ ба ҳар як кудак имконият медиҳад, ки касбро мувофиқи табъаш интихоб намоянд, барои пурра машғул сохтани хонандагон ва амиқ омӯхтани бисѐр фанҳо шароит фарохам меоварад.

2. Кор бо хонандагон дар доираи таҳсилоти иловагӣ дар мактаб вазифаҳои муҳими тарбиявиро иҷро менамояд: истироҳати хонандагонро мақсаднок ташкил намуда, шахсияти эҷодкорро ташаккул медиҳад, барои худмуайянкунии иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва касбӣ шароит фароҳам меорад, аз рафтори ғайриҷамъиятӣ пешгирӣ мекунад.

3. Машварати фаннӣ аз рӯи фанҳои биология, физика, таърих, забони русӣ, англисӣ ва дигар фанҳо ба азхудкунии асосҳои фаъолияти лоиҳавӣ ва тадқиқотии хонандагон аз рӯи ин фанҳо мусоидат мекунад.

4. Системам таълими иловагӣ ба баланд шудани неруи эҷодии коллективи педагогӣ, ошкор ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ ѐрӣ мерасонад.

5. Истифодаи фаъолонаи ғояҳои инноватсионии педагогӣ, моделҳо ва технологияҳои таълимиро таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳсилоти иловагӣ барои фароҳам овардани имкониятҳои иловагӣ барои рушди зеҳнӣ, ҷисмонӣ, қонеъ кардани ниѐзҳои эҷодӣ ва таълимӣ пешбинӣ шудааст. Мақсади асосии системаи таҳсилоти иловагии кӯдакон фароҳам овардани шароит барои интихоби озоди ҳар як кӯдак дар соҳаи таълим, профили барномаи иловагӣ ва мӯҳлати таҳияи он мебошад.

Ба татбиқи ин вазифа унсурҳои зерин мусоидат мекунанд: гуногунии фаъолият, хусусияти ба шахсият нигаронидашудаи раванди таълим, равона кардани он ба рушди ҳавасмандии шахсӣ, дониш ва эҷодкорӣ, худмуайянкунии касбии кӯдакон ва худшиносии онҳо.

Таҳлили рушди таҳсилоти иловагии кӯдакон нишон медиҳад, ки имрӯз дар мактаби таҳсилоти умумӣ чор модели асосии ташкили он мавҷуд аст. Ба системаи кори беруназсинфӣ дохил намудани кӯдаконе, ки ба барномаҳои таҳсилоти иловагӣ ҷалб шудаанд, вобаста ба сатҳи ташкили таҳсилоти иловагӣ, ки ҳар як мактаби мушаххас пешниҳод менамояд, метавонад

хусусиятҳои хос дошта бошад ва боиси натиҷаҳои гуногуни таълим гардад. Чунончи [62, 13-16]:

1) маҷмуи тасодуфии маҳфилҳо ва сексияҳо, ки кори онҳо бо ҳамдигар кам алоқаманд буда, комилан ба шароити мавҷудаи кадрҳо ва ҳолати моддӣ вобаста аст;

2) консолидатсияи дохилии кори коллективҳо ва иттиҳодияҳои эҷодии хонандагон, самтҳои гуногуни фаъолияти онҳо;

3) инкишофи таълими иловагии хонандагон ҳамчун шуъбаи алоҳидаи мактаб;

4) ҳамгироии таҳсилоти ибтидоӣ ва иловагии кӯдакон, ягонагии ташкилӣ ва мазмуни сохторҳои асосии мактаб.

Дар амалияи мактабҳо ҳамаи моделҳои ташкилии дар боло зикршударо истифода бурдан мумкин аст. Дар айни замон ба ду зинаи аввали ташкили таълими иловагӣ дар мактаб афзалият дода мешавад. Сатҳи сеюм ва чорум дар заминаи татбиқи равандҳои ҳамгироӣ барои мактабҳое, ки ба сохтани системаҳои таълимии худ нигаронида шудаанд, хосанд.

Ҳар як модел арзиши муайянеро барои ҳар касе, ки онро тарҳрезӣ мекунад ва баъдан дар амал татбиқ мекунад, ифода мекунад. Ҳамин тавр, моделҳое, ки ба зинаи якуми ташкили таҳсилоти иловагӣ дар мактаб асос ёфтаанд, аллакай маънои муайян доранд, зеро онҳо шуғли кӯдаконро дар вақти холии онҳо таъмин намуда, доираи шавқу завқи беруназсинфии онҳоро муайян мекунанд. Моделҳои дараҷаи дуюм бо шаклҳои аслии кори худ, ки ҳам кӯдакон ва ҳам калонсолонро муттаҳид мекунанд (иттиҳодияҳо, лабораторияҳои эҷодӣ, экспедитсияҳо, устохонаҳо ва ғайра) арзишманданд.

Моделҳое, ки ба сатҳҳои сеюм ва чоруми мутақобилаи ташкилӣ асос ёфтаанд, имкон медиҳанд, ки талаботи гуногуни кӯдакон ба таҳсилоти иловагӣ қонеъ карда, дар айни замон ба натиҷаҳои ҷиддӣ ноил гарданд. Ба даст овардани чунин натиҷаҳо ба туфайли ҳамбастагии кори ҳамаи субъектҳои ҳамкорӣ тавассути таҳияи муштараки мазмуни барномаҳои таълимӣ имконпазир мегардад. Дар сурати аввал, ба туфайли ҳамоҳангсозии

амалиѐти ҳамаи омӯзгорони дарсҳои иловагӣ, ки дар асоси барномаи ягона кор мекунанд, ҳамчун қисми таркибии барномаи умумимактабии фаъолияти таълиму тарбия ба ҳисоб мераванд.

Моделҳое, ки бо дарназардошти сатҳҳои сеюм ва чоруми мутақобилаи ташкилӣ бо истифода аз механизмҳои ҳамгироии дохилӣ ва берунӣ сохта шудаанд, афзалиятнок ҳисобида мешаванд, зеро онҳо ба бунѐди системаҳои таълимии мактабӣ нигаронида шудаанд, ки дар стандартҳои насли нав пешбинӣ шудааст.

Таҳсилоти иловагиро дар мактаб роҳбарони иттиҳодияҳои гуногуни эҷодии кӯдаконаи шавқманд амалӣ мекунанд, ки онҳо ҳатман барномаҳои таълимии таълими иловагиро роҳнамоӣ мекунанд.

Самтҳои таълими иловагии мактаб: бадеӣ-эстетикӣ, иҷтимоӣ-педагогӣ, сайѐҳӣ ва кишваршиносӣ, экологӣ, зеҳнӣ, варзишию фароғатӣ ва ғ.

Муҳим аст, ки раванди таълим ба рушди кӯдак, ошкор кардани қобилият ва маҳоратҳои эҷодии ӯ нигаронида шавад. Дар таҳсилоти иловагӣ раванди таълим камтар ба расмият даровардa шудааст, бинобар ин вай ба асосҳои табиии инкишофи кӯдак наздиктар аст. Дар ин раванд хонанда субъекти фаъоли фаъолияти таълимӣ мегардад, масъалахои тарбиявиро фаъолона ҳал мекунад, маъно ва сабабҳои ҳодисаҳои мушоҳидашударо мефаҳмонад, тарзи иҷрои фаъолиятро муайян мекунад, робитаи байни объектҳои мушоҳида ва ғайраро меомӯзад.

Агар дар мактаб фардикунонии таълим, чун қоида, бо ташаббуси омӯзгор сурат гирифта бошад, пас дар системаи таҳсилоти иловагии кӯдакон, пеш аз ҳама, худи кӯдак ташаббус мекунад. Дар ин ҳолат мавқеи омӯзгор ҳам тағйир меѐбад: вай на танҳо ҳамчун барандаи дониш, балки ҳамчун ѐрдамчӣ дар равандт ташаккули шахсияти хонанда баромад мекунад. Омӯзгор дар дарси иловагӣ вазифаи мушовирро иҷро карда, аксар вақт ба кӯдакон таъсири сахти шахсӣ мерасонад. Аз ин ҷост, ки талабот нисбат ба сифатҳои шахсии ӯ зиѐд мешавад.

Барои ноил шудан ба мақсадҳои инкишофи кӯдак дар раванди таълим аз шаклҳои инфиродӣ ва коллективии ташкилӣ (амали мутақобилаи ҷуфтҳо, гурӯҳҳои хурд, ҳамкории байни гурӯҳҳо) ва усулҳои проблемавии таълим истифода бурдан лозим аст. Истифодаи онҳо мавқеи хонанда ва омӯзгорро тағйир медиҳад, ба дарк намудани хусусияти субъективии муносибатҳои онҳо кӯмак мерасонад, услуби демократии муошират, ошкорбаёнӣ, муколама ва рефлексивии амали омӯзгорро баланд мебардорад [72, 19].

Дар шароити ҳалли проблемаҳои фардикунонӣ ва дифференсиалии таълим, худмуайянкунӣ ва худсозии шахсият ахамияти таълими иловагии кӯдакон хеле меафзояд.

Вазифаи асосии омӯзгор дар раванди таълими иловагӣ аз он иборат мебошад, ки зимни таълим додан ба кӯдакон омӯзиши фан мақсад набуда, балки воситаи ташаккул ва такмили ҳамаи ҷанбаҳои шахсият: ақлу заковат, тафаккури амалӣ, саъю кӯшиш, инкишофи ҷисмонӣ мебошад. Ба ибораи дигар, таълими иловагӣ роҳи ворид шудан ба олами ботинии кӯдак, дарк намудан ва васеъ кардани ҳудуди он мебошад.

Дар ҷараёни дарсҳои мактабӣ низ метавон аз технологияҳои ба низоми таҳсилоти иловагӣ хос, аз ҷумла дарсҳои комплексӣ, лоиҳаҳои таълимӣ, технологияҳои мубоҳисавӣ, бозиҳо, технологияҳои фаннӣ истифода бурд.

Яке аз самтҳои рушди конвергенсияи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва иловагӣ ҳамкории мактаб бо муассисаҳои гуногуни беруназмактабии таҳсилоти иловагӣ мебошад. Ин имконияти хубест, ки мактаббачагон ба санъат, варзиш, туризм, кишваршиносӣ ва дигар чорабиниҳо ҷалб карда шаванд. Ҳамкорӣ имкон медиҳад, ки нақшаҳои кор бо назардошти имкониятҳои мактаб ва муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мутобиқ карда шаванд.

Марҳилаҳои ташкил намудани таҳсилоти иловагӣ дар мактаб

Агар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ташкили блоки таълими иловагӣ нав шуруъ карда бошад, пас маъмурият бояд як қатор тадбирҳои

таҳлилию ташкилотчигиро ба амал барорад. Онҳоро метавон ҳамчун марҳилаҳои пайдарпай муаррифӣ кард.

Марҳилаи 1 - таҳлилӣ.

Корҳои омодагӣ дар ин марҳила иборатанд аз:

- Мақсаду вазифаҳои мактабро дар самти таҳсилоти иловагӣ бодиққат таҳлил намоянд. Ба мақсад мувофиқ аст, ки самтҳои алоҳидаи таълими иловагии бачагон, пеш аз ҳама, вобаста ба мақсадҳои умумии коллективи педагогӣ, вазифаҳои дар ҳар як параллел ҳалшаванда, характери профилҳои мавҷуда ѐ пешбинишуда дар синфҳои болоӣ интихоб карда шаванд;

- муайян намудани дархости хонандагон ва волидон оид ба хизматрасонии иловагии таълим. Эҳтиѐҷоти онҳоро метавон бо ѐрии анкета, пурсишҳои шифоҳӣ, муҳокимаи коллективӣ дар маҷлисҳои падару модарон муайян кард;

- курсҳои факултативии мавҷуда, инчунин маҳфилҳо ва сексияҳои дар муассисаи таҳсилоти умумӣ амалкунандаро навишта, бо дархости хонандагон ва падару модарон муқоиса намудан;

- доираи хизматрасониҳои таълимии иловагиро, ки аз ҷониби муассисаҳои наздиктарини таҳсилоти иловагии кӯдакон пешниҳод карда мешаванд, омухта шаванд;

- таҳлили неруи эҷодии омӯзгорон, падару модарон, хонандагони синфҳои боло;

- баҳо додан ба имкониятҳои моддию техникии муассисаи таҳсилоти умумӣ;

- вазифаҳои ҷонишинони директор оид ба корҳои таълим, омӯзгорони дарсҳои иловагӣ, роҳбари ташкилкунанда, роҳбари синф, мураббиѐн дар гурӯҳҳое, ки тамоми рӯзро дар муассисаи таълимӣ мегузаронанд, мушовир ва методисти дарсҳои иловагиро таҳлил намоянд;

- ҳуҷҷатҳои асосии меъѐрии ташкили таълими иловагии хонандагонро (қонунҳо, қарорҳо, амрҳо, дастурҳо, фармоишҳо), инчунин ҳуҷҷатҳои барномавии сатҳи ҷумҳурӣ ва вилоятҳоро омӯзанд.

- Таҳлили гузаронидашуда тасаввуротро дар бораи талабот ба хизматрасониҳои таълимии иловагӣ ва имкониятҳои воқеии мактаб такмил медиҳад.

Марҳилаи 2 - тарҳрезӣ.

Вазифаи асосии ин марҳила тартиб додани схемаи умумии таълими иловагӣ дар муассисаи таҳсилоти умумӣ мебошад. Дар рафти он бояд ба саволҳои зерин ҷавоб дарёфт намуд:

- ба кадом самтҳои таҳсилоти иловагии кӯдакон дар мактаб эҳтиёҷ ҷой дорад ва то чӣ андоза онҳо ба амалӣ шудани ҳадафу вазифаҳои муассиса мусоидат мекунанд;
- кадоме аз ин самтҳо ва дар кадом шаклҳоро бевосита дар базаи мактаб ба амал баровардан мумкин аст ва кадоме аз онҳоро ба базаи муассисаҳои беруназмактабии таълими иловагии бачагон дохил намудан ба мақсад мувофиқ аст;
- кадоме аз онҳоро бо ёрии омӯзгорон, мутахассисони даъватшуда, падару модарон, хонандагони синфҳои болоӣ иҷро кардан мумкин аст;
- то чӣ андоза базаи ибтидоии моддию техникии муассисаро дар самти таълими иловагии хонандагон истифода бурдан мумкин аст;
- чӣ гуна онро инкишоф додан ва такмил додан мумкин аст;
- тавассути таълими иловагӣ чӣ гуна роҳнамоии касбиро мувофиқи талаботи хонандагон ташкил кардан мумкин аст.
- Ба ин саволҳо посух ёфта, кушиш кардан лозим аст, ки графики тахминии кори блоки таълимии иловагиро тартиб дода, он бо ҷадвали дарс ва нақшаи кори тарбиявӣ дар мактаб алоқаманд карда шавад.

Марҳилаи 3 – таъминоти ташкилӣ ва барномавӣ-методии таҳсилоти иловагӣ дар мактаб.

Пеш аз он ки графики тахминӣ эътибор пайдо кунад, ба он муваффақ шудан лозим аст, ки кори маҳфилҳо, студияҳо ва сексияҳо аз ҷиҳати ташкилӣ, барномавӣ ва методӣ таъмин карда шавад. Барои ин пеш аз ҳама

зарур аст, ки банди ташкили блоки таълими иловагӣ дар ойинномаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дохил карда шавад.

Дар ҳар як муассиса ин банд характери сирф индивидуалӣ дошта, бо самт, мазмун ва шаклҳои татбиқи он нақшаҳои таълимии дарсҳои иловагие, ки мактаб аз ухдаи иҷрои онҳо мебарояд, муайян карда мешавад. Дар баробари ин, ҳангоми таҳияи он, бояд якчанд нуктаҳои ҳатмӣ муқаррар карда шаванд:

- бо кадом мақсад аз ҷониби муассисаи таълимӣ барномаҳои иловагии таълимӣ амалӣ карда мешаванд (инкишофи бисёрҷонибаи шахсият, қонеъ гардонидани талаботи кӯдакон ба худтаълимӣ, таъмини профили таълим ва ғ.);

-дар кадом самтҳо (соҳаҳо) таълими иловагии кӯдакон дар ин мактаб сурат мегирад;

- кадом намуди барномаҳо мӯҳтавои онро муайян мекунанд;

- дар кадом шаклҳо раванди таълим дар доираи таҳсилоти иловагӣ дар иттиҳодияҳои кӯдакон (маҳфилҳо, клубҳо, студияҳо, сексияҳо ва ғайра) амалӣ карда мешаванд;

– киҳо метавонанд тибқи барномаҳои таълимии иловагӣ таҳсил кунанд;

- барои татбиқи ин барномаҳо барои таълим додан ба кӣ иҷозат дода шудааст;

- дар мактаб таълими иловагии кӯдакон дар кадом асос (пулакӣ, ройгон, омехта) сурат мегирад?

Барои он ки матни ин банд дар ойинномаи муассиса то ҳадди имкон касбӣ бошад, ҳангоми таҳияи он аз ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода бурдан бамаврид аст.

Сониян, Низомнома дар бораи хизматрасонии таълими иловагии мактаб таҳия карда мешавад.

Сеюм, барои ҳамкории мактаб бо як ё якчанд муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ - марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо, маркази (хонаи) эҷодиёти

кӯдакон, мактаби варзишии бачагона, осорхона, китобхона ва ғайра шартнома баста мешавад.

Чорум, дастурамалҳои мансабии ҳамаи ҳайати омӯзгороне, ки дар блоки таҳсилоти иловагӣ кор мекунанд, таҳия карда мешаванд.

Дар баробари ин, дар хотир бояд дошт, ки дастурамали мансабӣ вазифаҳо, ҳуқуқҳо, ӯҳдадориҳо ва масъулиятҳо омӯзгорони болозикрро муқаррар мекунад ва зарур аст, ки ҳуҷҷати мазкур, инчунин мақоми кормандро дар мактаб тавзеҳ дода, доираи кори ӯро муайян намояду норавшанӣ ва духӯррагиҳоро дар бораи вазифаҳои касбии корманд ва доираи фаъолияти ӯ бартараф намояд.

Ташкили раванди таълим

Кори қисмати таҳсилоти иловагии мактабӣ дар асоси нақшаҳои солона, нақшаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ва нақшаҳои таълимию мавзӯӣ, ки аз ҷониби директори мактаб ѐ муовини ӯ оид ба таҳсилоти иловагӣ тасдиқ шудаанд, сурат мегирад.

Тибқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ―Дар бораи таҳсилоти иловагӣ" шаҳрвандон таҳсилоти иловагиро берун аз барномаҳои асосии таълимӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ мегиранд [84].

Гирифтани таҳсилоти иловагӣ ба принсипҳои интихоби ихтиѐрии навъҳои муассисаҳо ва намудҳои фаъолият асос ѐфта, бо розигии падару модар ѐ шахсони онҳоро ивазкунанда, коллективҳои меҳнатӣ, ташкилотҳо ва фондҳои ҷамъиятӣ амалӣ гардонида мешавад.

Падару модарон бо мақсади истифодабарии самараноки вақти холии фарзандон барои ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ фаро гирифтани онҳо вобаста ба майлу хоҳиш, рағбат ва қобилияташон мусоидат менамоянд.

Дар асоси банди 20 Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, таҳти №98 тасдиқ шудааст соли хониш дар

муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ 15 сентябр сар шуда, 1 июн ба охир мерасад. Дар давраи таътили тобистона раванди таълим метавонад (агар он дар барномаҳои таълимӣ пешбинӣ шуда бошад) дар шакли саёҳат, лагерҳои таълимӣ, пленерҳо, экспедитсияҳо, лагерҳои гуногун ва ғайра идома ёбад. Ҳайати хонандагон дар ин давра метавонад тағйир ёбад. Дар ҳолати гузарондани сафарҳои омӯзишии чандрӯза сарбории омӯзгор зиёд карда мешавад [107].

Ҷадвали дарсҳо дар иттиҳодияҳои таълимии иловагии кӯдакон бо назардошти он, ки онҳо ба барномаи ҳатмии таълимии кӯдакон ва наврасон иловагӣ мебошанд, тартиб дода мешавад.

Ҳангоми ба таълими иловагӣ фаро гирифтани ҳар як кӯдак бояд маълумотнома аз духтур дар бораи вазъи саломатӣ ва хулоса дар бораи имконияти ба гурӯҳҳои таълими иловагй аз рӯи профили интихобшуда машғул шуданро пешниҳод намоянд.

Ҷадвали дарсӣ дар аввали соли таҳсил аз тарафи маъмурият бо таклифи ҳайати педагогӣ бо назардошти муқаррар намудани реҷаи мусоидтарини меҳнат ва истироҳати хонандагон тартиб дода мешавад. Ҷадвали дарсиро директори мактаб тасдиқ мекунад. Гузаронидани дарсҳо ё тағйир додани ҷадвали дарсӣ бо розигии маъмурияти блоки таҳсилоти иловагӣ сурат гирифта, ҳуҷҷатгузорӣ карда мешавад. Дар рӯзҳои таътили мактаббачагон машғулиятҳо аз рӯи ҷадвали махсус гузаронда мешаванд.

Рӯйхати ҳайати иттиҳодияҳои кӯдакон:

— дар соли якуми таҳсил — 12-15 нафар;

— дар соли дуюми таҳсил — 10-12 нафар;

— дар солҳои сеюм ва минбаъдаи таҳсил — 8-10 кас.

Рӯйхати иттиҳодияҳои кӯдаконе, ки ба фаъолияти таълимӣ ва илмӣ машғуланд, 8 нафарро ташкил медиҳад (шумораи хонандагон дар чунин гурӯҳҳо нисбат ба гурӯҳҳои таълимии муқаррарӣ хеле кам буда, одатан 4-8 нафарро ташкил медиҳад).

Дар қисмати таълими иловагӣ кори инфиродӣ бо хонандагоне, ки дар озмунҳои шаҳрӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок мекунанд (аз 2 то 6 соат дар як ҳафта) пешбинӣ карда шудааст.

Дар сурати кам шудани иштироки воқеӣ дар давоми сол, гурӯҳҳо метавонанд муттаҳид ѐ пароканда шаванд. Маблағҳои дар ин маврид озодшуда барои кушодани иттиҳодияҳои нави кӯдакон истифода мешаванд.

Давомнокии дарсҳо ва шумораи онҳо дар як ҳафта тибқи нақшаи таълимии таҳсилоти иловагии омӯзгор, инчунин талабот ба тарзи фаъолияти кӯдакон дар ташкилотҳои таҳсилоти иловагӣ муайян карда мешавад.

Ҳангоми гузаронидани дарсҳо бо истифода аз технологияҳои компютерӣ бояд қоидаҳои санитарию эпидемиологӣ риоя карда шаванд.

Омӯзгор мувофиқи барнома аз шаклҳои гуногуни фаъолияти тарбиявӣ: машғулиятҳои дарсӣ, лексияҳо, семинарҳо, машғулиятҳо, экскурсияҳо, консертҳо, намоишҳо, экспедитсияҳо ва ғайра истифода бурда метавонад. Машғулиятҳоро ҳам бо тамоми гурӯҳ ва ҳам дар сексияҳо гузарондан мумкин аст (бо 3-5 нафар, ѐ индивидуалӣ).

Омӯзгор дар интихоби низоми баҳодиҳӣ, давра ва шаклҳои аттестатсияи хонандагон мустақил аст. Дар таҳсилоти иловагӣ шаклҳои зерини аттестатсия истифода мешаванд: тестҳо, пурсишҳо, мусоҳибаҳо, гузоришҳо, иншоҳо, олимпиадаҳо, баррасиҳо, озмунҳо, намоишҳо, конференсияҳо, консертҳо, нашрияҳо ва ғайра.

Ба иттиҳодияҳои бачагона қабул кардани хонандагон дар муҳлати дар барнома пешбинишуда гузаронида мешавад. Хориҷ кардани хонандагон дар ҳолатҳои вайрон кардани оинномаи мактаб тибқи тартиби дохилӣ сурат мегирад. Ҷойи хонандагон дар сурати бемори, муолиҷаи санаторӣ нигоҳ дошта мешавад.

Фаъолияти хонандагон ҳам дар иттиҳодияҳои синну соли омехта (гурӯҳи хониш, клуб, студия, ансамбл, театр ва ғайра) гузаронида мешавад. Падару модарон метавонанд дар кори иттиҳодия бо розигии омӯзгор иштирок кунанд.

Ҳар як иштирокчӣ ҳақ дорад ҳамзамон ба иттиҳодияҳои самтҳои гуногун машғул шавад, инчунин самти таҳсилро тағйир диҳад.

***Мазмуни раванди таълим дар иттиҳодияҳои таҳсилоти иловагӣ барои кӯдакон***

Дар системаи таҳсилоти иловагӣ нақшаҳои таълимии таҳсилоти иловагии кӯдакон самтҳои гуногун: бадеӣ-эстетикӣ, экологӣ-биологӣ, таърихию кишваршиносӣ, иҷтимоию педагогӣ, варзишию фароғатӣ ва ғайра татбиқ карда мешаванд.

Машғулиятҳоро дар иттиҳодияҳо аз рӯи барномаҳои тематикӣ ѐ барномаҳои комплексӣ (интегралӣ) гузаронидан мумкин аст.

Барои татбиқи нақшаҳои таълимии маҷмӯии таҳсилоти иловагӣ 2 ѐ зиѐда омӯзгор метавонад ҷалб карда шавад, ки тақсимоти сарбории таълим байни онҳо дар нақшаи таълимии таҳсилоти иловагӣ муқаррар карда шудааст.

Мундариҷаи барномаи таълимии таҳсилоти иловагӣ, шаклу усулҳои татбиқи он, таркиби шуморавӣ ва синну соли иттиҳодияро омӯзгор дар асоси вазифаҳои таълимӣ, ба мақсад мувофиқ будани психологию педагогӣ, меъѐрҳои санитарию гигиенӣ, маводи таълимӣ мустақилона муайян мекунад.

Кормандони педагогӣ метавонанд нақшаҳои таълимии мустақилона таҳияшударо истифода баранд ѐ аз барномаҳои дигар ташкилотҳои таълими иловагии кӯдакон, ки бо фармоиши директори мактаб тасдиқ карда мешаванд, истифода баранд.

Раванди таълим, ки дар системаи таълими иловагии кӯдакон ташкил карда мешавад, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад [106, 53]:

- хусусияти инкишофѐбанда дошта бошад, яъне бояд ба ташаккули майлу рағбатҳои табиии кӯдакон нигаронида шавад;

- ҳам аз ҷиҳати шакл (дарсҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ, назариявӣ ва амалӣ, иҷроӣ ва эҷодӣ) ва ҳам аз ҷиҳати мазмун (барои рушди қобилиятҳои умумӣ ва махсуси кӯдакон) гуногун бошанд;

- дар асоси барномаҳои гуногуни таълимии иловагӣ – намунавӣ, таҳриршуда ва муаллифӣ ҳамаи онҳо бояд пеш аз ба раванди таълим дохил шудан дар шурои методӣ ѐ педагогӣ дида баромада шаванд, то ки ба саломатии ҷисмонӣ ва равонии хонандагон зарар нарасонанд;

- ба усулҳои кор карда баромадани таълими бачагон асос ѐбад; барои омӯзгори таҳсилоти иловагӣ акнун фақат донистани фанни таълимие, ки ӯ таълим медиҳад, кифоя нест: гузаштани таҳсилоти иловагии кӯдакон ба системаи таҳсилоти инкишофѐбанда аз ҳар як омӯзгор тақозо мекунад, ки дар кори худ аз имкониятҳои психологию дидактикӣ, инчунин принсипҳо ва усулҳои инкишоф додани қобилияти бачаҳо, инкишофи шахсии онҳо истифода бурда тавонанд;

- ташхиси шавқ ва ҳавасмандии кӯдакон бо мақсади фароҳам овардани чунин намудҳои гуногуни фаъолият ва шаклҳои амалисозии онҳо, ки ба кӯдакони гуногуни дорои шавқу ҳавас ва мушкилоти гуногун имкон медиҳад, ки чизеро, ки ба онҳо маъқул аст, пайдо кунанд;

**Хусусиятҳои ташкили таҳсилоти иловагӣ дар муассисаи таҳсилоти умумии миёна**

Таҳсилоти иловагии мактабӣ зерсистемаи таҳсилоти иловагии кӯдакон мебошад, ки ба принсипҳои асосӣ ва ғояҳои инсондӯстии он асос ѐфтааст; дар иттиҳодияҳои гуногуни эҷодии хонандагон дар асоси барномаҳои таълимии иловагӣ ба амал бароварда мешавад. Мафҳуми «таълими иловагии мактабӣ» хеле мувофиқ ба назар мерасад, зеро он «суроғаи» синфҳои маҳфилҳои бачагонаро берун аз соатҳои дарсӣ хеле дақиқ муайян мекунад ва имкон медиҳад, ки онҳо ҳам аз синфҳое, ки дар муассисаҳои таълимии иловагӣ барои кӯдакон ташкил карда мешаванд ва ҳам аз синфҳои дарсҳои иловагӣ ҷудо карда шаванд. Ҷустуҷӯи таърифҳои нави дақиқтар маҳз дар робита ба ташаккули ин зерсистемаи таълим дар муассисаҳои таълимӣ зарур аст.

Он бо кори беруназсинфӣ алоқаманд буда, аз рӯи вазифаҳои худ хеле васеътар аст. Хусусиятҳои асосии таҳсилоти иловагӣ, ки дар шароити

муассисаи таҳсилоти умумӣ ташкил карда мешаванд, бештар ба муқарраротe, ки корро дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ тавсиф мекунанд, мувофиқат мекунанд. Бо вуҷуди ин, тамоми асосҳо вуҷуд доранд, то бигӯем, ки таълими иловагии мактабӣ як қатор вазифаҳои мушаххаси зеринро ҳал мекунад:

- барои дарки мусбати арзишҳои таҳсилоти умумӣ ва бомуваффақият аз худ намудани мундариҷаи он заминаи васеи фарҳангӣ ва эмотсионалӣ фароҳам меорад;

- бо машғулиятҳои беруназсинфӣ зич алоқаманд буда, ба вусъати алоқаҳои ҷамъиятии он мусоидат мекунад, машғулиятҳоро дар иттиҳодияҳои эҷодӣ боз ҳам кушоду равшан мегардонад ва аъзоѐни онҳоро ба иштирок кардан дар корҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ аҳамиятнок равона мекунад;

- ҳамчун алоқамандӣ байни машғулиятхои синфӣ ва беруназсинфӣ баромад карда, ба ташкили системаи «дарс — кори беруназсинфӣ — машғулиятҳо дар иттиҳодияҳои эҷодӣ» мусоидат мекунад;

- хонандагонеро, ки ба баъзе намудҳои машғулият (бадеӣ, техникӣ, варзишӣ ва ғайра) шавқу ҳаваси зиѐд зоҳир менамоянд, ҳавасманд мегардонад, то қобилиятҳои худро дар муассисаҳои таълимии иловагии кӯдакон, муассисаҳои фарҳангӣ ва варзишӣ дар сатхи баландтар амалӣ гардонанд;

- набудани курсҳои алоҳидаи таълимӣ (асосан аз фанҳои гуманитарӣ), ки ба хонандагон барои муайян кардани роҳи инфиродии таҳсил, муайян намудани нақшаҳои ҳаѐт ва роҳнамоии касбӣ, ташаккул додани хислатхои муҳимми шахсии худ зарур аст, дар зинаи таҳсилоти умумиро ҷуброн мекунад;

- ба худмуайянкунии хонандагон дар соҳаҳои шахсӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, касбӣ, ба намудҳои гуногуни фаъолияти эҷодӣ фаро гирифтани онҳо мусоидат мекунад.

Хусусияти муҳими таҳсилоти иловагии мактабӣ, пеш аз ҳама, таваҷҷӯҳ ба ташаккули тафаккур ва ҷаҳонбинии комили хонандагон, ҳамоҳангсозии талабот оид ба татбиқи стандарти таълимӣ ва фароҳам овардани шароит

барои инкишофи шавқу завқ ва ниѐзҳои маънавии шахс мебошад. Ҳалли ин масъалаҳо танҳо дар сурати ба вуҷуд овардани фазои ягонаи таълимӣ имконпазир аст, ки ин, албатта, ҷустуҷӯи роҳҳои оптималии ҳамгироии таҳсилоти умумӣ ва иловагиро тақозо мекунад [71, 4].

Агар таҳсилоти умумӣ ба ташаккули шахсият, ки арзиш ва рисолати асосии он аст, асос ѐфта бошад, пас таҳсилоти иловагӣ рушди худшиносии шахсиятро ташкил намуда, барои тарбияи он қобилиятҳо шароит фароҳам меорад ва ба ҳар як кӯдак барои гузаштан ба тарзи худшиносӣ кӯмак мерасонад.

Ҳамин тариқ, таҳсилоти иловагии мактабӣ ба иҷрои вазифаи дугона мусоидат мекунад: таъмини фардикунонӣ ва иҷтимоӣ, инчунин ташкили системаи динамикии алоқамандии байни муассисаҳои таълимии гуногун, сатҳҳои таълим ва технологияҳои педагогӣ.

Е.Б.Евладова моделҳои ғайрисохторӣ ва сохтории ташкили таҳсилоти иловагии мактабро ҷудо мекунад [62, 13-16]. Ба гурӯҳи аввал шаклҳои ташкилӣ дохил мешаванд, ки сохтори возеҳ надоранд ва бештар маҷмӯи иттиҳодияҳои берунаазсинфиро дар бар мегиранд, ки ба ҳамдигар алоқаманд нестанд (яъне онҳо дар сатҳи аввали рушд қарор доранд). Ба гурӯҳи дуюм моделҳое дохил мешаванд, ки сохтори ташкилии каму беш равшан доранд. Барои тасдиқи боварибахши фикрамон якчанд вариантҳои умумиро пешниҳод мекунем, ки ба онхо номҳои шартӣ додаем.

«Мозаика» — шумораи хеле зиѐди маҳфилҳо ва сексияҳо, ки хонандагон интихобан мераванд. Дар байни онҳо амалан ягон робита вуҷуд надорад.

«Меҳмони гиромӣ» - як иттиҳодияи эҷодӣ (одатан серсоҳа, масалан, студияи театрӣ), ки бо пайдоиши як чеҳраи дурахшон, ки танҳо ба кори худ дилбастагӣ дорад ва мактабро ҳамчун як навъ озмоишгоҳ барои амалӣ кардани эҷодиѐти худ истифода мебарад.

«Ифтихори мактаб» — коллективи варзишӣ, ансамбли мусиқӣ ѐ рақсӣ, хор ѐ ягон иттиҳодияе, ки солҳои зиѐд дар басаҳнагузорӣ ва фестивалҳои

гуногун сазовори мукофотҳо гардидаанд. Вазифаи асосии онҳо ин аст, ки шуҳрати мактаб ва воситаи ҳисоботҳои гуногуни маъмурият бошанд. Бо чунин коллективҳои ―Дурахшон" аксар вакт ба дигар маҳфилҳо диққати ҷиддӣ намедиҳанд.

«Муассисаи беруназмактабии назди мактаб» як сохтори калони серсоҳа мебошад, ки ба ин ѐ он дараҷа таҷрибаи муассисаҳои таълимии иловагии кӯдаконро нусхабардорӣ мекунад ва бо назардошти барномаи хуб андешидашудаи фаъолият ва ҳамкории роҳбарони иттиҳодияҳои гуногуни эҷодӣ фаъолият мекунад. Ин сохтор мустақкил ва худтаъмин аст, ки аксаран ин мустақилият ба муносибат бо коллективи педагогии мактаб халал мерасонад.

―Филиал" як воҳиди нисбатан мустақили мактаби мусиқӣ, рассомӣ, варзишӣ буда, дар он дарсҳоро омӯзгорони ин муассисаҳо мегузаронанд ва мактабро асосан минбари иловагии дарсҳо бо хонандагони лаѐқатманд мешуморанд. Фаъолияти онҳо хеле хуб ба роҳ монда шуда, таъминоти ҷиддии барномавию методӣ дорад, вале на ҳамеша ба ҳамкорӣ бо омӯзгорони мактаб нигаронида шудааст. Роҳбарони муассисаи таълимии умумӣ бо дуруст ба миѐн гузоштани масъала маҳорати касбии омӯзгорони мактаби рассомии бачагонаро барои ташкил намудани иттиҳодияҳои нави эҷодии хонандагон моҳирона истифода бурда, блоки таълими иловагиро умуман инкишоф медиҳанд.

«Клуб» - иттиҳодияи сексияҳо, доираҳои гуногун, ки якдигарро пурра мекунанд ва аксаран дар асоси принсипҳои методологияи коммуналӣ сохта шудаанд, ки бо корҳои гуногуни беруназсинфӣ ва амалҳои иҷтимоӣ зич алоқаманданд. Ин модел хусусияти ошкоро дошта, ҳам бо мактаби асосӣ ва ҳам бо муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, фарҳанг ва илм ҳамкории самаранок дорад. Дар байни нишондихандаҳои асосии фаъолияти онҳо на бештар мукофоту дастовардҳо, балки иштирок дар маъракаҳои якҷоя, ҷашнвораҳо, бозиҳо мебошад.

«Академия» - сохторе, ки бо назардошти хусусиятҳои профили таҳсилоти асосӣ (физика-математика, биология, забон, гуманитарӣ) ѐ намуди муассиса (гимназия, литсей) сохта шудааст. Дар ин сурат баъзе ассотсиатсияи «мавзуъӣ» (клуби англисӣ, театри таърихӣ) мағзи таҳсилоти иловагӣ мегардад, ки барои таъсиси студияю сексияҳои дигар ҳамчун қувваи марказгурез хизмат мекунад.

«Маркази эҷодкорӣ» як блоки таҳсилоти иловагӣ мебошад, ки бо дарназардошти мақсаду вазифаҳои асосии мактаб сохта шуда, ба ҳалли муштараки онҳо тавассути таълими иловагӣ, эҷоди робитаи мутақобила бо таълими асосӣ ва корҳои беруназсинфӣ дар сатҳи мазмун ва ташкилӣ нигаронида шудааст.

Моделҳои номбаршуда дар шакли «ягона»-и худ каманд ва номҳои шартии онҳо, пеш аз ҳама, як навъ умумисозии аломатҳои муҳимтарин, як навъ «портрети шифоҳӣ»-и модели мушаххас мебошанд. Аѐн аст, ки онҳо дар мактабҳои типи гуногун: дар муассисаи таҳсилоти миѐнаи умумӣ, дар литсей, гимназия, мактаби омӯзиши амиқи фанҳо, дар маркази таълимӣ, дар мактаби комплексӣ ва ғайра ба амал бароварда мешаванд. Зерсохтори таҳсилоти иловагӣ дар муассисаи таҳсилоти умумӣ бояд дорои чунин сифатҳо, монанди мустақилияти нисбӣ, худтаъминӣ ва дар айни замон муттаҳидшавии дохилӣ, яъне ба ҳам алоқамандии унсурҳои алоҳидаи он (маҳфил, сексия, студия, клуб) бошад. Вай бояд алоқаи мустаҳками дохилимактабӣ (бо шурои педагогӣ, иттиҳодияҳои фаннии омӯзгорон, шурои методӣ ва ғайра) ва алоқаи берунӣ (бо муассисаҳои таълими иловагии бачагон, муассисаҳои фарҳангӣ ва варзишӣ, ташкилотҳои ҷамъиятии бачагон) дошта бошад. Муносибати мутақобила бо онҳо бояд боандеша ва дарозмуддат бошад ва ба ҳадафҳои асосии таҳсилоти иловагии мактабӣ мувофиқ бошад [61, 14].

Дар амалияи муосир намудҳои зерини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фарқ мекунанд, ки таҳсилоти иловагии мактабиро нисбатан мунтазам амалӣ мекунанд:

Комбинати таълимию тарбиявӣ муассисаест, ки дар зери як сақф муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, филиалҳои мактабҳои мусиқӣ, санъат ва варзишол муттаҳид намуда, аз рӯи нақшаи ягона кор мекунад. Дар сурате, ки мактаб базаи истехсолӣ дошта бошад (ки барои деҳот хос аст), вай ҳам ба Комбинати таълимию тарбиявӣ дохил мешавад. Чунин модели ташкилӣ имкон медиҳад, ки коллективи калони педагогӣ аз рӯи нақшаи ягона кор кунад, ки дар он ғайр аз омӯзгорони мактабҳо мутахассисони муассисаҳои таҳсилоти иловагт ва фарҳангӣ шомил ҳастанд. Хусусияти Комбинати таълимию тарбиявӣ инчунин омезиши бомуваффақияти шаклҳои оммавӣ, гурӯҳӣ, инфиродии дарсҳо бо хонандагон дар эҷодиёти бадеӣ мебошад. Дар баробари машғулиятҳои маҳфилҳо ва сексияҳо таълими умумии эстетикӣ, танаффусҳои мусиқӣ, ритмикӣ ва хореографӣ ташкил карда мешаванд, ки онҳо ба ҷадвали умумии машғулиятҳо дохил шуда, барои ҳамаи хонандагон ҳатмӣ мебошанд.

Маркази таълимӣ — муассисае, ки дар номенклатураи муассисаҳои таълимӣ ба таври қонунӣ ҷорӣ кардани он дар охири солҳои 90-ум сурат гирифтааст. Аксари онҳо дар заминаи комплексҳои таълимӣ нав ташкил карда шуда, мутаносибан бисёр хусусиятҳои худро доранд. Хусусияти асосии чунин марказҳо таваҷҷуҳ ба ҳалли мушкилоти таҳсилоти давомдор тавассути таъсиси низоми «Боғча – мактаб – муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ – курсҳои омодагӣ ба донишгоҳ» мебошад, онҳо ҳамкориҳоро бо донишгоҳҳо, муассисаҳои илмӣ фаъолона инкишоф медиҳанд.

Мактаб-клуб — иттиҳодияи мактабӣ-ғайримактабӣ бо муассисаҳои таълими иловагӣ ё фарҳангӣ (маркази эҷодӣ, китобхона, театр, музей ва ғайра), ки бо онҳо мунтазам робитаи зич барқарор шудааст. Ин ҳамкорӣ бештар мазмуни таълими иловагиро дар мактаб муайян мекунад. Мутахассисони ин муассисаҳо нақши калон мебозанд. Онҳо на танҳо бо кӯдакон машғулият мегузаронанд, балки ба омӯзгорон дар ташкили идҳо, намоишҳо, экскурсияҳо низ ёрӣ мерасонанд.

Мактаб-гимназия — бо самти махсусгардонии таълими иловагӣ дар гимназияҳо, литсейҳо, мактабҳо бо омӯзиши амиқи як қатор фанҳо хос аст. Чунин модел бо бунёди система дар унсури асосии мактаб (дар синфҳои 1-4, 5-9) тавсиф мешавад, ки ба интихоби бошууронаи профили таълим дар синфҳои болоии кӯдак мусоидат мекунад. Ин ба кӯдак ва оилаи ӯ имкон медиҳад, ки марҳилаи мураккабтари таълимро ҳал кунанд, фаҳманд, ки кӯдак ба кори пуршиддати ақлӣ майл дорад ё не, оё ӯ қувваи кофии рӯҳӣ ва ҷисмонӣ дорад. Мазмуни таълими иловагӣ дар чунин мактабҳо ба фаъолияти зеҳнӣ, маърифатӣ ва ҷустуҷӯӣ нигаронида шудааст.

Мактаби мутобиқшавӣ - як варианти мактаби пешниҳодкардаи Е.А.Ямбург - ба татбиқи модели таълимӣ байни модели «ЗУН»-и таълим асос ёфтааст, ки пеш аз ҳама ба рушди қобилиятҳои маърифатии мактаббачагон ва шахсият, психо- модели сарфаҷӯӣ, ки ташаккули модели эмотсионалию образии кӯдакро афзалтар медонад, гузариш аз мафҳуми зеҳнӣ, академии таълимро ба консепсияе дар назар дорад, ки на танҳо ба фард, балки ба равандҳои иҷтимоии дар ҷомеа ба амаломада нигаронида шавад. Дар ин раванди мураккаб таълими иловагӣ нақши махсус мебозад. Мактаби мутобиқшавӣ ба шарофати чандирии худ ва такя ба имкониятҳои таҳсилоти иловагӣ барои ҳамаи кӯдакон фазои эҷодкорӣ ва инкишофёбандаро бидуни истисно фароҳам меорад, фаъолияти омӯзгоронро ҳавасманд мекунад, барои барқарор намудани робита бо оила ва ташкилотҳои гуногуни ҷамъиятӣ, муассисаҳои фарҳангӣ кӯмак мерасонад [94, 56].

Мактаби худмуайянкунӣ, ки онро А.Н.Тубелский пешниҳод додааст, ба инкишофи шаклҳои якҷояи ҳаёти омӯзгорон, хонандагон ва падару модарон барои пурра зоҳир намудани шахсияти онҳо нигаронида шудааст. Хусусияти кори мактаб риояи принсипҳои худидоракунӣ, худидоракунӣ ва худмуайянкунии озодонаи омӯзгорон, хонандагон ва падару модарон мебошад. Таҳсилоти иловагӣ дар чунин мактаб дорои самти баръало мутобиқшавии иҷтимоӣ мебошад. Ассотсиатсияҳои гуногуни манфиатдор фазои махсуси муоширати берун аз омӯзишро ташкил медиҳанд [94, 57].

Мактаби дорои ҷузъи этнофарҳангӣ дар даҳсолаи охир ба муносибати ба автономияҳои миллӣ-фарҳангӣ дода шудани ҳуқуқи таъсиси муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳуқуқи гирифтани маълумоти ибтидоии умумӣ дар муассисаҳои таълимии худ фаъолона инкишоф ёфт. Дар баъзе муассисаҳои таълимӣ ҷузъи этнофарҳангӣ ҷузъи ҷудонашавандаи барномаҳои таълимии мактаб буда, бевосита дар раванди таълим амалӣ карда мешавад. Дар дигар мавридҳо таълими забон ва фарҳанги миллӣ ҳам дар доираи барномаи таълимӣ ва ҳам дар системаи таҳсилоти иловагӣ сурат мегирад.

Мактаби ба омӯзиши амиқи як қатор фанҳо нигаронидашуда. Аксар вақт дар муассисаҳои таълимии ин тип кушиш ба харҷ дода мешавад, ки барои васеъ намудани андешаҳои хонандагон дар бораи самти интихобкардаи эҷодкорӣ, соҳаи илмӣ ё техникӣ, шиносоӣ бо таърихи илму фарҳанг, бо намояндагони барҷастаи он фазои иловагӣ фароҳам оварда шавад. Ҳалли ин масъала истифодаи тамоми имкониятҳои таълими иловагиро дар назар дорад.

Муваффақияти рушди таҳсилоти иловагӣ дар шароити муассисаи таҳсилоти умумӣ бештар ба сатҳи ташкили он ва фарҳанги ташкилии он вобаста аст. Имрӯз, ҳадди аққал чаҳор сатҳро номбар кардан мумкин аст [71, 85].

Якум бо маҷмуи тасодуфии маҳфилҳо ва сексияҳо хос аст, ки самтҳои фаъолияти онҳо кам ба ҳам пайвастаанд ва комилан ба кадрҳо ва захираҳои моддӣ вобастаанд. Дар чунин вазъият мазмуну шаклҳои кор хусусиятҳои ин муассисаи таълимиро инъикос намекунанд, арзиши таълими иловагӣ ба амал намеояд.

Сатҳи дуюм мураккабтар ва пешрафтатар аст. Он бо консолидатсияи муайяни дохилӣ фарқ мекунад. Ба вай чунин шаклҳои фаъолият, монанди клубҳо, экспедитсияҳо, лабораторияҳо ва ғайра хос аст, аммо умуман корро дар асоси мазмуни ягона сохтан мумкин нест. Вай аз сабаби набудани

барномаи мукаммали фаъолият ва мутобиқ карда натавонистани кори омӯзгорони таълими иловагӣ ба порчаҳои алоҳида ҷудо мешавад.

Дараҷаи сеюм — ташкили таълими иловагӣ дар шуъбаи алоҳидаи мактаб, ки иттиҳодияҳои гуногуни эҷодӣ дар асоси барномаи ягонаи таълимӣ кор мекунанд ва омӯзгорон метавонанд фаъолияти худро мутобиқ намоянд.

Дараҷаи чорум омезиши таҳсилоти асосӣ ва иловагӣ, ягонагии ташкилӣ ва мазмуни сохторҳои асосии мактабро дар бар мегирад. Дар ин сатҳ фаъолияти онҳо ба идеяҳои асосии консептуалӣ асос ѐфтааст, ки рушди муассисаро дар маҷмӯъ таъмин мекунанд.

Бояд тазаккур дод, ки агар мактаби муосир дар ҳақиқат ба насли наврас бо сифати нав дониш додан мехоҳад, бояд модели принсипан дигари функсионалии фаъолияти худро дар асоси принсипи мукаммалии таълим барпо намояд. Ин гуфта маънои онро дорад, ки дар мактаби муосир бори аввал таҳсилоти асосӣ ва иловагии кӯдакон метавонанд чун ҷузъҳои баробарҳуқуқ ҳамдигарро такмил диҳанд ва ба ин васила фазои ягонаи таълимиро барои шахсияти комилҳуқуқ (на танҳо интеллектуалӣ) фароҳам оранд. Дар ин шароит мактаб ниҳоят номутавозунии зеҳнии инкишофи хонандагонро бартараф карда, барои мутобиқшавии бомуваффақияти онҳо дар ҷамъият замина муҳайѐ мекунад.

Шубҳаи баъзе хонандагонро тахмин кардан душвор нест: оѐ дар шароити бӯҳрон дар бораи инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдак дар мактаб сухан рондан мумкин аст, дар ҳоле ки таълимро дар асоси ҳадди ақали асосӣ таъмин кардан душвор аст? Оре, вазъияти душворе, ки мактаби имрӯза ба он дучор шудааст, ба ҳама маълум аст. Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистн ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои таҳсили 2020-2021-2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 3940 адад (аз ҷумла муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ 310, муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ 426 ва муассисаи миѐнаи умумӣ 3204)-ро ташкил медиҳад, ки назар ба соли 1992, ки шумораашон 3229 адад буд 711 адад ѐ 22 фоиз зиѐд мебошад. Ҳамчунин, дар

ҷумҳурӣ 156 муассисаи типи нав, яъне 75 гимназия ва 81 литсей, фаъолият дорад [144, 62-64].

Шумораи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 128 ҳазору 827 нафар (80 170 зан)-ро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии омӯзгорон 98 753 нафар (58 033 зан) – 76,7% дорои таҳсилоти олӣ, 28 093 нафар (20 548 зан) – 21,8% дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошанд. Нишондиҳандаи таҳсилоти омӯзгорон нисбат ба солҳои қаблӣ тағйир ёфта, омӯзгорон бо таҳсилоти миёнаи касбӣ кам ва бо таҳсилоти олии касбӣ зиёд гардидааст [144, 73].

Соли 2021 барои соҳаи маориф 5 миллиарду 597 миллиону 100 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки нисбат ба соли 2020-ум 11,8% зиёд мебошад.

Маблағгузории соҳаи маориф дар соли 2022 низ афзоиш дода шуда, дар Буҷети давлатии соли 2022 ба соҳаи маориф 6 млрд. 304 млн.25 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки ин нисбат ба соли 2021 706 млн.925 ҳазор сомонӣ ё ин, ки 11,3 фоиз зиёд аст .

Ҳамасола аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайр аз маблағҳои буҷети давлатӣ, маблағҳои инвеститсионӣ барои рушд ва ислоҳоти соҳаи маориф ва илм ҷалб карда мешавад, ки бо ёрии он як қатор масъалаҳои соҳаи маориф ва илми ҷумҳурӣ ҳалли худро меёбанд.

Мавриди зикр аст, ки айни замон баҳри бартараф намудани масъалаҳои сохтмон ва барқарорсозии муассисаҳои таълимӣ, харидории таҷҳизоти таълимӣ, омӯзиш ва гузаронидани тренингу семинарҳо дар соҳаи маориф 4 лоиҳаи инвеститсионӣ бо маблағи умумии 101 млн. 635 ҳазор 423 доллари ИМА фаъолият дорад, ки ба ҳолати 1 декабри соли 2021 94,6% аз худ карда шудааст.

Бо пешниҳоди Вазорати маориф ва илм тағйирот ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» пешниҳод карда шуд, ки дар маҷмуъ ҳамаи маблағҳои соҳаи маориф ҳимояшаванда ҳисобида шаванд. Пешниҳоди вазорат аз тарафи Парлумон ва Ҳукумати ҶТ дастгирӣ ёфта, бо назардошти талаботи

банди 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» соҳаи маориф ба соҳаи ҳимояшавандаи буҷети давлатӣ дохил карда шудааст.

Ин ислоҳоти қабулшуда бисѐр муҳим ва саривақтӣ буда, барои рушди соҳаи маориф замина гузошта, мустақилияти молиявии муассисаҳои соҳаи маорифро таъмин хоҳад намуд.

Яке аз дастовардҳои Вазорати маориф ва илм дар сатҳи ҷаҳонӣ дар соли 2021 ин аз тарафи ташкилоти Шарикии Глобалии маориф (GPE) аз миѐни 76 давлат интихоб гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси гирандаи грантҳои пилотӣ ба ҳисоб меравад. Ин грантҳо ба давлатҳое дода мешавад, ки онҳо нақшаи стратегии муайяни амал барои амалишавии Ҳадафҳои Рушди Устувори СММ доранд. Ҳамзамон, аз тарафи роҳбарияти ин ташкилот пешниҳод гардидани вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раѐсати идоракунии Шарикии Глобалии маориф (GPE) ва намояндагӣ намудани он аз давлатҳои Осиѐи Марказӣ нишони боварии баланд ба низоми соҳаи маорифи кишвар мебошад.

Новобаста аз ин дастовардҳо базаи таълимию моддии аксарияти мактабҳо ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ нестанд: камтар аз 50 фоизи биноҳо шароити номусоид доранд; сеяки мактабҳо гармидиҳии марказӣ, ошхонаю мағоза надоранд. Таъмини маблағгузории буҷетӣ 25-40 фоизи талаботи меъѐрии тахминии мактабҳоро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин маълум аст, ки дар заминаи падидаҳои бӯҳронӣ дар ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳити кӯдакон, наврасон ва ҷавонон дар солҳои охир афзоиши фалокатбор дар ҳама гуна шаклҳои рафтори зиддиҷамъиятӣ мушоҳида мешавад. Тамоюли манфии афзоиши фаъолияти ҷинояткоронаи хонандагони хурдсол мушоҳида карда мешавад. Ҷинояткории ноболиғон идома дорад (соли 2021 афзоиши он нисбат ба соли 2015 18,9 фоизро ташкил дода, ташвишовар он аст, ки шумори зиѐди онро ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ташкил медиҳанд). Теъдоди гурӯҳҳои ҷиноие, ки дар онҳо наврасон ҳамроҳ бо калонсолон иштирок мекунанд, меафзояд, ки ин

ба интиқоли таҷрибаи ҷиноятӣ ба насли наврас мусоидат мекунад. Шумораи иттиҳодияҳои зиддиҷамъиятии ҷавонон, инчунин ташкилотҳои радикалии сиёсӣ, ки ҷавонони камтаҷрибаро ба гурӯҳҳои фашистӣ, экстремистӣ ва ҳаракатҳои таҷовузкоронаи сектантӣ ҷалб мекунанд, зиёд шуда истодаанд.

Сарчашмаҳои хашмгинии кӯдакон дар фазои номусоиди иҷтимоӣ-психологии ҷомеа, ки дар навбати худ, бо як қатор сабабҳо алоқаманд аст, дида мешавад. Ба ин омилҳо дохил мешаванд: вайрон кардани асосҳои ахлоқию оилавӣ, майзадагии ноболиғон, афзоиши нашъамандӣ дар байни онҳо, суст шудани вазифаи тарбиявии мактаб, ташкили бешууронаи фароғати хонандагон, беэътиноӣ нисбати кӯдакон дар рӯзҳои таътил.

Дар байни кӯдакон ва наврасон шиддати вазъият, оштинопазирӣ, хашмгиниро зуд паст кардан зарур аст. Барои ин, пеш аз ҳама, таъсири педагогӣ ва ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб намудани онҳоро зиёд кардан лозим аст. Аз ин лиҳоз, таҳсилоти иловагии кӯдакон як қувваи воқеии иҷтимоӣ мебошад, ки қодир аст бо ҳуҷумҳои ҳама гуна «контрфарҳанг», ки насли наврасро нooром мекунанд, пайваста муқовимат намояд. Таҳсилоти иловагӣ дар асоси асолати худ намудҳои гуногуни фаъолиятҳои пурмазмуни фароғатро (фароғат, истироҳат, идҳо, эҷодкорӣ) бо шаклҳои гуногуни фаъолияти тарбиявӣ ба таври органикӣ мепайвандад ва дар натиҷа фазои рафтори девиантиро коҳиш медиҳад ва мушкилоти шуғли кӯдаконро ҳал мекунад.

Зарурати вақти пурраи таълим дар мактаб низ ба талаботи нав нисбат ба тарбияи инсон вобаста аст, ки дар остонаи садаҳои 20 ва 21 ошкор шуданд. Имрӯз маълумотнокии инсон на аз рӯи донишҳои махсус (фаннӣ), балки аз рӯи ташаккули ҳамаҷонибаи ӯ ҳамчун шахсе муайян карда мешавад, ки ба анъанаҳои фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ дар низоми арзишҳои муосир қобилияти мутобиқшавиро дорад. Аз ин рӯ, раванди таълим дар мактаб бояд на танҳо ба интиқоли дониш, малака ва салоҳиятҳои муайян, балки ба инкишофи гуногунҷанбаи кӯдак, ошкор намудани қобилиятҳои эҷодӣ, қобилият ва хислатҳои шахсияти ӯ, аз қабили ташаббус, тасаввурот, асолат,

яъне тамоми он чизе, ки ба фардияти шахс дахл дорад, нигаронида шуда бошад. То он даме, ки системаи маориф ба интиқоли дониш бе назардошти рушди ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак нигаронида шудааст, ҳалли масъалаҳои фардӣ ва тафриқавии таълим, худмуайянкунӣ ва худшиносии хонандагон ҳалношуда боқӣ мемонад.

Амалия нишон медиҳад, ки ин талабот ба таҳсилотро танҳо тавассути таҳсилоти ибтидоӣ қонеъ кардан мумкин нест: таҳсилоти асосии ба расмият даровардашуда бештар ба таҳсилоти иловагии ғайрирасмӣ эҳтиёҷ дорад, ки он яке аз омилҳои муайянкунандаи инкишофи майлу қобилиятҳои шахс буд ва мемонад.

Дарвоқеъ, мактаб маълумоти умумӣ медиҳад, аммо таҳсилоти иловагӣ ба инкишофи гуногунҷабҳаи шахсият, ифшои қобилиятҳои он, роҳнамоии барвақтии касбу ҳунар мусоидат мекунад. Ва агар ҳамаи кӯдакон каму беш яксон таҳсилоти мактабӣ гиранд, ки онро стандарти давлатӣ муайян кардааст, таҳсилоти иловагии ғайристандартӣ аз ҳисоби гуногунрангӣ ва гуногунсамтии он ба тавri инфиродӣ амалӣ мегардад. Кӯдакон он чизеро интихоб мекунанд, ки ба табиати онҳо наздик аст ва талаботи онҳоро қонеъ мегардонад, ки ин моҳияти таҳсилоти иловагӣ аст: таҳсилоти иловагӣ ба худмуайянкунии барвақт кӯмак мекунад, ба кӯдак имкон медиҳад, ки давраи кӯдакии худро пурра зиндагӣ кунад, худро дарк кунад, вазифаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро ҳал кунад. Кӯдаконе, ки аз таҳсилоти иловагӣ гузаштаанд, майл доранд, ки дар оянда интихоби дуруст карда тавонанд.

Арзиши таҳсилоти иловагӣ барои кӯдакон дар он аст, ки он ҷузъи тағйирёбандаи таҳсилоти умумиро баланд мебардорад, ба татбиқи амалии дониш ва малакаҳои дар мактаб гирифташуда мусоидат мекунад ва ҳавасмандии маърифатии хонандагонро бештар месозад. Ва аз ҳама муҳимтар - дар шароити таҳсилоти иловагӣ кӯдакон метавонанд нерӯи эҷодии худ, малакаҳои мутобиқшавӣ ба ҷомеаи муосирро инкишоф дода, имкони ташкили пурраи вақти холии худро пайдо кунанд. Таълими иловагии кӯдакон ин таҳсилоти ҷустуҷӯӣ, санҷидани дигар роҳҳои ғайрианъанавии

берун аз вазъиятҳои гуногуни ҳаётӣ (аз ҷумла ҳолатҳои номуайянӣ), ба шахс додани имкониятҳои интихоби сарнавишти худ, ҳавасмандгардонии равандҳои рушди худшиносии шахс мебошад [114, 73].

Умуман, таҳсилоти миёнаи умумӣ ва иловагӣ набояд бидуни ҳам вуҷуд дошта бошанд, зеро дар алоҳидагӣ онҳо яктарафа ва заиф мегарданд. Ба ибораи А. Макаренко, ба таври идеалӣ тамоми тарзи ҳаёти кудак, ҳар як метри мураббаи ҳаёти ӯ бояд бо тарбия фарогир шавад.

Барои он ки таълими иловагӣ имкониятҳои худро пурра амалӣ намояд, кори аниқ ва мутобиқшудаи тамоми системаи педагогӣ зарур аст. Аз ин рӯ, барои омӯзгорон хеле муҳим аст, ки мушкилоти ҳамдигарро фаҳманд - онҳое, ки бо таълими иловагии кӯдакон ба таври касбӣ машғуланд ва онҳое, ки бо таълими фаннии мактаб алоқамананд. Танҳо ёрии ҳамдигар ва амалиёти якҷояи онхо метавонад асоси ба вуҷуд овардани фазои интегралии таълим чи дар сатҳи мактаби алоҳида ва чи дар тамоми шаҳр, вилоят, кишвар гардад.

Вазъияти таълими иловагии хонандагон дар мактабҳо имрӯз чӣ гуна аст? Дар муқоиса бо муассисаҳои таълимии иловагӣ, ки дар онҳо мутахассисони касбӣ кор мекунанд ва дар самти кор бо кӯдаконе, ки ба ин ё он намуди эҷод шавқ доранд, таҷрибаи ғанӣ доранд, дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ вазъият хеле мураккабтар аст. Бевосита дар мактаб ин намуди таълим, чун қоида, дар заминаи мавҷуда ва ғайр аз ин, аз ҷониби кадрҳои худӣ, яъне омӯзгорони фанҳо сурат мегирад. Дар баробари ин, худи мафҳуми «таълими иловагӣ» ҳанӯз аз тарафи бисёр омӯзгорон бо ҳаяҷон қабул карда мешавад.

Дар пайи аз мактаб дур мондани кори тарбиявӣ, аз охири солҳои 80-ум ҳама гуна корҳои беруназсинфӣ тадриҷан аз ҳаёти мактаб дур шудан гирифтанд. Ба ҷои маҳфилҳои анъанавӣ дар мактабҳо курсҳои нав (аз забонҳои экзотикии хориҷӣ то астрология) фаъолона ҷорӣ карда шуданд ва баъзе анъанаҳои мардумӣ эҳё шуданд. Бо вуҷуди ин, на ҷорӣ намудани фанҳои нав ва на баргузории идҳои қаблан фаромӯшшуда (ҷашни Сада ва Меҳргон ва ғайра)-ро ҳанӯз ҳам эҷоди системаи таълими иловагии мактаб барои кӯдакон номидан мумкин нест. То ҳол алоқаҳои байнисиннӣ, ки дар

мактабҳо канда шуда буданд, аз нав барқарор нашудаанд. Пештар созмонҳои Октябр, пионер, комсомол ва ғайра ба робитаи байнисинниро қавӣ нигоҳ медоштанд. Онҳо сарфи назар аз меъёри зиёди формализм дар фаъолияти худ, барои ба амал баровардани фаъолияти ҷамъиятии хонандагон бисёр муҳим буданд. Чуноне таҷриба нишон дод, даст кашидан аз «маршҳо» ва «азназаргузаронии» анъанавӣ барои дарёфт намудани шакли дигари ба шахс нигаронидашудаи кор ёрӣ нарасонд.

Бояд иқрор шуд, ки ин вазъият, яъне тадриҷан кам шудани корҳои беруназсинфӣ ба аксар омӯзгорон писанд омад, зеро онҳо фикр мекарданд, ки ташвиши асосии онҳо бояд дарс бошад, на чизи дигар. Маблағгузории нокифоя, воқеан, ин ақидаро дастгирӣ мекард. Камфаъолиятии рӯзафзуни омӯзгорон, майл надоштани онҳо ба фаҳмидани шавқу ҳаваси беруназсинфии бачаҳо айни замон бештар аён шудааст, ки ин ҳолат ташвишовар аст. Як нуктаро дар назар доштан лозим аст: ихтисоси «омӯзгори дарсҳои иловагӣ», ки соли 1992 ба системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ карда шуда буд, дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ҳанӯз ба қадри кифоя паҳн карда нашудааст. Ин, албатта, ба ноустувории молиявии онҳо вобаста аст.

Сабаби дигари мураккаб гардидани вазъият ин аст, ки то ҳол дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ –омӯзгорони дарсҳои иловагӣ” расман омода карда намешаванд. Азнавтайёркунии кадрҳо дар базаи донишкадаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон низ вусъати воқеӣ наёфтааст. Чун одат, ташаккули самти нави тарбия ба неруву шуурнокии ҳаваскорон вобаста аст.

Аз ин рӯ, тааҷҷубовар нест, ки дар байни омӯзгорони мактабҳо ҳанӯз ҳам муносибати эҳтиёткорона нисбати ғояи ворид намудани таҳсилоти иловагӣ ба мактаби муосир ҳукмфармост. Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки таълими иловагӣ салоҳияти муассисаҳои махсуси бачагона аст, на масъулияти мактаб; дигарон андеша доранд, ки ин тамоман лозим нест; дигарон чунин мешуморанд, ки имрӯз бо назардошти мураккабии вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ ба кори маҳфилҳо баргаштан комилан кифоя аст. Ҳар

гурӯҳ барои исботи андешаи худ далел дорад, аммо ба ифрот рафтан лозим нест. Вазифаи мо аз он иборат аст, ки ба вазъият ҳушёрона баҳо диҳем ва кушиш кунем, ки онро беҳтар созем.

Ҳалли ин масъала на барои омӯзгорон ва на барои Вазорати маориф ва илм, балки танҳо барои фарзандони мо муҳим аст. Ҳисобҳои оддитарини арифметикӣ нишон медиҳанд, ки хонанда дар як сол камаш 150 рӯз аз мактаб озод аст. Дар рӯзҳои боқимондаи сол боз сеяки вақти ӯ бо дарс банд нест. Аммо кӯдак ҳеҷ гоҳ аз худ озод нест. Шахси афзоянда аз ҷаҳон гуногунрангӣ интизор аст ва дар байни интихобҳое, ки ҷараёни табиии ҳаёт ба ӯ медиҳад, дар байни арзишҳо ва афзалиятҳои ҳаёти ҳаррӯза шояд арзишҳои таҳсилоти иловагӣ вуҷуд дошта бошанд. Ва мо, калонсолон, ҳақ надорем, ки кӯдакро аз имкони бартарӣ додани муҳите, ки вай худро баён кунад ва роҳҳои зиндагии интеллектуалиро азхуд кунад, муҳите, ки тафаккур ба замина меафтад ва фаъолият ранги маъноии худро гум мекунад, маҳрум кунем.

Омӯзгорони таҳсилоти асосӣ ва иловагӣ вазифадоранд, ки хусусиятҳои кори якдигарро донанд, душвориҳо ва бартарии онро фаҳманд. Бинобар ин, дар бораи он нуқтаҳое таваққуф кардан лозим аст, ки барои дар мактаб ба дараҷаи ҳозиразамон ташкил намудани таълими иловагӣ ёрӣ расонида метавонанд. Гузашта аз ин, дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи ҳамгироии таҳсилоти асосӣ ва иловагӣ барои кӯдакон ҷорист, ки ин ҳолат бештар натиҷаҳои мусбӣ медиҳад. Таълими иловагӣ дар мактаб дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

- аз ҷониби кӯдак ихтиёран ва мақсаднок истифода бурдани вақти аз дарс озод бо мақсади инкишофи ҳаматарафаи ӯ;

- соҳибихтиёр будан дар интихоби самти фаъолият, омӯзгор ва барномаи таълим;

- имкони иваз кардани фаъолият, гурӯҳ, омӯзгор;

- хусусияти эҷодии раванди таълим, ки дар асоси барномаҳои таълими иловагӣ гузаронида мешавад;

- муносибатҳои махсуси байни кӯдак ва омӯзгор (ҳамкорӣ, эҷоди муштарак, муносибати инфиродӣ ба кӯдак);

- имконияти гирифтани таълими пеш аз касбӣ.

Дар асоси хусусиятҳои номбаршудаи таҳсилоти иловагӣ вазифаҳои онро дар мактаби таҳсилоти умумӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст [119, 27]:

1. таълимӣ – таълими кӯдак аз рӯи барномаҳои таълимии иловагӣ, гирифтани донишҳои нав;

2. тарбиявӣ – ғанӣ гардонидан ва тавсеаи қишри фарҳангии муассисаи таҳсилоти умумӣ, ташаккули муҳити фарҳангӣ дар мактаб, дар ин замина муайян намудани дастурамалҳои равшани ахлоқӣ, тарбияи беғаразонаи кӯдакон тавассути ошноии онҳо бо фарҳанг;

3. эҷодкорӣ – эҷоди низоми чандир барои амалӣ намудани манфиатҳои эҷодии инфиродии шахс;

4. ҷубронкунанда – аз ҷониби кӯдак инкишоф додани самтҳои нави фаъолият, амиқсозӣ ва пурра намудани таҳсилоти асосӣ ва фароҳам овардани заминаи эмотсионалӣ барои кӯдак дар раванди азхудкунии мундариҷаи таҳсилоти умумӣ, таъмини кӯдак бо кафолатҳои муайяни муваффақият дар самтҳои интихобкардаи фаъолияти эҷодии ӯ;

5. фароғатӣ – ташкили фароғати пурмазмун ҳамчун соҳаи барқарорсозии қувваи равонӣ-ҷисмонии кӯдак;

6. роҳнамоии касбӣ – ташаккули таваҷҷӯҳи устувор ба фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок, мусоидат дар муайян намудани нақшаҳои ҳаёти кӯдак, аз ҷумла самти пеш аз касбӣ. Дар баробари ин мактаб на танҳо ба фаҳмидан ва фарқ кардани шавқу ҳавасҳои гуногуни кӯдак мусоидат мекунад, балки барои интихоби муассисаи таълимии иловагӣ, ки дар он бо кушиши мутахассисон қобилиятҳои кашфшударо боз ҳам инкишоф додан мумкин аст, ёрӣ мерасонад;

7. ҳамгироӣ – ташкили фазои ягонаи таълимии мактаб;

8. функсияи иҷтимоӣ – инкишофи таҷрибаи иҷтимоӣ аз ҷониби кӯдак, аз худ намудани малакаҳои таҷдиди робитаҳои иҷтимоӣ ва сифатҳои шахсии барои ҳаѐт зарурӣ;

9. функсияи худшиносӣ – худмуайянкунии кӯдак дар шаклҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муҳими ҳаѐт ва зиндагии ӯ дар ҳолатҳои муваффақият, рушди худшиносии шахсӣ.

Рӯйхати функсияҳои дар боло зикршуда нишон медиҳад, ки таълими иловагии кӯдакон бояд ҷузъи ҷудонашавандаи системаи таълим бошад. Аз ин рӯ, муносибатҳои байни омӯзгорони таҳсилоти умумии асосӣ ва иловагӣ бояд на чун рақобату мубориза, балки ҳамчун ҳамкории зич ба роҳ монда шаванд.

Дар шароити муосир як қисми хизматрасониҳои таълимии иловагӣ пулакӣ мебошанд. Сабаби ин паст будани маблағгузории системаи маориф дар маҷмӯъ ва бахусус таҳсилоти иловагӣ, нарасидани кадрҳои баландихтисос, таҷҳизоти моддию техникӣ мебошад. Имконияти расондани хизмати пулакӣ кормандони соҳаи таҳсилоти иловагиро водор мекунад, ки имкониятҳои худро аз нав дида бароянд ва баҳо диҳанд, нақши худро дар қонеъ гардондани талаботи маданию маърифатии ҷамъият дарк кунанд. Ҷорӣ намудани хизматрасониҳои пулакӣ дар системаи таҳсилоти иловагӣ ба рақобати солим дар соҳаи маориф мусоидат намуда, вазъи молиявии муассисаи таълимиро мустаҳкам ва нигоҳ медорад, масъулияти онро барои натиҷаҳои таълим баланд мебардорад, ба рушди шаклу усулҳои гуногуни таълим мусоидат мекунад.

## Хулосаи боби 1

Таҷрибаи ҷаҳонии таҳқиқоти лаёқат, қобилият ва истеъдодҳо анъанаҳои худро доро мебошад. Зимни таҳлили самтҳои назариявии ташаккули лаёқату истеъдод аз лаҳзаҳои пайдоиши якумин консепсияҳои лаёқатмандӣ то ба имрӯз ин масъала мавриди омӯзиш қарор дорад. Дар тамоми таҳқиқотҳо лаёқат нисбат ба қобилият ҳамчун мафҳуми васеътар маънидод карда мешавад.

Ғояи омӯзиши лаёқат ва қобилият дар асоси таҳлили рушди эҷодии шахс инъикоси худро пайдо менамояд. Тибқи андешаи бархе аз муҳаққиқон лаёқатмандӣ ба иқтидори эҷодии шахс такя намуда, дар ҳама самтҳои фаъолияти инсон зуҳур ва ошкор мегардад. Хусусияти маъмултарини неруи эҷодӣ ба ниёзмандии маърифатӣ асос меёбад. Майлу хоҳиш ва лаёқатмандӣ ба донишандӯзӣ ифода ёфта, худро дар шакли ҷустуҷӯ, фаъолияти таҳқиқотӣ зоҳир менамояд.

Дар Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025 ба муносибати маҷмӯӣ ва зуҳуроти мураккаб ва бисёрҷабҳаи қобилиятнокии кӯдакон асос ёфтааст. Татбиқи он дар омода намудани мутахассисон, тибқи талаботи махсус, шаклҳои муассири таълимро пешбинӣ менамояд [17]. Ҳадафи асосии кор бо кӯдакони лаёқатманд ошкор сохтани истеъдодҳо ва роҳҳои самараноки кор бо онҳо мебошад. Иҷтимоишавии минбаъдаи хонандагони болаёқат, ҳамчун манбаи муҳими зеҳнӣ барои рушди ҷомеа ниҳоят муҳим мебошад.

Лаёқатмандии хонандагон метавонад табиӣ бошад ё тавассути машқҳои мунтаззам ҳосил гардад. Зоҳиршавӣ ва рушди лаёқатмандӣ бо рушди психофизиология ва дигар соҳаҳои рӯҳии инсон робитаи ногусастанӣ дорад. Дар баробари ин, инкишофи синнусолиро низ ҳамеша ба инобат гирифтан зарур аст. Лаёқатмандӣ дар маҷмӯъ як падидаи серҳаракату тағйирёбанда буда, бо мурури замон ҳам аз рӯйи мавзӯъ ва ҳам аз рӯйи шиддатнокии зуҳурот дар тағйирот қарор мегирад.

Шароитҳои педагогии дарёфти хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва мактабҳо бо роҳҳои гуногун ҳосил ва густариш меёбад. Дар байни онҳо яке аз усули мувофиқу муассири ҷустуҷӯ ва таҳқиқи хонандагони болаёқат мушоҳидаҳои педагогӣ мебошанд. Лаёқатнокии хонандагонро ҳеҷ гоҳ аз либоси тан ва инкишофи ҷисмонӣ муайян кардан мумкин нест. Ин усул ба эҷодиёти кӯдак, сифатҳои шахсии он такя мекунад, ки натиҷаи самарабахши таълимро муайян мекунад.

Яке аз шаклҳои муассири фаъолияти таълимӣ дар низоми таҳсилоти иловагӣ дуруст интихоб намудани хонандагон аз рӯйи майлу хоҳиш ба корҳои эҷодӣ ва сайқали фардии лаёқат мебошад. Дар шароити таҳсилоти иловагӣ хонанда бояд барои гирифтани маълумоти босифат талош варзад ва волидон назорат баранд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ низоми кори педагогӣ-психологӣ бо кӯдакони болаёқат аз бедор намудани ҳавасмандии онҳо ба интихоби самти муайяни фаъолият оғоз мегардад. Низоми таълим дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ асосан аз рӯйи нақшаи инфиродӣ ва барномаҳои инфиродии таълимӣ бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ бо методҳои муосири таълим пеш бурда мешавад. Яке аз навгониҳои таҳсилоти иловагӣ дар он мебошад, ки дарояндаи наздик дар он инчунин шакли таҳсилоти фосилавӣ имконияти татбиқшавӣ пайдо менамояд. Дар инфиродигардонии таълими хонандагони болаёқат роҳбари иттиҳодияи таълимӣ (роҳбари маҳфил) тавассути муколама ва ҷустуҷӯйи муштарак, таҳияи стратегияҳое, ки ба рушди инфиродӣ, ташаккули қобилиятҳои худмуайянкунии хонанда равона шудааст, нақши назаррас дорад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ҳар як кӯдак имконият пайдо менамояд, ки самти таҳсили барномавии худро интихоб намояд. Ин шакли таҳсил ворид шудани хонандаро ба шаклҳои мухталифи фаъолияти маърифатӣ бо дарназардошти майлу хоҳиши инфиродии ӯ ошкор месозад.

# БОБИ 2. НИЗОМИ САМАРБАХШИ ҲАМКОРИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ БО МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНА ДАР САМТИ ДАРЁФТ ВА РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ

## 2.1. Асосҳои педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо

Таҳсилоти иловагии кӯдакон – таҳсилоти ташаббускоронаест, ки берун аз доираи таҳсилоти асосӣ амалӣ гардонида шуда, ба ҳар як шахс имкон медиҳад, ки дар раванди дарку эҷодкорӣ, худро ба таври максималӣ нишон дода, ба таври иҷтимоӣ, касбӣ ва шахсиву мавзӯӣ ба худ дар ҷомеа мавқеъ пайдо намояд. Ҷиҳатҳои фарққунандаи педагогикаи таҳсилоти иловагии кӯдакон нуктаҳои зерин ба ҳисоб мераванд [27, 49]:

- муҳайѐ намудани шароит барои интихоби озоди соҳаи таълим (самт ва намуди фаъолият), профили барнома, вақти омӯзиши он ва омӯзгор аз ҷониби ҳар як хонанда;

- намудҳои гуногуни фаъолият, ки манфиатҳои гуногун, майл ва ниѐзҳои кӯдакро қонеъ мегардонанд;

- хусусияти шахсӣ-фаъолиятии раванди таълим, ки ба инкишофи ҳавасмандии шахс ба дониш ва эҷодиѐт, худшиносӣ ва худмуайянкунии шахс мусоидат мекунад;

- муносибати ба шахсият нигаронидашуда бо кӯдак, фароҳам овардани «вазъияти муваффақ» барои ҳама;

- фароҳам овардани шароит барои худшиносӣ ва худмуайянкунии шахсият;

- эътирофи ҳуқуқи кӯдак ба озмоиш ва хатогиҳо дар интихоб, ҳуқуқи аз нав дида баромадани имкониятҳои худмуайянкунӣ;

- истифодаи чунин воситаҳои муайян кардани самаранокии пешравии кӯдак дар доираи барномаи таълимии иловагии интихобкардаи ӯ (навъи фаъолият, соҳаи дониш), ки ба ӯ барои дидани марҳилаҳои инкишофи худ ва

ҳавасмандгардонии ин рушд мусоидат мекунанд (бе поймол кардани шаъну шараф ва шахсияти кудак).

Раванди таълим дар системаи таҳсилоти иловагии кӯдакон дар парадигмаи рушди таҳсилот, бо таъмин намудани ҷузъи иттилоотии функсияҳои таркибии инкишофӣ, иҷтимоӣ ва истироҳатӣ тартиб дода шудааст. Системаи миллии таҳсилоти иловагии кӯдакон барои рушди қобилияти эҷодии хонандагон дар соҳаҳои илму техника, бадеӣ, экологӣ-биологӣ, варзишию техникӣ, тарбияи ҷисмониву варзиш, иҷтимоӣ-педагогӣ, педагогӣ, табиатшиносӣ ва дигар чорабиниҳои тарбиявӣ имкониятҳои беназир дорад.

Сиѐсати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон заруати воридкунии тағйироти назарраси зеринро дар раванди таҳсилоти иловагии кӯдакон дар оянда муайян кардааст:

- такмил додани низоми таҳсилоти иловагии кӯдакон, ки барои фароҳам овардани шароити зарурӣ ҷиҳати ба таври васеъ баланд бардоштани сатҳи дониш, рушди ҳавасмандии хонандагон нисбат ба омӯзиши мустақилона, рушди қобилиятҳои эҷодии онҳо, фарогирӣ ба таҳсилоти муфиди ҷамъиятӣ, фаъолиятҳо оид ба худшиносии касбиву шахсии кӯдакон, фаъолияту омӯзиши мустақилона, ба ҷомеа мутобиқ гардонидани онҳо, ташаккули шуури таҳаммулпазирӣ, ташкили истироҳати самаранок ва машғулият пешбинӣ карда шудааст;

- рушди ҳамкории шабакавӣ бо мақсади таъмин намудани таҳсилоти дастрас ва босифат дар шароити иқтисоди бозоргонӣ;

- фароҳам овардани шароит барои нигоҳ доштани фазои ягонаи таълимӣ дар ҳамкории мутақобилаи таҳсилоти иловагӣ барои кӯдакони дорои дараҷаҳои гуногуни таҳсилот;

- таҳияи заминаи меъѐрӣ-ҳуқуқӣ ва мутобиқгардонии он бо тағйиротҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳияи барномаҳои таълимии муосир, ки ба рушди фаъолияти инноватсионӣ ва технологияҳои иттилоотӣ нигаронида шудаанд;

- нигоҳдорӣ ва мустаҳкам намудани заминаҳои кадрӣ ва бо дарназардошти талаботҳои замони муосир баланд бардоштани дараҷаи касбияти онҳо;

- таҳким бахшидани заминаи моддию техникӣ, таъминоти захиравии муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакон.

Тағйирпазирии таҳсилоти иловагии кӯдакон ҳамчун системаи кушодаи иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки барои ташаккули сифатҳои роҳбарӣ, рушди эҷодиёти иҷтимоӣ ва ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ шароит фароҳам оварда шавад. Системаи таҳсилоти иловагӣ дар заминаи фаъолияти байниидоравӣ равнақ ёфта, ҳамчун кафили дастгирӣ ва рушди хонандагони лаёқатманд зоҳир мегардад.

Бо дарназардошти фароҳам гардидани тамоми шароити зарурӣ барои омӯхтани илму дониш дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ зарур аст, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим чораҳои амалӣ андешида шуда, дар ин раванд муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ низ бояд фаъолона ширкат варзанд. Бо ин мақсад ҳар як падару модар масъулияти худро дар самтии таълиму тарбияи фарзандон дарк намуда, онҳоро дар баробари таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчунин барои таълими иловагӣ ба муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ сафарбар намоянд. Беҳтар намудани сатҳу сифати таҳсилот, всаеъ намудани ҷаҳонбинӣ ва ташаккули шахсияти хонандагон вазифаи асосии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба ҳисоб рафта,  ҳамзамон дар баробари онҳо кормандони педагогии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ низ масъулияти калон доранд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ин росто, таҳсилоти иловагӣ яке аз роҳҳои беҳтар намудани дониши хонандагон, сатҳи азхудкунии фанҳои дақиқу табиӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва азхудкунии ҳунарҳои замонавӣ, инчунин дарёфт ва рушди истеъдодҳо буда, ҳамчун қисми таркибии донишандӯзӣ ва интихоби касб аҳаммияти басо зиёд дорад. Дар баробари таълими асосӣ таҳсилоти иловагӣ ба рушди қобилияту

истеъдоди кӯдакон ва наврасону ҷавонон, қонеъ гардонидани майлу рағбат ва талаботи маънавии онҳо мусоидат мекунад.

Бо дарназардошти ин, мо зарур мешуморем, ки ки механизми ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин роҳандозӣ намудани таҳсилоти иловагиро дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси санадҳои меъёрӣ таҳия гардида, бо ин мақсад барномаҳои махсуси таълимӣ бояд тасдиқ карда шаванду, ҷараёни амалӣ гардидани он таҳти назорати ҷиддӣ қарор дода шавад.

Ҳадафи модернизатсияи таҳсилоти иловагии кӯдакон ба ноил гардидан ба ҳалли вазифаҳои зерини бо якдигар алоқаманд равона карда шудааст:

- такмил додани заминаи қонунгузорӣ, мутобиқ гардонидани таъминоти меъёрии ҳуқуқии система ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таъмин намудани кафолатҳои давлатии дастрасӣ ва имкониятҳои баробар дар гирифтани таҳсилоти иловагӣ, ноил шудан ба самаранокӣ ва сифати он;

- нигоҳ доштани фазои ягонаи таълимӣ дар асоси қобили қабул будани мӯҳтавои таҳсилоти асосӣ ва иловагии кӯдакон;

- такмил додани мазмун, шаклҳои ташкил, усул ва технологияи таҳсилоти иловагӣ;

- ташкил намудан ва рушд додани технологияҳои нави иттилоотӣ, аз ҷумла лоиҳаҳои телекоммуникатсиониву таҳсили фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакон;

- такмил додани низоми аттестатсия ва аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ;

- ба таври кафолатнок ҷудо кардани маблағ аз буҷети ҳамаи мақомотҳо, ки барои таъминоти моддию техникии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ равона карда шудаанд.

- таҳия намудан ва тасдиқ кардани блоки таъминоти захиравии таҳсилоти иловагӣ мувофиқи самти барномаҳои таълимӣ;

- баланд бардоштани мақоми иҷтимоӣ ва такмили ихтисоси кормандони педагогиву роҳбарикунанда дар системаи таҳсилоти иловагии кӯдакон, дастгирии озмуни умумиҷумҳуриявии масъулони соҳаи таҳсилоти иловагии «Дили худро ба кӯдакон мебахшам»;

- таҳияи тадбирҳои иҷтимоӣ-иқтисодии танзими меъёрии ҳуқуқии ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ;

- рушди таҳсилоти иловагии кӯдакон ҳамчун низоми кушодаи давлатию ҷамъиятӣ дар асоси тақсимоти масъулият дар байни субъектҳои сиёсии соҳаи маориф ва баланд бардоштани нақши ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим – хонандагон, омӯзгорон, падару модарон.

Моддаи 41-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи шаҳрвандонро оид ба таҳсил кафолат медиҳад [77]. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар амал татбиқ намудани чорабиниҳои зикргардида, аз ҷумла таълими иловагии кӯдакон тадбирҳо меандешад. Аз ҷумла:

- фароҳам овардани шароит барои рушди эҷодии эҳтиёҷоти шахсии кӯдакон нисбат ба таълим;

- нигоҳ доштани бартарияти таҳсилоти иловагии ройгон барои кӯдакон, дастрасии баробари кӯдакон ба таҳсилоти иловагӣ;

- нигоҳ доштан ва рушди шабакаи муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакона, рушди таҳсилоти иловагии кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

- таҳия намудани механизми қабули ғайриозмунии хонандагон—ғолибони озмуну мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ба мактабҳои олӣ;

- ташкили майдони ягонаи иттилоотӣ дар системаи таҳсилоти иловагии кӯдакон, мониторинги ҳолати системаи таҳсилоти иловагии кӯдакон;

- тавсеа бахшидани ҳамкории таҳсилоти ибтидоӣ ва иловагӣ дар доираи татбиқи лоиҳаи таҳсилоти махсус;

- фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои кӯдакони деҳот барои гирифтани таҳсилоти иловагӣ, таъсис додани иттиҳодияҳои эҷодии кӯдаконаи самтҳои фаъолияташон гуногун дар заминаи мактабҳои деҳот,

ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотии таълими фосилавӣ ва татбиқи лоиҳаҳои телекоммуникатсияи коллективӣ;

- густариш додани имкониятҳои таҳсилоти иловагӣ барои кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд;

- расонидани дастгирии иҷтимоию педагогӣ ва равониву педагогӣ ба гурӯҳи кӯдакони «осебпазир» тавассути таҳияи иттиҳодияҳои клубӣ дар ҷои истиқомат, барномаҳои истироҳатии таътилӣ ва машғулият дар доираи системаи таҳсилоти иловагии кӯдакон.

Барои фароҳам овардани шароити зарурӣ ҷиҳати ноил шудан ба сифати муосири таҳсилоти иловагӣ барои кӯдакон пешбинӣ гардидааст:

- дар доираи асосҳои илмии ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакон аз нав дида баромадани мӯҳтавои барномаҳо;

- ба таври мунтазам гузаронидани озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва барномаҳои таълимии муаллифӣ;

- экспертизаи воситаҳои барномавию методӣ, таҳияи барномаҳои нав ва санҷиши таҷрибавии онҳо;

- фаъол гардонидани барномаҳои иловагии таълимии дарозмуддат, ки барои кӯдакони синни миѐна ва болоии мактабӣ пешбинӣ шудаанд;

- таъсис додан ва дар амал татбиқ намудани майдонҳои таҷрибавии санҷиши моделҳои тағйирѐбандаи рушди муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ барои кӯдакон;

- рушди хизматрасонии методии муассисаҳои таҳсилоти иловагии кудакон;

- таҳияи барномаи «Самтҳои асосии иттилоотонии системаи таҳсилоти иловагии кӯдакон»;

- таъмини дастгирии давлатӣ ва рушди кӯдакони болаѐқат.

- тадбирҳои афзалиятнок, ки ба баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорони таҳсилоти иловагӣ равона карда шудаанд:

- фаъолгардонӣ ва актуализатсияи омода намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси

«Педагогикаи таҳсилоти иловагӣ», таҳия ва тасдиқи тахассуси иловагии «педагогикаи таҳсилоти иловагӣ» барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

- таҳияи фармоиши давлатӣ оид ба такмили ихтисоси кормандони педагогии муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакон;

- ташкили системаи байниидоравии омода кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои роҳбарикунанда ва педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ;

- таҳияи талаботи давлатӣ оид ба барномаҳои таҳсилоти иловагии касбӣ дар соҳаи таҳсилоти иловагии кӯдакон барои омӯзгорони донишкадаҳои такмили ихтисоси кормандони ҳамаи зинаҳо;

- дар буҷети ҳама ҳамаи сатҳҳо банақшагирии воситаҳои молиявӣ барои такмили ихтисоси омӯзгорони ба системаи таҳсилоти иловагии кӯдакон ҷалбгардида;

- ташкили китобхонаи виртуалӣ ва электронии адабиѐти таълимию методӣ, аз ҷумла адабиѐти илмӣ, таълимӣ, методӣ ва маълумотӣ, нашрияҳои даврӣ барои омӯзгорони ба таҳсилоти иловагии кӯдакон машғулшаванда

Яке аз самтҳои муҳимтарин ва афзалиятноки модернизатсияи системаи таҳсилоти иловагии кӯдакон - мукаммалгардонии идорӣ, ташкили системаи самараноки омор ва мониторинг мебошад. Тадбирҳои аввалиндараҷае, ки ба самти рушди менеҷмент равона гардидаанд:

- омӯхтан ва умумигардонии таҷриба дар соҳаи маорифи субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми татбиқ намудани талаботи минтақавӣ шароити фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакон;

-таҳия кардан ва татбиқ намудани механизмҳои ҳавасмандгардонии моддию маънавии муассисаҳо аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва аккредитатсия ва инчунин кормандони соҳаи маориф ва мақомоти роҳбарикунанда, ки дар раванди фаъолияти худ натиҷаҳои баланд ба даст овардаанд.

Татбиқ ва рушди системаи таҳсилоти иловагии кӯдакон ба дастовардҳои зерин имконият медиҳад:

- тағйироти мусбате, ки ба татбиқи ҳуқуқҳои кӯдак, беҳтар намудани вазъи кӯдакон ва амнияти иҷтимоиву иқтисодии оила нигаронида шудааст;

- баланд бардоштани самаранокии фаъолиятҳои пешгирикунандаи зуҳуроти ғайриахлоқӣ дар байни кӯдакон ва наврасон ва инчунин ташаккули тарзи ҳаѐти солим;

- таъмин намудани дастрасӣ, имкониятҳои баробари фарогирӣ ба таҳсилоти иловагӣ барои кӯдакон дар асоси кафолатҳои давлатӣ;

- аз 37,8 то 50% зиѐд намудани миқдори кӯдаконе, ки ба барномаҳои таҳсилоти иловагӣ фаро гирифта мешаванд;

- аз 1,8 то 4 % (аз шумораи умумии кӯдакони синнашон аз 7 то 14 сола) афзоиш додани миқдори хонандагони лаѐқатманд дар соҳаҳои гуногуни маориф ва фаъолияти эҷодӣ, ки аз ҷониби давлат кӯмаку дастгирӣ дидаанд.

- бунѐди заминаи муосири қонунгузорӣ, таъмини меъѐрии ҳуқуқӣ, таҳияи механизмҳои рушди системаи таҳсилоти иловагии кӯдакон;

- таъмини афзоиши дараҷаи иҷтимоӣ, баланд бардоштани сифати ҳайати омӯзгорон ва мақомоти роҳбарикунандаи системаи таҳсилоти иловагии кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- фаъолияти системаи таҳсилоти иловагии кӯдакон дар ҳолати рушди устувори бидуни буҳрон.

Дар давоми солҳои охир тадқиқотҳои педагогӣ бештар ба масъалаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ ва иловагии кӯдакон нигаронида шудаанд. Чунин интегратсия имкон медиҳад, ки раванди таълим, тарбия ва рушд, ки аз масъалаҳои мушкилтарин дар соҳаи педагогикаи муосир ба шумор мераванд, ба ҳам наздиктар шаванд. Таҳсилоти иловагӣ, ки дар заминаи рафторҳои шахсиву муҳит ва шахсиву касбӣ нисбат ба кӯдак, педагогикаи ҳамкорӣ, гуногунии самтҳои таълим ва ҳуқуқу озодии хонандагон асос ѐфтааст, ба ҳеҷ ваҷҳ маънои ивазкунии раванди омӯзишро надорад. Усулҳои мазкур ба таври максималӣ ва самарабахш раванди омӯзишро мукаммал мегардонанд ва барои худидоракунии шахсӣ ва иҷтимоии шахс шароити мусоид фароҳам меоранд. Этимологияи мафҳуми

«интегратсия» маънои барқарор кардани якпорчагӣ, пурра кардани ягон камбудӣ, раванди наздикшавӣ ва пайвастшавиро дорад [94, 16-17].

Интегратсия - ҳамеша ҳаракат ба ҷониби ҳамдигар, хоҳиши ёрӣ расондан ва бартараф намудани камбудиҳои ҷониби дигар мебошад. Ин як раванди ба ҳам вобастаест, ки дар натиҷаи он ҳарду ҷониб манфиат мебинанд.

Омӯзиши масъалаи асосҳои ташкилию ҳуқуқии таъмини фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакон ва рушди таҳсилоти иловагӣ дар мактаб, ки дар он муаллиф иштирок кардааст ба мо имкон медиҳад, то қайд намоем, ки муваффақиятҳо дар самти рушди таҳсилоти иловагии кӯдакон дар муассисаи таҳсилоти умумӣ бештар аз сатҳи ташкилии он вобаста мебошанд. Дар ин маврид ақаллан чор сатҳи шартиро номбар кардан мумкин аст.

Сатҳи якум - бо маҳфилҳо, бахшҳо, клубҳо ва дигар корҳои тасодуфии ташкилие, ки фаъолияти онҳо бо ҳамдигар кам алоқаманд буда, ба захираи кадрӣ ва моддӣ вобастагии зиёд дорад. Дар чунин вазъият таҳсилоти иловагии кӯдакон, чун қоида, хусусиятҳои ин ё он муассисаи таълимиро инъикос намекунад ва самараноки он дар рушди фаъолияти мактабҳо умуман назаррас намебошад. Дар баробари ин, дарсҳо дар ин иттиҳодияҳои эҷодӣ метавонанд барои хонандагон хеле муҳим бошанд.

Сатҳи дуюм - сатҳи мураккабтар буда бештар инкишоф ёфтааст. Он бо консолидатсияи муайяни дохилӣ ва гуногунии самти фаъолияти худ фарқ мекунад. Аммо дар умум, фаъолиятро дар асоси як мӯҳтаво сохтан мумкин нест. Аз сабаби набудани барномаи мукаммали андешидашудаи фаъолият ва ба раванди таълиму тарбиявии мактаб мутобиқ гардонида натавонистани кори омӯзгорони ба таҳсили иловагӣ машғулшаванда, он ба порчаҳои алоҳида ҷудо карда мешавад.

Сатҳи сеюм — инкишофи таҳсилоти иловагии кӯдакон ҳамчун зерсохтори алоҳидаи мактаб, ки иттиҳодияхои гуногуни эҷодӣ дар асоси барномаи ягонаи таълимӣ фаъолият мекунанд ва омӯзгорон метавонанд фаъолияти худро ба он мутобиқ созанд.

Сатҳи чорум - ҳамгироии таҳсилоти ибтидоӣ ва иловагии кӯдакон ва инчунин ягонагии ташкилӣ ва таркибии сохторҳои асосии мактабро дарбар мегирад. Дар ин сатҳ фаъолияти онҳо ба ғояҳои асосии консептуалӣ асос ѐфтааст, ки рушди муассисаро дар маҷмӯъ таъмин мекунанд.

Ба таҳсилоти иловагӣ фаро гирифтани хонандагон дар асосии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ барои ҳалли вазифаҳои зерин равона шудааст [71, 54]:

- таъмини эҳтиѐҷоти таълимӣ ва маънавии хонандагон ба таҳсилоти босифат;

- таъмини инкишофи озодона ва ташаккули шахсияти хонандагон;

- инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодӣ ва истеъдоди хонандагон;

- фароҳам овардани шароит барои инкишофи эҷодӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ҷисмонии таълимгирандагон;

- қонеъ гардонидани талаботи таълимгирандагон ба интихоби касб;

- амалӣ намудани чорабиниҳои иттилоотию методӣ, ташкилию оммавӣ ва фарҳангию маърифатӣ;

- тарбия дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ватандӯстӣ ва эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

- инкишоф додани ҳисси эҳтиром ба урфу одат, расму оин, анъанаҳои мардумӣ ва арзишҳои миллӣ;

- дастгирии таълимгирандагони боистеъдод.

Дар таҳқиқоти Е.В. Евладова (Лоиҳаи илмӣ-тадқиқотии рушди таҳсилоти иловагӣ дар муассисаи таҳсилоти умумӣ) якчанд дараҷа - сатҳҳои рушди таҳсилоти иловагӣ дар муассисаи таҳсилоти умумӣ ҷудо карда мешавад [61, 14-15].

Сатҳи аввалро шартан иттилоотӣ номидан мумкин аст. Дар ин марҳила дарки зарурати робитаи таҳсилоти ибтидоӣ ва иловагӣ, ақидаи бартарӣ ва нуқсонҳои онҳо, муайян намудани самтҳои асосии ҳамкории намояндагони

гуногуни соҳаҳои маориф (махсусан агар дар мактаб блоки инфиродии ташаккули таҳсилоти ибтидоӣ оғоз карда шавад) ба миѐн меояд.

Дараҷаи дуюм - ҳамоҳангсозӣ мебошад. Он аз мутобиқгардони нақшаҳо, муайян кардани самтҳои фаъолияти муштараки омӯзгорони фаннӣ, роҳбарони синфҳо ва роҳбарони иттиҳодияҳои гуногуни эҷодӣ, сексияхо, маҳфилҳо ва кружокҳо иборат аст. Дар ин марҳила чорабиниҳои алоҳидаи умумимактабӣ бо иштироки баробари намояндагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва иловагӣ гузаронида мешаванд. Дар ин замина таҷриба оид гузарондани шӯроҳои якҷояи педагогӣ ва методӣ, ки ба мавзӯъҳои муҳимтарини таълиму тарбияи хонандагон бахшида шудаанд андӯхта мешаванд.

Сатҳи сеюм – ҳамкорӣ мебошад. Ба он ҳамоҳангии бештар ва фаъолияти якҷоя хос буда, он дар асоси барномаи дарозмуддат ва нақшаи перспективии корӣ сохта шудааст. Ин сатҳи ҳамкорӣ фаъолияти доимии муштараки омӯзгорони ба таҳсилоти иловагӣ машғулбударо бо омӯзгорони фаннӣ ва роҳбарони синфҳо дар раванди татбиқи барномаҳои таълимии инфиродӣ ва ҳамкории муовини директор оид ба таҳсилоти иловагиро бо дигар муовинону роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ пешбинӣ менамояд.

Сатҳи чорум – ҳамгироӣ ѐ интегратсия мебошад. Он дар мавриде ба даст меояд, ки агар коллективи ягонаи педагогӣ ва фазои ягонаи таълимӣ ба роҳ монда шуда бошад. Аммо дар айни замон, беназирии ҳар як соҳа бо баробарии ҳарду тарафҳо нигоҳ дошта мешавад. Аммо, дар бораи интегратсияи хақиқӣ дар мавриде сухан рондан мумкин аст, ки натанҳо вазифаҳои ташкилӣ, балки, пеш аз ҳама, вазифаҳои асосӣ ҳал карда мешаванд. Онҳо бояд дар консепсия ва барномаи рушди муассисаи таълимӣ инъикос ѐбанд.

Дар ҳама сатҳҳои дар боло зикршуда, самтҳои зеринро амалӣ гардонидан мумкин аст:

а) танзимӣ-идорӣ – баровардани фармону дастурҳои дахлдор оид ба рушди таҳсилоти иловагӣ, ки масъулин барои иҷрои нақшаю чорабиниҳои

мушаххас ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои онҳоро муайян кардан масъулияти функсионалии омӯзгоронро васеъ ва аниқ мекунанд, инчунин бо муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ барои таълим додани кӯдакон шартнома мебанданд. Ҳар як марҳалаи ҳамкорӣ қайд карда шуда, он ба таври хаттӣ тасдиқ ва асоснок карда мешавад.

б) ташкилӣ-педагогӣ – ҳалли вазифаҳои мушаххас вобаста ба гузаронидани чорабиниҳои алоҳида, таҳияи самтҳои фаъолият ва нақшаҳое, ки ҳангоми иҷрои онҳо бояд ҳам омӯзгорони ба таҳсилоти иловагӣ масъул ва ҳам омӯзгорони фанҳои таҳсилоти умумӣ ҷалб карда шаванд. Бо ин мақсад шӯрои координатсионӣ ташкил карда мешавад, ки ба ҳайати он ҳамаи ҷонишинони директор, ташкилотчиҳо, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ, омӯзгорони соҳаи иҷтимоӣ ва равоншиносони мактаб ҷалб карда мешаванд. Ин самт гузаронидани семинарҳои муштарак, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ, инчунин фароҳам овардани шароит барои рушди касбии омӯзгоронро пешбинӣ менамояд;

в) барномавӣ-методӣ – таҳияи барномаҳои таълимӣ аз ҷониби масъулони таҳсилоти иловагӣ, бо истифодаи аз потенсиали омӯзгорони дарсҳои асосӣ ва иловагӣ ташкили таъминоти методии дарсҳои интегратсионӣ ва навъҳои гуногуни дарсҳои сайёр, дарсҳои намоишӣ, омода намудани маводи зарурӣ, сенарияҳо барои гузаронидани идҳо, ки дар он ҳамаи хоҳишмандон иштирок карда метавонанд;

Таҷриба нишон медиҳад, ки бештар ҳамкории омӯзгорони фанҳо ва омӯзгорони ба таҳсилоти иловагӣ масъул дар осорхонаҳои мактабҳо, театрҳо, студияҳои телевизиониву видеоӣ, кружокҳои кишваршиносию этнографӣ, дастаҳои ҷустуҷӯӣ, ҷамъиятҳои илмии хонандагон ва ғайра сурат мегирад. Машғулиятҳо дар ин иттиҳодияҳо имконият медиҳанд, ки бо омӯзгорони фанҳо, омӯзгорони ба таҳсилоти иловагӣ масъул, педагогҳои иҷтимоӣ, мушовирони соҳаи эҷодиёти бадеӣ, кормандони институтҳои тадқиқоти илмӣ, донишкадаҳои олӣ, осорхонаҳо ва воситаҳои ахбори омма, ки ба кор бо кӯдакон ҷалб карда шудаанд, дар сатҳи зарурӣ ҳамкорӣ намоянд.

Дар доираи масъалаи ба ҳам омадани таҳсилоти асосӣ ва иловагӣ ба ҳамкории мактаб бо муассисаи таҳсилоти иловагии хонандагон диққати махсус дода шавад. Солҳои охир бештари мутахассисон (аз ҷумла дар сатҳи мақомоти маорифи ноҳия ва шаҳр) аҳамияти чунин ҳамкориро дарк мекунанд. Ҳамкории воқеии муассисаҳои таълимӣ ба ҳалли масъалаҳои умумии тарбияи кӯдакон ва наврасон мусоидат карда, ба онҳо дар ҳаёт ва худмуайянкунии касбӣ кӯмак мерасонад ва онҳоро ба фаъолияти эҷодӣ ва маърифатӣ ҳавасманд мегардонад.

Е.Б. Евладова дараҷаи гуногуни муносибатҳои байни муассисаҳои таълимиро чунин тақсим кардааст [62, 10]:

- ҳамсоягӣ – дар мавриде, ки муассисаи таҳсилоти умумӣ медонад, ки дар ноҳия муассисаи таҳсилоти иловагии кӯдакона мавҷуд аст, хонандагонашро барои таҳсил дар он ҳавасманд месозад;

- шарикӣ, дар мавриде, ки ҳарду муассиса дар ҷараёни иштирок дар чорабиниҳои ноҳиявӣ ё шаҳрӣ имконияти ҳамкорӣ пайдо мекунанд. Барои ҳалли масъалаҳои алоҳида имкониятҳои моддию кадрии ҳамдигар истифода бурда мешаванд. Муассисаи таҳсилоти иловагӣ чун қоида дар заминаи мактаб иттиҳодияҳои гуногуни эҷодиро вобаста ба шавқмандии хонандагон ташкил менамояд;

- интегратсионӣ, дар мавриди он муассисаҳои таълимӣ (ду ва зиёда аз он) ба манфиати кӯдак ба ташкили фазои ягонаи таълимӣ бо ҳам меоянд. Ҳамкорӣ бо шартнома ё созишномаи дахлдор ва тартиб додани барномаи ҳамкорӣ таъмин карда мешавад.

Оид ба алоқамандии зич дар байни муассисаҳои гуногун дар мавриде сухан гуфтан мумкин аст, ки агар хатмкунандагони мактабҳо дар як вақт бо шаҳодатномаи хатм, портфелиои тасдиқкунандаи дастовардҳои онҳо дар соҳаи эҷодиёти бадеӣ-техникӣ, варзиш, дигар соҳаҳои таҳсилоти иловагӣ, иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ ва ғайра гиранд.

Натиҷаҳои корҳои анҷомдодашудаи таҳқиқотӣ дпр Муассисаи давлатии ―Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмасур" нишон

медиҳанд, ки ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ даар таълиму тарбияи хонандагони болаёқат асосан дар чунин шаклҳо сурат мегирад:

- ташкил ва баргузор намудани дарсҳо ва машғулиятҳои назариявию амалии муштараки таълимӣ;

- баргузории олимпиадаҳои фаннӣ, озмунҳои зеҳнӣ ва дигар чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ;

- гузаронидани дарсҳои амалӣ, махсусан аз фанҳои табиӣ-риёзӣ дар заминаи кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ;

- таҳияи барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ ва дигар адабиёти илмиву таълимӣ;

- дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо ҷалби омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ташкил намудани маҳфилҳои фаннӣ;

- таҷрибаивазкунии педагогӣ байни омӯзгорони муассисаҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Агар дар дарсҳои таъриху географияи мактаб хонандагон дар бораи шаҳру вилоятҳо маълумоти ибтидоӣ гиранд, пас дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ метавонанд ин маълумотро амиқ ва васеъ намуда, дар яке аз соҳаҳои фаъолияти кишваршиносӣ худро нишон диҳанд ва малакаҳои ғайрикасбии роҳбаладӣ, илмӣ, ходими осорхона ва ғайраро азхуд намоянд.

Дар замони истиқлолият дар мамлакат даҳҳо муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва ҳамзамон муассисаҳои таълимӣ барои хонанлагони болаёқат таъсис ёфтаанд, ки дар беҳтар намудани сатҳу сифати таҳсилоти хонандагон ва дарёфту рушди истеъдоди хонандагони болаёқат саҳмгузор мебошанд. Дар аксар аз ин муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ  низоми муайяни ҳамкорӣ бо муассисаҳоии таҳсилоти миёнаи умумӣ аллакай коркард карда шуда, мавриди амал қарор дорад. Дар ин самт боиси тазаккур аст, ки омӯзгорони соҳибтаҷриба ва дорои дараҷаҳои илмӣ аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат низ ҷалб карда мешаванд.  Мисоли равшан ин таҷрибаро

дар Муассисаи давлатии ―Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур” мушоҳида намудан имконпазир аст.

Муассисаи давлатии ―Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур” фаъолияти худро дар асоси ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Шоҳмансур ба роҳ монда, барои таълиму тарбияи хонандагони болаёқат омӯзгорон- дотсентону профессорони долнишкадаву донишгоҳҳоии ҷумҳуриро ҷалб намудааст. Аксарияти таълимгирандагони ин муассисаи таҳсилоти иловагӣ хонандагони мактабҳои ноҳияи Шоҳмансур мебошанд ва тӯли чанд сол аст, ки дар он ба таълими иловагӣ фаро гирифта шудаанд.

Яке  аз шаклҳои ҷолиби ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳоии таҳсилоти миёнаи умумӣ ин ташкили чорабиниҳои гуногуни  фарҳангиву маърифатӣ ба шумор меравад. Тавассути ин чорабиниҳо омӯзгорони мактабҳо имкон пайдо миекунад, ки фориғ аз кори асосии худ бо фаъолияти ҳамкорони худ аз муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ шиносӣ пайдо намоянд.

Чунин ҳамкорӣ ҳам барои омӯзгороони мактабҳо ва ҳам омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ муфид мебошад. Дар асоси ин гуна ҳамкориҳои барои ташаккул додани донишу маҳорати хонанда маҳорати касбии ин омӯзгорон равона карда мешавад, ки самаранокии ҷараёни таълимро таъмин намуда метавонад. Махсусан ҳангоми омода намудани хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ ва дигар озмунҳои зеҳнӣ  фаъолияти таълимии муштараки омӯзгорон баръало мушоҳида карда мешавад.

Ташкили фаъолияти таълимӣ-илмии хонандагон дар дохили як муассисаи таҳсилоти иловагӣ, ки ба он омӯзгорони фаннӣ ва омӯзгорони таҳсилоти иловагӣ – мутахассисони соҳаҳои гуногуни илм, санъат ва фарҳанг якҷоя роҳбарӣ мекунанд, таваҷҷӯҳи зиёдро ҷалб менамояд. Чунин амали гуногунсоҳа дар сурати бастани шартномаи байни муассисаи таҳсилоти иловагии кӯдакон ва мактабҳои мушаххасе, ки хонандагону омӯзгоронашон аъзои ҷамъияти илмӣ мебошанд, имконпазир аст.

Чунин таҷриба дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии миёнаи №31 ва Муассисаи давлатии ―Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур" гузаронида шудааст. Дар ин ҷо фаъолияти таълимӣ-тадкикотӣ на ҳамчун роҳнамоии касбӣ, балки ҳамчун шакли таҳсилоти иловагӣ, ки ба хонандагон имконият медиҳад, қобилияти эҷодкорона ҳал намудани масъалаҳои дар наздашон истодаро инкишоф диҳад. Бо ин мақсад конференсияҳои гуногун, экспедитсияхои илмӣ ва чорабиниҳои ҷустуҷӯӣ гузаронда мешаванд, ки дар натиҷаи онҳо асарҳои эҷодии гуногунмавзӯӣ, аз ҷумла дар самти табиатшиносӣ, равоншиносӣ ва санъатшиносӣ ба вуҷуд оварда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки сохторҳои таҳсилоти умумӣ ва иловагӣ дар доираи як муассиса ҳамчун сохтори баробар муттаҳид карда мешаванд. То замони муосир таъсиси чунин иттиҳодия дар комбинатҳои таълимӣ имконпазир буд. Ҳоло ин гуна муассисаҳои таълимӣ вуҷуд надоранд, аммо худи ғоя инкишоф ёфта он бештар дар марказҳои таълимӣ амалӣ карда мешаванд. Таҷрибаи комплексҳои таълимӣ-тарбиявӣ дар тӯли се даҳсола муваффақиятҳои бешубҳаи онро шароити нави иҷтимоиюмаданӣ ва иқтисодӣ низ инъикос намуд. Зиёда аз ин, дар мавриди кам шудани маблағгузорӣ ба соҳаи маорифу фарҳанг, нарасидани кадрҳои соҳибхтисос ва вайрон кардани инфрасохтори пештараи иҷтимоӣ, муттаҳид намудани қувваҳо шарти зарурии устувории муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Сабаби асосии ба миён омадани таваҷҷӯҳ ба ин мушкилот майли дарёфти роҳи раҳоӣ аз ихтилофи ҷиддие мебошад, ки дар ҷараёни ислоҳот умуман дар соҳаи маориф ба вуҷуд омадааст. Ин зиддият дар байни зарурияти азхуд намудани стандартҳои ҳатмии таълимӣ ва эълон намудани гуманизатсияи раванди таълим ба маркази системаи педагогӣ гузаронидани манфиатхои кӯдак, додани ҳуқуқи интихоби намуд ва шаклҳои фаъолиятро дар назар дорад. Таълими умумии ҳатмӣ бо вуҷуди ҳама дигаргуниҳо ин масъаларо ба ҳеҷ ваҷҳ ҳал карда наметавонад. Вай барои ба амал баровардани вазифаи шахсӣ асосҳои ҷиддӣ надорад. Ва ин камбудӣ нест. Ин

хусусияти таълими асосӣ мебошад, ки пайвастагӣ ва пайдарпаии азхудкунии донишро таъмин мекунад.

Таҳсилоти иловагие, ки дар чаҳорчӯбаи низоми дарсӣ - синфӣ ва стандартҳои ҳатмӣ маҳдуд нест, асосан таҳсилоти асосиро ҷуброн карда ба хонанда натанҳо интихоби фаъолиятро мувофиқи манфиатҳо фароҳам меорад, то вақти холии ӯро пурмуҳтаво гардонад, балки ба ӯ дар фаъолияти иҷтимоӣ ва худшиносии касбӣ мусоидат намуда ӯро ба ҳаёти ҷамъиятӣ омода месозад.

Чуноне ки маълум аст, системаи интегралӣ бояд ҳатман ду самти якхелаи муҳим - таҳсилоти асосӣ ва таҳсилоти иловагиро дарбар гирад. «Агар омӯзгорон дарсҳои худро ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам аз ҷиҳати шакл шавқовар гузаронанд, мактаб ба маркази ҳаёти маънавй табдил меёбад - гуфтааст В.А.Сухомлинский, ва ҳамзамон илова кардааст, ки – аммо дарсҳои ҷолибу шавқовар дар он ҷое гузаронида мешаванд, ки ба ғайр аз шавқоварии дарсҳо инчунин ба таври муваффақона шаклҳои гуногуни такмилдиҳии берун аз синфии хонандагон ба роҳ монда шуда бошад [119, 12-13].

Агар мо ду соҳаи таълимро ба таври графикӣ, дар шакли ду доира тасаввур намоем, пас майдони мувофиқати онҳо майдони мусоид барои такмил додани фаъолияти эҷодӣ, иҷтимоӣ, маърифатии кӯдакон ҳисобида мешавад. Маҳз ҳамбастагии ду соҳаи таълим метавонад якпорчагии система ва ҳамзамон гуногунрангии он, устувории муайяну рушди давомнок, ҳалли масъалаҳои умумиву инфиродӣ, таъмини сатҳи зарурии дониш, малака ва маҳорати мактаббачагонро таъмин намояд.

Ҷузъи мустаҳкаме, ки таҳсилоти асосӣ ва иловагиро бо ҳам мепайвандад, тарбия мебошад, ки аҳамиятинок будани он имрӯз натанҳо дар байни омӯзгорон, балки дар доираи васеи ҷомеа эътироф шудааст. Ин раванд чун кӯшиши даст кашидан аз тарбияи мақсадноки кӯдакон дар муассисаҳои таълимӣ (ки бо хоҳиши раҳоӣ пайдо намудан аз таъсири аз барзиёди идеологии давлат ба шахсият алоқаманд буд) ва вазъияти бӯҳронӣ дар ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар шарҳ дода мешавад. Фикре ба миён

омад, ки ҳалли масъалаҳои мураккабтарин бештар ба ташаккули мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ дар байни насли наврас, зарурият ба такмил додани ҷузъҳои маънавӣ-ахлоқӣ, эҳтиром ба мероси таърихӣ - фарҳангии худ ва халқхои дигар вобаста аст. Ин масъалаҳоро дар ҳамкорӣ бо омӯзгорони фанҳои мактабӣ ва омӯзгорони ба таҳсилоти иловагӣ масъул, мактабҳо ва маркази истеъдодҳои кӯдакона пурратар ҳал кардан мумкин аст.

Чун анъана, масъалаҳои гуногуни тарбиявӣ асосан тавассути корҳои беруназсинфӣ ва беруназсинфӣ ҳал карда мешуданд. Бо тасдиқ гардидани таҳсилоти иловагӣ дар системаи маориф имконият пайдо шуд, ки масъалаҳо дар сатҳи нави ташкилӣ, кадрӣ ва илмӣ-методӣ ҳалли худро ѐбанд. Хусусияти таҳсилоти иловагӣ аз он иборат аст, ки вай имкон медиҳад, то тавассути фаъолияти эҷодии кӯдаконе, ки ба машғулиятҳои гуногуни ҳаваскорона дохил карда шудаанд, «тарбияи бенасиҳат» дода шавад.

Ҳарчанд таҳсилоти иловагӣ дар иҷрои вазифаҳои тарбиявии хонандагон нисбатан мусоид аст, вале нақши раванди таълимро набояд нодида гирифт. Бисѐре аз муҳаққиқон исбот кардаанд, ки азхуд намудани донишҳои академӣ дар мавриде муваффақ мегардад, ки омӯзгор ҷузъи башардӯстонаи фаъолияти худро фаромӯш накарда онро бо мазмуни ахлоқӣ мукаммал намояд. Ва ин гутфаҳо бори дигар зарурияти ба ҳам наздик кардани таҳсилоти ибтидоӣ ва иловагиро тасдиқ менамояд.

Таҳсилоти иловагии кӯдакон дар мактаб бо алоқамандии зиѐди худ бо корҳои беруназсинфӣ, ки онҳо одатан аз ҷониби роҳбарони синфҳо, мураббиѐн ва машваратчиѐн ташкил карда мешаванд, фарқ карда мешавад. Агар ба раванди гузаронидаонидан омӯзгорони масъули таҳсилоти иловагӣ – роҳбарони иттиҳодияҳои гуногуни эҷодӣ ва шогирдони онҳо – навозандагон, рассомон ва варзишгарони ҷавонро ҷалб намоянд, ҷашнҳо, бозиҳо ва сайругаштҳо пурмазмунтар гардида аз ҷиҳати шакл шавқовар мегарданд [28, 63]. Ҳамин тавр, кори беруназсинфӣ бо истифода аз муносибати кордонӣ ва эҷодии мутахассисон мукаммал мегардад. Омӯзгорони ба таҳсилоти иловагӣ масъул дар раванди кор бо роҳбарони синфҳо дониши худро дар бораи

хусусиятҳои фаъолияти таълимӣ такмил дода, дар бораи кӯдаконе, ки дар синф бо онҳо муошират менамоянд тасаввуроти кофӣ пайдо мекунанд.

Ташкил намудани таҳсилоти иловагии кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба принсипҳои зерини афзалиятнок асос меёбад:

- интихоби озоди намудҳо ва самти фаъолият аз ҷониби кӯдак;
- ба манфиатҳои шахсӣ, талабот, қобилиятҳои кӯдак нигаронидан;
- имконияти озодона оид ба худшиносӣ ва худогоҳии кӯдак;
- ягонагии таълим, тарбия, инкишоф;
- асосҳои шахсӣ-касбии раванди таълим.

Дар зери мафҳуми кори беруназдарсӣ (ғайрисинфӣ) имрӯз асосан ҳамчун фаъолияте фаҳмида мешавад, ки бо як синф ё гурӯҳи хонандагон, берун аз дарс, бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи мактаббачагон ба фароғати пурмуҳтаво, иштироки онҳо дар худидоракунӣ ва фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятии кӯдакон ташкил карда мешавад. Ин кор ба омӯзгорон имкон медиҳад, то имкониятҳо ва иқтидори эҳтимолии кӯдакони зери назари худро муайян намуда, ба онҳо дар амалӣ гардидани нуқтаҳои зикргардида кӯмак намоянд.

Кори беруназсинфӣ - барои ташкил намудани муносибатҳои байни хонандагон ва роҳбари синф дар синф, барои ташкил кардани коллектив ва сохторҳои худидоракунии хонандагон имконият хуб мебошад. Дар раванди кори бисёрсамтаи беруназсинфӣ инкишоф додани манфиатҳои умумии мадании мактаббачагонро таъмин намуда, ба ҳалли масъалахои тарбияи ахлоқӣ ҳисса гузоштан мумкин аст. Чунин шарҳ додани мафҳуми кори беруназсинфй шартӣ мебошад, вале аз системаи таҳсилоти иловагии бачагон ҷудо кардани он ба мақсад мувофиқтар аст, зеро ин тафриқа имкон медиҳад, ки ҳудудҳо ва хусусиятҳои он хубтар дарк карда шавад [35, 17].

Бешубҳа, алоқамандии зичи кори беруназсинфӣ бо таҳсилоти иловагии хонандагон бештар дар мавриди фароҳам овардани шароит барои инкишофи шавқу ҳаваси эҷодии хонандагон ва фаро гирифтани онҳо ба машғулиятҳои бадеӣ, техникӣ, экологӣ-биологӣ, варзишӣ ва ғайра эҳсос карда мешавад.

Зинаи пайвасткунандаи таҳсилоти иловагӣ ва кори беруназсинфии хонандагон ҷамъомадҳои гуногун, ҷамъиятҳои илмии мактабӣ, иттиҳодияҳои касбии мақсаднок ва курсҳои омӯзишии интихобӣ буда метавонанд.

Рушди таҳсилоти иловагии кӯдакон дар мактаб ба таври самаранок таъсир мерасонад, ба:

- ташкили заминаи васеъи умумифарҳангӣ ва эҳсосӣ-зебоипарастӣ барои дарки арзишҳои таҳсилоти иловагӣ ва нисбатан муваффақ азхуд намудани муҳтавои он

- амалӣ намудани тарбияи –бенасиҳат" – бо шарофати ҷалби кӯдакон ба намудҳои фаъолияти ба шахс аҳамиятноки эҷодие, ки дар раванди он дигаргуниҳои ахлоқӣ, равонӣ ва фарҳангии насли наврас ташаккул меёбад.

- ҷалби хонандагони ба ин ѐ он намуди фаъолият завқ дошта (завқи бадеӣ, техникӣ, варзишӣ ва ғайра) бо мақсади амалӣ гардонидани қобилиятҳои ӯ дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ

- ҷуброн намудани камбудии ин ѐ он курс (одатан фанҳои гуманитарӣ) дар раванди таҳсилоти асосӣ, ки барои ба таври инфиродӣ муайян намудани роҳи оянда заруранд.

Таҳсилоти иловагии кӯдакон имкониятҳои тарбиявии мактаб ва фазои фарҳангии онро густариш дода, ба худогоҳии хонандагон дар самти доираҳои шахсӣ, фарҳангиву иҷтимоӣ ва касбӣ мусоидат менамояд. Дохил гардидани хонандагон ба бахшҳои гуногуни фаъолияти эҷодӣ боиси пайдоиши муносибати арзишнок нисбат ба соҳаи маорифу фарҳанг ва ташаккули сифатҳои ахлоқиву эҳсосотии онҳо мегардад [74, 86].

Дар муҳити таълимӣ се субъект ѐ се зерсистема мавҷуд аст, ки бо ҳамдигар сахт алоқаманд ҳастанд.

Субъекти якум — иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятии хонандагон. Инҳо шарикон ва иттифоқчиѐни боэътимоди системаи таҳсилоти иловагии кӯдакон мебошанд.

Субъекти дуюм – таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Дар муассисаи таҳсилоти умумӣ ҳар қадар системаи таҳсилоти

иловагӣ мукаммал бошад, муассисаи таҳсилоти умумӣ пеш аз ҳама барои кӯдак ва падару модари ӯ ҳамон қадар шавқовар ва ҷолибтар мегардад.

Албатта, ҳатто мактаби беҳтарин ҳам тамоми шавқу ҳаваси хонандагонро қонеъ гардонда наметавонад. Маҳз аз ҳамин лиҳоз омӯзгорону роҳбарони синфҳое, ки воқеан ба рушди максималии эҷодӣ ва зеҳнии кӯдакон таваҷҷӯҳ доранд, дар ҷустуҷӯи он муассисаҳои таълимие ҳастанд, ки ба кӯдак дар шинохт ва дарк кардани худ кӯмак мекунанд. Бо ташкил намудани робитаҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама бо дигар муассисаҳои таълимӣ, мактабҳо ба таври системаи кушода фаъолият намуда, дар сатҳи сифатан нави ҳамкории мутақобила амал менамоянд.

Субъекти сеюм - бевосита муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ барои кӯдаконе мебошанд, ки таҳсилоти иловагӣ ба онҳо зинаи асосии таълим ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, маҳз ҳамин муассисаҳо барои ҳамаи системаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакона дар муҳити таҳсилоти муттасил масъул ҳастанд. Муомила, ҳамкорӣ ва фаъолияти муштараки субъектҳои баробарҳуқуқии дорои фаъолияти таълимиро бо роҳи бастани шартномаҳову созишномаҳо амалӣ кардан имконпазир мебошад. Бо шарофати алоқаи эҷодӣ ва кории мактаб бо муассисаҳои таҳсилоти иловагии хонандагон мазмун ва дараҷаи омодагӣ ба гузаронидани чорабиниҳои гуногуни оммавӣ ҷашнҳо, конкурсҳо, консертхо, намоишҳо ва мебошад. Ин имконияти зиёд барои гирифтани маълумоти оперативӣ оид ба ҷалби хонандагон ба фаъолиятҳои бадеӣ, варзишӣ, сайёҳӣ-кишваршиносӣ ва дигар корҳо мебошад. Самаранокии кор аз мавҷудияти сиёсати маориф дар сатҳи шаҳрӣ ва минтақа, ва инчунин дар бораи муҳити ягонаи таълимӣ фикр кардани кормандони тамоми муассисаҳо, роҳбарон ва омӯзгорон вобаста мебошад.

Таҳсилоти иловагии хонандагон васеъ намудани ―майдони" тарбиявии мактабро пешбинӣ менамояд. Хусусияти дигари фарққунанда дар системаи таҳсилоти иловагии хонандагон, ки бо ин алоқаманд аст – системаи ҷубронкунанда (психотерапевтӣ) мебошад, зеро маҳз дар ин самт кӯдакон имконият пайдо мекунанд, то қобилиятҳое, ки на ҳама ҳамеша ба таври

инфиродӣ инкишоф меёбанд ва на ҳамавақт дар раванди таълим дастгирӣ мебинанд, ташаккул диҳанд. Таҳсилоти иловагии хонандагон «вазъияти бомуваффақият»-ро ба вуҷуд оварда ба кӯдак дар тағйир додани мақоми худ ёрӣ мерасонад, зеро дар ҷараёни машғул гардидан ба фаъолиятҳои гуногун вай бо омӯзгор муколамаи баробарҳуқуқона доир менамояд. Ин хонанда дар фанхои асосии мактабӣ лаёқати паст зоҳир намояд ҳам, метавонад дар студияҳои бадеӣ ё бахшҳои варзишӣ ба қатори шахсони пешқадам шомил гардад. Таҷрибаи мактабҳои беҳтарин нишон медиҳад, ки омӯзгорони ба таҳсилоти иловагӣ масъул, одатан, метавонанд стереотипи дарки якхеларо дар бораи хонанда ҳамчун хонандаи ―сехон" ё ―душвортарбия" шикананд.

Эҳсосоти барзиёд – боз як хусусияти дигари рушди таҳсилоти иловагии кӯдакон дар муассисаи таҳсилоти умумӣ мебошад. Такмил додани эҳсосот барои мактаббачагон ҳамчун воситаи ташаккули мукаммалии ҷаҳон зарур аст. Муносибати эҳсосӣ - арзишӣ ба ҷаҳон метавонад дар ботини мактаббачагон ҳангоми сӯҳбат намудан бо шахсиятҳои шинохтае ташаккул ёбад, ки ҳаёт ва фаъолияти онҳо барои ёфтани ҷавоб ба саволҳои ташвишовари хонанда кӯмак мерасонад. Ба ҷои тарбия намудан бо намунаи мисолҳои мусбати китоби дарсӣ, бештар ба таҷриба ва андешаҳои инсонҳои мушаххасу воқеӣ ва ба ҷустуҷӯҳо, хатоҳо, пастиву баландиҳои ӯ рӯй овардан лозим аст: он гоҳ кӯдакон ба тақдир, мубориза, идеалҳо боварӣ ҳосил менамоянд.

Рушди таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ хусусиятҳои худро дорад, ки онро имкониятҳои ташкилӣ, кадрӣ ва методии дар мактаб мавҷудбуда муайян мекунанд. Як катор душворихои объективй мавчуданд: набудани шароити махсус барои гузаронидани машғулиятҳои ҳаваскоронаи хонандагон; омодагии нокифояи ҳайати омӯзгорон; номукаммалии барнома ва маводи методии мавҷудбудае, ки аксари онҳо хусусиятҳои таълими иловагиро дар шароити муассисаи таҳсилоти умумӣ ба назар намегиранд [94, 18].

Тадқиқотҳои дар ин самт гузаронидашуда (Е.Б. Евладова, А.В. Золотарева, В.А. Березина, М.И. Поволяева ва ғ.) имкон медиҳад, то изҳор намоем, ки барои рушди таҳсилоти иловагӣ дар муассисаи таҳсилоти умумӣ зарур мебошанд:

- омӯзиши шавқу эҳтиёҷоти хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ
- муайян намудани муҳтавои таҳсилоти иловагӣ, шаклҳои он ва усулҳои кор бо хонанда
- ташкили фазои ягонаи таълимӣ
- таъмин намудани гуногуншаклии намудҳои фаъолияти эҷодӣ барои қаноатмандии нисбатан пурраи завқ ва талаботҳои хонанда дар иттиҳодияҳои интихобӣ
- ташкили шароит барои ҷалби хонандагони синни миёна ва калон ба машғулиятҳо

Рушди таҳсилоти иловагии кӯдаконро дар мактаб аз иттиҳодияҳои эҷодӣ оғоз кардан беҳтар мебошад. Имрӯзҳо бештари мактабҳо дар раванди фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ як ё якчанд самтҳои бартаридоштаи фаъолият – экологӣ, бадеӣ, иқтисодӣ ва патриотиро ки асоси иттиҳодия шуда метавонанд, ҷудо мекунанд.

Интегратсияи таҳсилоти асосӣ ва иловагии кӯдакон ва алоқамандии ин ду муҳитро таъмин карда метавонанд:

- яклухтии системаи маориф бо гуногуншаклии он
- муайян намудани устуворӣ ва доимияти рушд
- дониш, маҳорат ва малакаҳои зурурии хонандагон, ташаккули муҳити эҳсосӣ-зоҳирии онҳо ва ташаккули сифатҳои равонӣ-ахлоқӣ
- истифодаи фаъолонаи ғояҳои инноватсионии педагогӣ, моделҳои таҳсилотӣ, технологияҳо
- дастгирӣ намудани анъанаҳои дар мактаб мавҷудбуда ва ҷустуҷӯи роҳҳои нави ташкил намудани ҳаёти хонандагӣ ва педагогӣ

- нигоҳ доштани кормандони беҳтарин ва даъват намудани шахсони нави (аз ҷумлаи кормандони бахши фарҳанг, илм, истеҳсолот, намояндагони ташкилоҳои ҷамъиятии ветеранӣ) барои кор бо кӯдакон омодабуда.

Бо шарофати алоқаи эҷодӣ ва кории мактаб бо муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакона мӯҳтаво ва дараҷаи омодагӣ ба чорабиниҳои оммавӣ, аз ҷумла ҷашнҳо, мусобиқаҳо, консертҳо, намоишҳо ва ғайраро беҳтар намудан имконпазир аст. Ин имконияти хуб барои гирифтани ахбороти оперативӣ оид ба ҷалби хонандагон ба фаъолияти бадеӣ, варзишӣ, саѐҳӣ-кишваршиносӣ ва дигар фаъолиятҳо мебошад.

Дар мавриди ҳал намудани масъалаҳои ташкилии дохилимактабӣ, доираи васеи манфиатҳои мактаббачагони синну соли гуногунро ба назар гирифтан лозим аст. Аксар вақт масолеҳи истифодашаванда дар маҳфилҳо ва сексияхо дар мактабҳо дар давоми даҳсолаҳо тағйир наѐфта, бо якчанд ном (бозичаҳои нарм, макраме, маҳфили драмавӣ, волейбол, аэробика) маҳдуд мешаванд, ки аксари онҳо барои хонандагони синни хурд ва миѐна пешбинӣ шудаанд. Ба хонандагони калонсол қариб эътибордода нашуда, манфиатҳои кӯдаконе, ки барои азхуд кардани рақси варзишӣ, роликҳо, скайбординг, ҳунарҳои ҳарбӣ, техникаи наворбардорӣ, техникаи компютерӣ ва дигар чизҳое, ки навраси муосирро ба шавқ меоранд, ба эътибор гирифта намешавад.

Мутаассифона, дар мактаб аксар вақт коллективи муайяни «намунавӣ» (театри мактабӣ, ансамбли мусиқӣ, коллективи варзишӣ ва ғайра) ташкил карда мешавад, ки ин бар зарари инкишофи дигар соҳаҳои фаъолият бо шарофати фаъолияти маъмурияти мактаб мебошад. Барои роҳбарони мактабҳо ин имконият барои бомуваффақият ҳисоб кардани ташкили фаъолияти тарбиявӣ-таълимии «хуб», бе кӯшиши ба вуҷуд овардани системаи мукаммали таҳсилоти иловагии хонандагон мебошад. Дар ин ҳолат, дастаи хонандагони «элита» ба зиндагии ҷудогонаи худ оғоз мекунанд, ки танҳо барои як гурӯҳи хурди хонандагон ҷолиб аст ва дар ин маврид

хонандагони боқимонда метавонанд танҳо бо ҳасад, эҳсоси камбудӣ ва бо миѐнаравӣ ба онҳо нигоҳ кунанд, ки ин аз воқеият дур мебошад.

Оид ба шароити кадрии омӯзгорони ба таҳсилоти иловагӣ масъул, ин, пеш аз ҳама, бо имкони баланд бардоштани касбияти онҳо, бевосита тавассути гузаронидани семинарҳо, курсҳо, мубоҳисаҳои муосир оид ба масъалаҳои муҳим, ташрифи мутақобила ба дарсҳо, чорабиниҳои кушод ва таҳлил амалӣ кардан мумкин аст.

Ташкили ҳамкории эҷодӣ бо омӯзгорони фаннӣ, роҳбарони синфҳо, мураббиѐни муассисаҳои кӯдакона, гузаштани курсҳои омодасозии омӯзгорон ва гузаронидани семинарҳо аз ҷониби олимони даъватшуда, аз ҷумла дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти иловагии хонандагон низ муҳим мебошад. Ба кори илмӣ ҷалб намудани омӯзгорон, қабул намудан ба аспирантура, навиштани мақолахо ба журналҳои педагогиро такмил додан лозим аст [123, 57].

Муваффақият дар системаи такмили таҳсилоти иловагӣ дар шароити муассисаи таҳсилоти умумӣ дар бисѐр мавридҳо аз маҳорати ҷалби одамон бо ―қувваи тоза”, масалан аз ҷумлаи кормандони муассисаҳои фарҳангӣ, варзишӣ, эҷодӣ, ҷамъиятӣ, ташкилотҳои ветеранӣ ва ҷамъиятҳои падару модарон вобастагӣ дорад.

Маъмурияти муассисаи таҳсилоти умумӣ бояд фаҳмиши худро оид ба муҳимияти рушди системаи таҳсилоти иловагӣ ҳамчун ҷузъи таҳсилоти умумӣ иброз намуда, фикри онҳоеро, ки ба ин система дар баробари завқи дигар омӯзгорон ворид карда шудаанд, ба назар гирад. Бо роҳбарони иттиҳодияҳои эҷодии интихобӣ чун аъзоѐни ―дуюминдараҷаи” коллектив муносибат намудан мумкин нест. Дар мавриди фаъолияти муваффақонаи омӯзгорон дар самти таҳсилоти иловагӣ ва дастовардҳои баланди эҷодии ҷамъияте, ки онҳо роҳбарӣ менамоянд, бояд онҳо ба таври моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд гардонида шаванд. Оид ба ин муваффақиятҳо бояд ҳамаи хонандагону омӯзгорон ва волидайни онҳо донанд ва на камтар аз муваффақиятҳои кӯдаконашон дар самти таълим фахр намоянд.

## 2.2. Модели самарабахши ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур”

Муассисаи давлатии «Маркази дарѐфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур» бо қарори Раиси ноҳияи Шоҳмансур таъсис ѐфта, фаъолияти худро соли 2019 оғоз намуд. Айни замон Марказ на танҳо дар қаламрави ноҳияи Шоҳмансур, балки дар ноҳияҳои дигари шаҳри Душанбе низ барои хонандагони лаѐқатманд маълумоти иловагии гуногунсатҳ ва мухталифро таъмин менамояд.

Ҳамасола дар ―Маркази дарѐфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур” беш аз 450 хонанда таҳсил намуда, дар бахшҳои иловагии таълимӣ таҳсил мекунанд, ки аксарияти онҳо таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи ноҳияи Шоҳмансур мебошанд. Қабул ба Марказ дар асоси озмун гузаронида мешавад. Аммо, интихоб тариқи озмун ҳам бартарӣ ва ҳам камбудиҳоро доро аст. Афзалиятҳо дар он аст, ки дар асоси озмун ба Марказ кӯдаконе қабул карда мешаванд, ки натиҷаҳои баландро нишон додаанд. Камбудӣ дар низоми интихоб тавассути озмун дар он аст, ки касе наметавонад бигӯяд, ки дар байни аз озмун нагузаштагон кӯдакони қобилиятнок нестанд.

***Ҷадвали 6.Шумораи муҳассилини Марказ дар зарфи 4 сол (2019-2022)***

| Иттиҳодияҳои таълимӣ | Шумораи таълимгирандагон вобаста ба солҳо | | | | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Забони англисӣ | 26 | 36 | 43 | 57 | 162 |
| Забон ва адабиѐти тоҷик | 18 | 23 | 28 | 35 | 104 |
| Забони русӣ | 16 | 21 | 27 | 33 | 97 |
| Математика | 19 | 25 | 38 | 41 | 123 |
| Технологияи иттилоотӣ | 8 | 12 | 15 | 16 | 51 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Физика | 9 | 19 | 24 | 30 | 82 |
| Химия | 11 | 27 | 35 | 47 | 120 |
| Биология | 13 | 29 | 33 | 43 | 118 |
| География | 12 | 23 | 34 | 41 | 110 |
| Ҳуқуқ | 18 | 27 | 36 | 44 | 125 |
| Таърихи халқи тоҷик | 19 | 25 | 29 | 46 | 119 |
| Шоҳмот | 10 | 10 | 12 | 12 | 44 |
| Ҳамагӣ | **179** | **277** | **354** | **445** | **1255** |

Бо мақсади роҳандозии босамари ҷараѐни таълиму тадриси хонандагони болаѐқат дар Марказ 21 нафар омӯзгорони пуртаҷрибаву эҷодкори пойтахт ҷалб шуда, 1 нафари онҳо дорои унвони доктори илм, 2 нафарашон – Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд ва ҳар яки онҳо фаъолияти хешро бахри рушди низоми таҳсилоти иловагии хонандагон, ки василаи самарабахши қонеъ гардонидани дархостҳои инфиродии хонандагон ва ҷалби онҳо ба ҷомеа дар фазои тағйирѐбандаи иттилоотии ҷомеа маҳсуб мешавад, равона намудаанд.

Бо туфайли озмун, Марказ имконият дорад танҳо он хонандагонеро ба таҳсил ҷалб намояд, ки ҳавасмандии онҳо ба таълим ба таври кофӣ ташаккул ѐфтаанд. Тавре таҷрибаи бисѐрсолаи мо нишон медиҳад, маҳз ҳамин дараҷаи зеҳнӣ оғози дастовардҳои назарраси эҷодӣ ба ҳисоб меравад. Албатта, фарқиятҳо дар сатҳи лаѐқат, ҳатто дар сурати мавҷудияти озмун боқӣ мемонанд. Гузашта аз ин, дар байни кӯдакони ба таҳсил қабулшуда дар Марказ се сатҳи лаѐқатмандиро фарқ менамоянд - меъѐри хуб, меъѐри баланд ва дар ниҳоят, кӯдакони махсусан лаѐқатманд. Аммо, аз нуқтаи назари дастовардҳои имконпазири эҷодӣ, дар оянда ин фарқиятҳо куллӣ намебошанд.

Марказ барномаҳоро дар ду самт амалӣ менамояд: 1) таббиӣ - риѐзӣ; 2) гуманитарӣ. Оид ба ташкили фаъолияти таълимӣ дар Марказ дар тасвири 2 ба андозаи муайян маълумот пешниҳод карда шудааст.

Дар «Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур» се марҳилаи таълимӣ вуҷуд дорад:

а) ибтидоӣ - кӯдакони 4-10 сола;

б) асосӣ - кӯдакони 11-13 сола;

в) пешқадам - кӯдакони 14-17 сола.

Қабули кӯдакон ба Марказ дар асоси дархости волидон сурат мегирад. Бақайдгирӣ ба таҳсил мувофиқи қоидаҳои зерин сурат мегирад:

1. Мусоҳиба бо кӯдак ва волидон барои муайян намудани таваҷҷӯҳи ӯ ба соҳаи муайяни таълимӣ.

2. Санҷиш бо мақсади муайян кардани сатҳи ибтидоии рушд ва маҷмӯи пурраи гуруҳҳои якхела.

3. Интихоби барномаҳои таълимӣ ва шаклҳои таълим.

4. Пурсиши кӯдакон ва падару модарон бо мақсади гирифтани маълумот дар бораи хусусиятҳои кӯдак ва оила.

5. Ба расмиятдарории ҳуҷҷатгузорӣ.

Вазифаи Марказ - интихоб, таълим, омӯзиш ва рушди эҷодии хонандагони лаёқатманд мебошад. Чунин вазифа на танҳо масъулиятшиносӣ, балки кори бағоят зиёд ва бисёрнақшавиро талаб менамояд. Он инчунин стратегияи тамоми фаъолияти педагогиро муайян менамояд - мусоидат барои қаноатманд кардани ҷомеаи минтақавӣ бо ҷавонони эҷодкор ва боистеъдод.

Асоси назариявии кор бо кӯдакон дар Марказ аз инҳо иборат мебошанд: мафҳумҳои қобилиятҳои эҷодӣ; лаёқатмандии зеҳнӣ; назарияҳои рушди шахсият. Ташкили чараёни таълим бо назардошти принсипҳои зерин сурат мегирад:

- фароҳам овардани шароити ҳадди аксар барои зуҳуроти фардият ва рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон;

- озодии интихоб дар самти таълим оид ба рағбати шахсият. Дар муқоиса аз муносибати анъанавии таълими хонандагони лаёқатманд, ки дар он мушкилоти доимӣ ва афзоишёбии ҳаҷми маълумоти таълимӣ, инчунин

суръати омӯзиши онҳо пешбинӣ гардидааст, мо чунин меҳисобем, ки рушди минбаъдаи қобилияти хонанда бояд дар доираи дохил намудани он ба фаъолияти тадқиқотӣ гузаронида шавад. Аз як тараф, чунин фаъолият сатҳи баландтарини низомнокии дониши хонандагонро таъмин намуда, аз ҷониби дигар

- тибқи сохтори худ он ба рушди қобилияти маърифатнокӣ ва эҷодии онҳо мусоидат менамояд.

Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, татбиқи принсипҳои номбаргардида метавонанд натиҷаҳои зарурӣ диҳанд, танҳо дар шароити ташаккул ва инкишоф додани хонандагон ба талаботҳо ҷиҳати дарккунӣ ва арзишҳои олии маънавӣ.

Самтҳои асосии ҳамкории Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ноҳия барои рушди қобилияти зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон инҳоянд:

1. Таҳияи барномаи таълимии ба шахсият нигаронидашуда, ки ба кӯдак имконият медиҳад, ки бо назардошти хусусиятҳо ва рағбати фардӣ интихоби фанҳои омӯхташударо интихоб намояд.

2. Кор тибқи нақшаҳои инфиродӣ.

3. Истифодаи усулҳо дар рафти дарсҳо, ки ҳавасмандгардонии фаъолияти эҷодии хонандагонро (вазифаҳои инфиродӣ, баҳсҳо, конфронсҳо, лоиҳаҳои тадқиқотӣ ва ғайра) амалӣ менамояд.

4. Корҳои фароғатӣ (дар маҳфилҳо аз рӯи завқ, гуруҳҳои мушкилдошта ва ғайра).

5. Омодагӣ ва иштироки хонандагон дар озмунҳои мухталиф (олимпиада,ҳо марафонҳои зеҳнӣ, форумҳо, аз ҷумла дар озмунҳои сатҳи байналмилалӣ).

6. Кор дар иттиҳодияҳо ва гуруҳҳои эҷодӣ.

7. Кори хадамоти психологӣ оид ба ташхиси сатҳи дастовардҳои қобилиятҳои зеҳнӣ ва рушди эҷодии хонандагон.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [66] таркиби фаъолияти муассисаи таълимӣ бо барномаи ягонаи таълимӣ муайян карда мешавад, ки онро муассиса мустақилона таҳия ва қабул мекунад. Барномаи таълимӣ - санади меъёриест, ки хусусиятҳои таркибии таълим ва хосиятҳои ташкили раванди таълимӣ - педагогиро тавсиф менамояд.

Барномаи таълимиву тарбиявии «Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур» аксаран хусусияти муаллифӣ дошта, аз ҷониби омӯзгорони муассиса дар асоси талаботи талаботи хонандагон ва бо назардошти омӯзишу таҳлили нақшаву барномаҳои таълимии мамлакатҳои хориҷӣ тарҳрезӣ ва таҳия карда мешавад. Ҳадафи ин барномаҳои баъдимӣ пеш аз ҳама ошкор сохтани дараҷаи лаёқатмандии хонандагон, малакаву маҳорат ва таъмини рушди минбаъдаи қобилиятҳои зеҳнии хонандагон ба ҳисоб меравад. Марказ дар фаъолияти таълимии худ дастовардҳои беҳтарини соҳаи пеадгогика ва психологияи синну солиро барои рушди қобилиятҳои зеҳнии таълимгирандагон васеъ истифода мебарад.

Дар тарҳи таълимии «Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур» чор қисмат фарқ карда мешаванд: маърифатнокӣ, эҷодиёт, фароғати фарҳангӣ - ташаккулӣ; таҷрибаи иҷтимоӣ.

Ҳангоми ташкили ҷараёни таълим барои кӯдакони аз ҷиҳати зеҳнӣ лаёқатманд, аз ҷониби ҳайати омӯзгорон низоми талаботҳои асосӣ ба таркиби барномаи таълимӣ таҳия ва истифода бурда мешавад:

Дар соҳаи рушди маърифатнокӣ: мунтазам, вале тадриҷан мураккаб намудани таркиби фаъолияти таълимӣ аз ҳисоби омӯзиши амиқи мавод; истифодаи вазифаҳо ҳамчун намудҳои тақсимшаванда ва ҳам ҳамҷояшаванда; бартарии қобилиятҳои рушдёбандаи маводи таълимӣ аз сатҳи қаноатмандии иттилоотӣ; амалисозии чорабиниҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ мутобиқи ниёзҳои маърифатнокии кӯдакон; самтнокии таркиби таълим барои рушди тафаккури истеҳсолӣ ва ташаккули малакаҳои истифодаи амалии онҳо; тавсеаи ҳадди аксари доираи манфиатҳои кӯдак; ғанӣ гардонидани иттилоотнокии мунтазами муҳити таълимӣ ва педагогӣ.

Дар соҳаи рушди эҷодӣ: самтнокии мавод ба рушди ҳавасмандгардонии зеҳнии кӯдак; бартарият доштани тадқиқотҳои амалиявӣ аз шакли репродуктивии азхудкунии дониш; барҳам додани конформизм; оқилона мувофиқ намудани  шаклҳои кори инфиродӣ ва гуруҳӣ; фаъолгардонии мустақилнокӣ.

Педагогикаи муосир татбиқи принсипҳои фардикунониро ба ҷараѐни таълим роҳи асосии расидан ба мақсадҳои дидактикӣ мешуморад. Ин принсип барои ташкили раванди таълим барои ҳама кӯдакон, алалхусус барои кӯдакони бештар қобилиятнок ва лаѐқатманд аҳамият дорад. Дар «Маркази дарѐфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур» усули муносибат ба фарогирии шахсият нисбати таълим васеъ истифода бурда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки стратегияи аз ҳама самаранок барои рушди инфиродии кӯдаки лаѐқатманд таҳия карда шавад. Бо дарки он, ки дарсҳо оид ба интихоби озоди хонанда бештар аз низоми синфӣ - дарсӣ имкон медиҳад, ки принсипи фардии инфиродии таълим истифода карда шавад, ҳамзамон дар қатори истифодаи технологияҳои ба самти муосири педагогӣ - шахсият равонагардида, ба сифати  шаклҳои асосии кор бо хонандагони лаѐқатманд шабакаи иттиҳодияҳои эҷодии омӯзгорон ва хонандагонро истифода мебарем. Ин шакли кор ба хонандагон имконият медиҳад, ки на танҳо самти манфиатнокро барои худ интихоб намоянд, балки дар ин фан пешрафт гарданд.

Самтҳои асосии ташкили ҷустуҷӯи тадқиқотӣ барои хонандагон дар Марказ инҳоянд: кор бо лоиҳаҳои эҷодӣ (инфиродӣ ва гурӯҳҳои эҷодӣ); иштирок дар конфронсҳои илмӣ - амалии сатҳҳои гуногун; низоми озмунҳо ва олимпиадаҳои эҷодӣ.

Масъалаи марказӣ дар ташкили низоми педагогии ҳамкории Маркази дарѐфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур бо муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи ноҳияи Шоҳмансур дар самти кор бо хонандагони лаѐқатманд ин таъмини ҳавасмандгардонии шахсият ба омӯзиш ва ба маънои васеъ – барои омӯзиш ва ташаккулѐбӣ ба ҳисоб меравад. Танҳо принсипи таъмини

ҳавасмандгардонии шахсият дар омӯзиш ҳамчун асос дар таҳияи барномаҳои таъғйирёбандаи рушди барномаҳои таълимӣ ва табдил додани Марказ ба муҳити ташаккулёбанда тавассути татбиқи ин ҳадаф баромад намуда, аз нуқтаи назари мо бояд чунин бошад:

- таҳияи барномаҳои таълимӣ, ки барои фаъолгардонии ҳавасмандкунӣ равона гардидаанд ва барои татбиқи самти инкишофи инфиродии кӯдак мусоидат менамояд;

- ташкили шаклҳои фаъолияти ташкилию идоракунии Марказ, ки барои ташаккул ва худинкишофёбии хонандагон имконият фароҳам меоранд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, самтҳои асосие, ки дар онҳо низоми педагогии Марказ бунёд ёфтааст, инҳо мебошанд:

- фароҳам овардани шароит барои рушди ҳавасмандгардонӣ ба донишомӯзӣ ва эҷодкорӣ, ташаббусҳои зеҳнӣ ва шахсии хонандагон;

- гузаронидани мониторинг ҷиҳати самаранокии рушди кӯдакон, ки таъсири ҳавасмандкуниро барои азхудкунии бомуваффақияти фаъолият ҳангоми ҳалли масъалаҳои мухталиф пайгирӣ менамояд;

- афзалиятнокии таълим дар Марказ ва ҳам муассисаи таҳсилоти олӣ, ки ба кӯдакон имкон медиҳад худро дар ин ё он ихтисос пурра татбиқ намоянд.

Тамоми кори «Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур» бо дастгирии равонии кӯдакон асос ёфтааст. Мафҳуми дастгирии психологии хонандагони лаёқатманд ва боистеъдод ба дарки истеъдоди эҷодӣ асос ёфтааст, ки аломати таркибии он қобилият барои рушди фаъолият мебошад. Потенсиали эҷодии хонандагон бо истифода аз усули таҷрибавии «Фазои эҷодӣ» (Д.Б. Богоявленская) ошкор карда мешавад [22, 99-102]. Ин раванди ташхисӣ имкон медиҳад, ки кӯдакро ба "раванди таҳқиқот" дохил намоем, ки он муайян ва таҳлили ҳам қонуниятҳои шахсӣ ва ҳам имконияти қобилияти пайдо кардани мушкилоти навро пешбинӣ менамояд ва имкон медиҳад, ки муваффақиятҳои хонандагонро дар ҳар марҳилаи фаъолияти донишомӯзӣ сабт карда шавад. Чунин муносибат имкон

медиҳад, ки кӯдаконро ба гуруҳҳое, ки ба сатҳи иштироки онҳо дар раванди таҳқиқот мувофиқанд, ҷудо намоем.

Ташхиси ҷузъҳои таркибии раванди лаёқатмандӣ на танҳо сатҳи сифатнокии онро, балки сохтори онро низ муайян менамояд, ки имконияти ба самти ислоҳшавӣ равонагардидаро таъмин менамояд ва самаранокии онро баланд мебардорад.

Яке аз моделҳои самарабахши ҳамкории Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шомансур бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ин ноҳия ва ҳамзамон яке аз роҳҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилоти хонандагон, ҷалби онҳо ба илмомӯзии мустақилона, ихтироъкорию эҷодкорӣ ҳавасманднамудани онҳо барои иштирок дар даврҳои гуногуни олимпиадаҳои фаннӣ низ ба шумор меравад. Айни замон дар ҷумҳурӣ дар муқоиса бо солҳои қаблӣ шумора ва намуди олимпиадаҳои фаннӣ зиёд гардида, сол то сол теъдоди иштирокчиёни онҳо афзуда истодаанд.

Мутобиқи Низомномаи Олимпиадаи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки бо Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, олимпиадаи фаннии хонандагони муассисаҳои таълимӣ аз 13 фанни таълимӣ, аз ҷумла, забон ва адабиёти тоҷик, забони русӣ, забони англисӣ, забони давлатӣ, таърихи халқи тоҷик, асосҳои давлат ва ҳуқуқ, биология, география, химия, физика, математика ва технологияи информатсионӣ баргузор гардид [101].

Лозим ба зикр аст, ки дар соли таҳсили 2022-2023 дар даври дуюми (ноҳиявӣ) Олимпиадаи фаннии хонандагон (синфҳои 5-11) 3916 нафар хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳия байни ҳам сабқати донишу заковат менамоянд. Аз шумораи дар боло зикршуда 3649 нафар хонандагон ғолибони даври якуми (муассисавӣ) ба шумор рафта, 267 нафари дигар хонандагоне мебошанд, ки тариқи дархости иловагӣ номнавис шудаанд.

Иштирокчиёни даври дуюми (ноҳиявӣ) Олимпиадаи фаннии хонандагон (синфҳои 5-11) дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Шоҳмансур аз ҳисоби муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 3027 нафар хонандаро ташкил

дода, 889 нафар хонандаи дигарро хонандагон литсей ва гимназияҳои ноҳояи Шоҳмансур новобаста аз шакли тобеияташон ташкил медиҳанд.

Бо қайд намуд, ки шумораи иштирокчиѐни даври дуюми (ноҳиявӣ) Олимпиадаи фаннии хонандагон (синфҳои 5-11) дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Шоҳмансур назар ба соли таҳсили 2021-2022 15 % шумора зиѐдтарро ташкил медиҳад.

Дар умум аз 36 муассисаи таълимии ноҳия **3953 нафар** (3649 нафар тибқи рӯйхати асосӣ ва 304 нафар тибқи дархости иловагӣ) барои иштирок дар даври дуюми Олимпиадаи фаннии хонандагон то 1-уми ноябри соли ҷорӣ қабул карда шуданд. Аз шумораи мазкур дар даври дуюми Олимпиада **3175 нафар** (689 нафар дар Олимпиадаи даставии наврасон барои синфҳои 5-6, 935 нафар дар Олимпиадаи даставии наврасон барои синфҳои 7-8, 1080 нафар дар Олимпиадаи фаннии хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳияи Шоҳмансур (синфҳои 9 ва 10), 471 нафар дар Олимпиадаи номии хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳияи Шоҳмансур (синфи 11) хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳияи Шоҳмансур иштирок намуданд.

Аз **3175 нафар** хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳияи Шоҳмансур дар Олимпиадаҳои фаннӣ **592 нафар** ҳамчун ғолиб дар соли таҳсили 2022-2023-ро ташкил доданд. Аз **592 нафар** ғолибони мавриди назар **328 нафарашон** хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ ва **264 нафари** дигарашон муҳассилини литсею гимназияҳои пойтахт ба ҳисоб мераванд.

Миѐни ғолибони Олимпиада аз ҳисоби хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумии ноҳия, ки ба **328 нафар** баробар аст, **68 нафарашон** соҳиби ҷойи аввал, **84 нафар** – ҷойи дуюм ва **176 нафари** дигар сазовори ҷойи сеюм гардиданд.

***Ҷадвали № 2.Натиҷаи даври дуюми (ноҳиявӣ) Олимпиадаҳои фаннии хонандагони ноҳияи Шоҳмансур дар соли таҳсили 2022-2023***

| **Олимпиада** | **Аз фанҳои табиӣ-риёзӣ** | **Аз фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ** |
|---|---|---|

| | Ҷойи I | Ҷойи II | Ҷойи III | Ҷойи I | Ҷойи II | Ҷойи III | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Синфҳои 11 | 12 | 13 | 25 | 16 | 22 | 39 | **127** |
| Синфҳои 10 | 10 | 8 | 24 | 14 | 15 | 38 | **109** |
| Синфҳои 9 | 10 | 8 | 24 | 12 | 19 | 37 | **110** |
| Наврасон 7-8 | 15 | 11 | 33 | 18 | 20 | 45 | **142** |
| Наврасон 5-6 | 5 | 9 | 19 | 16 | 21 | 34 | **104** |
| **Ҷамъ** | ***52*** | ***49*** | ***125*** | ***76*** | ***97*** | ***193*** | ***592*** |

Мутобиқи раддабандии ғолибони даври сеюми (шаҳрӣ) Олимпиадаи хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳияи Шоҳмансур, ки дар як вақт таълимгириандагони Муассисаи давлатии «Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур» мебошанд, бо гирифтани 163 ҷойи ифтихорӣ сазовори мақоми дуюм гардид.

Лозим ба қайд аст, ки дар соли таҳсили 2021-2022 хонандагони боистеъдоди Муассисаи давлатии ―Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур" дар ҷамъбасти нуҳ даври ҷумҳуриявии Олимпиадаҳои фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Шоҳмансур фаъолии худро нишон дода, бо гирифтани 165 ҷойи ифтихорӣ дар байни ноҳияҳои пойтахт мақоми сеюмро ишғол намуданд.

***Ҷадвали №3. Натиҷагирӣ аз шаш даври ҷумҳуриявии Олимпиадаҳои фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Шоҳмансур (литсей ва гимназияҳо)***

| **№** | **Муассисаҳои таълимӣ** | **Шумораи иштирокчиён** | **Ҷойҳо** | | | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | **I** | **II** | **III** | |
| 1. | Гимназияи №2 | 79 нафар | 8 | 12 | 22 | **42** |
| 2. | Литсейи №4 | 39 нафар | 4 | 4 | 5 | **13** |
| 3. | Литсейи ДТТ | 9 нафар | - | 2 | 3 | **5** |
| 4. | Литсейи ДМТ | 4 нафар | - | - | 1 | **1** |
| 5. | Гимназияи Тоҷикистон | 6 нафар | - | - | 1 | **1** |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 6. | Литсейи ҳарбӣ | 2 нафар | - | - | - | **-** |
| 7. | Гимназияи Андешаи Пок | 1 нафар | - | - | - | **-** |
| **Дар умум:** | | **140 нафар** | **12** | **18** | **32** | **62** |

***Ҷадвали №4. Натиҷагирӣ аз шаш даври ҷумҳуриявии Олимпиадаҳои фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Шоҳмансур***

| **№** | **Муассисаҳои таълимӣ** | **Шумораи иштирокчиён** | **Ҷойҳо** | | | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | **I** | **II** | **III** | |
| 1. | МТМУ №31 | 27 нафар | 3 | 4 | 12 | **19** |
| 2. | МТМУ №55 | 28 нафар | 2 | 5 | 9 | **16** |
| 3. | МТМУ №48 | 30 нафар | 4 | 7 | 2 | **13** |
| 4. | МТМУ №29 | 12 нафар | 1 | 5 | 4 | **10** |
| 5. | МТМУ №21 | 16 нафар | - | 3 | 5 | **8** |
| 6. | МТМУ №20 | 9 нафар | 2 | 2 | 3 | **7** |
| 7. | МТМУ №36 | 7 нафар | - | 1 | 3 | **4** |
| 8. | МТМУ №63 | 5 нафар | 3 | - | 1 | **4** |
| 9. | МТМУ №16 | 7 нафар | - | 1 | 2 | **3** |
| 10. | МТМУ №65 | 4 нафар | 1 | - | 2 | **3** |
| 11. | МТМУ №71 | 8 нафар | - | 1 | 2 | **3** |
| 12. | МТМУ №100 | 5 нафар | 1 | - | 1 | **2** |
| 13. | МТМУ №35 | 5 нафар | 1 | - | 1 | **2** |
| 14. | МТМУ№39 | 2 нафар | - | - | 2 | **2** |
| 15. | МТМУ №2 | 2 нафар | - | 2 | - | **2** |
| 16. | МТМУ №23 | 3 нафар | 1 | - | - | **1** |
| 17. | МТМУ №41 | 1 нафар | - | - | 1 | **1** |
| 18. | МТМУ №105 | 1 нафар | 1 | - | - | **1** |
| 19. | МТМУ №102 | 3 нафар | - | - | 1 | **1** |
| 20. | МТУ ФР №6 | 1 нафар | 1 | - | - | **1** |
| 21. | МТМУ №107 | 2 нафар | - | - | - | **-** |
| 22. | МТМУ №79 | 1 нафар | - | - | - | **-** |
| 23. | МТМУ №104 | 2 нафар | - | - | - | **-** |
| **Дар умум:** | | **181 нафар** | **21** | **31** | **51** | **103** |

Татбиқи босамари Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020 имконият фароҳам овард, ки хонандагони

муассисаҳои таълимии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе дар олимпиадаҳои байналмилаливу ҷаҳонӣ фаъолона ширкат варзида, соҳиби ҷойҳои намоён гардиданд.

***Ҷадвали №5. Нишондиҳандаҳои иштироки хонандагон дар олимпиадаҳои байналмилалӣ***

| **№** | **Сол** | **Шумораи медалҳои тилло** | **Шумораи медалҳои нуқра** | **Шумораи медалҳои биринҷӣ** | **Ҷамъ** |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 2019 | 44 | 51 | 76 | **171** |
| 2. | 2020 | 20 | 14 | 35 | **69** |
| 3. | 2021 | 35 | 40 | 77 | **152** |
| 4. | 2022 | 45 | 51 | 89 | **185** |
| **Дар умум** | | **144** | **156** | **277** | **577** |

Қобили тазаккур аст, ки аксари ғолибони олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҷиҳати омодагӣ ба онҳо дар Марказ бо таҳсилоти иловагӣ тариқи кори фардӣ ва гуруҳӣ фаро гирифта шудаанд, зеро дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат ва тайёр кардани онҳо ба олимпиадаҳо яке аз рукнҳои асосии фаъолияти Марказ мебошад.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки муҳассилини муассисаҳои таълимии хусусӣ низ аъзои иттиҳодияҳои таълимии Марказ буда, дар олимпиадаҳо сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардидаанд ва айни замон дар Муассиса ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Яке аз масъалаҳои душвори ташкили раванди таълим бо хонандагони лаёқатманд ин масъала оид ба стандартҳо ва натиҷаҳо ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо метавонем ба ду ақида такя намоем. Моҳияти аввал дар он аст, ки ягон стандартҳо вуҷуд дошта наметавонанд, зеро дар асл таҳсилоти иловагӣ набояд стандартӣ карда шавад, чунки дар ҳамин хатари таъсири манфӣ ба нерӯи беназири эҷодии хонандагон мавҷуд мебошад.

Андешаи дуввум дар он аст, ки стандартҳо барои низоми таҳсилоти иловагӣ, аз ҷумла марбут ба таълими хонандагони лаёқатманд бояд бо мақсади пешгирии равандҳои стихиявӣ ва ихтиёрӣ бошанд.

Муносибати мо ба стандартҳо манфӣ нест, аммо ҳамзамон мо майли аз ҳад зиѐд кардани нақши онҳоро надорем. Ёдовар мешавем, ки стандарти таълимӣ – ин сатҳи намунавии таълим, ки барои ҷомеаи мазкур дар давраи муайяни таърихӣ  зарур мебошад. Стандарти давлатии таҳсилот – ин маҳдудияти таълимӣ мебошад, ки бояд барои гирифтани ҳуҷҷатҳои дахлдор оид ба таълим аз ҷониби шахсият ба даст оварда шавад [76]. Мо барои истифода бурдани стандартҳо ҳамчун воситаи муайянкунӣ ва идоракунии сифати таълим дар муассисаи худ омода буда метавонем, агар зиддиятҳо ва хатарҳои ҷиддӣ мавҷуд набошанд.

Аз ин рӯ, ба назари мо, стандартизатсия дар таълими хонандагони лаѐқатманд метавонад мавҷуд бошад, аммо танҳо ҳамчун воситаи ҳавасмандгардонии худинкишофѐбӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон ва хонандагон.

Дар ин робита, дар Марказ меъѐрҳои сатҳи касбии педагогӣ, сатҳи тахассусии педагогӣ, услуби муошират ва рафтори онҳо таҳия гардидаанд, ки дар шартномаҳо ва дигар санадҳои меъѐрӣ - ҳуқуқӣ инъикос гардидаанд. Инчунин нишондиҳандаҳои сифатнокии таълим дар самтҳои фаъолият ва фанҳои таълимӣ низ омода карда шудаанд. Дар баъзе ҳолатҳо, таҷрибаи чунин муассисаҳое, ки ба шароити мо мутобиқ карда шудаанд, истифода бурда мешаванд: литсейҳ ва гимназияҳои хусусӣ ва муассисаҳои таълимии махсусгардонидашгуда барои хонандагони болаѐқат.

Дар шӯъбаи забони англисӣ ба сифати чунин меъѐрҳо талаботи Шӯрои Аврупо барои салоҳияти забон ва Синдикати имтиҳонии Донишгоҳи Кембриҷ қабул гардидаанд.

Нишондиҳандаҳои сатҳи таълими кӯдакон тавассути санҷиш баҳогузорӣ  карда мешавад. Санҷишҳои таълимӣ – ин маҷмӯи вазифаҳоест, ки барои баҳогузории сатҳи донишомӯзии кӯдакон дар баъзе қисматҳои таркибии барномаи таълимӣ нигаронида шудаанд.

Бо мақсади гузаронидан ҳамаи санҷишҳо ба воридотӣ, ҷорӣ, мавзӯӣ, натиҷавӣ, маъмурӣ тақсим мешаванд.

Аз рӯи шакли гузаронидани санҷишҳое, ки мо истифода мебарем онҳоро ба тариқи зайл фарқ мекунанд: хаттӣ, компютерӣ, шифоҳӣ, гуруҳӣ ва инфиродӣ.

Дар мавриди санҷишҳои баҳодиҳӣ оид ба муайян намудани сатҳи зеҳнии инкишофи кӯдак, мо ба таври кофӣ дар қисмати пешинаи рисолаи илмӣ муфассал гуфта гузаштем, бинобар ин такрор кардани он зарурият надорад.

Зимнан, моро масъалаҳои марбут ба ташкили ҳамаи ин кор ва ҳисоб кардани самаранокии он ба ташвиш меорад. Дар захираҳои муосири педагогӣ шумораи кофии равишҳо, усулҳо ва роҳҳо мавҷуданд, ки имконияти гирифтани иттилооти объективиро доранд: кор бо маълумотҳои оморӣ, аз ҷумла мушоҳида, мусоҳибаҳои инфиродӣ, ҳолатҳои ғайричашмдошт, ташхиси мустақил, машваратҳои педагогӣ, вариантҳои гуногуни назарсанҷӣ ва усулҳои худсанҷӣ, социометрӣ ва референтометрӣ, хусусиятҳои мустақил ва ғайра.

Тавре мебинем, воситаҳои зиѐде мавҷуданд - мо онҳоро меомӯзем ва дар мавриди зарурат мувофиқи мақсад ва вазифаҳои мушаххас ба истифода медиҳем. Ба қавле, мо ҳамаи меъѐрҳоро ба чор гуруҳ тақсим менамоем (шартан):

Гуруҳи 1 - меъѐрҳои далелнокӣ. Онҳо нишондиҳандаҳои миқдориро инъикос менамоянд. Тавассути онҳо вазъиятҳои беруна омӯхта мешаванд.

Гуруҳи 2 - меъѐрҳои сифатнокӣ. Онҳо имкон медиҳанд дар бораи амиқӣ ва пурқуватии равандҳое, ки дар кӯдак рух медиҳанд, мулоҳизаронӣ намоем.

Гуруҳи 3 - меъѐрҳои муносибатӣ. Тибқи он мо дар бораи ангезаҳои рафтору кирдор, интихоби аз ҷониби хонанда қабулшударо баррасӣ менамоем.

Гурӯҳи 4 - меъѐрҳои вақт. Бо кӯмаки онҳо устуворӣ ҳангоми донишомӯзӣ, малака, маҳорат, одат, хислатҳои шахсӣ ва такроршавии зуҳуроти шахсият муқаррар карда мешавад.

**Дастгирии равонӣ ва педагогии кор бо хонандагони лаёқатманд дар «Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур»**

Барои педагогикаи ватанӣ, мушкилоти таълими хонандагони лаѐқатманд то охири солҳои 80-ум вуҷуд надошт, ки ин ба таври возеҳ фаҳмост: идеологияи давлати тоталитарӣ имконияти тафриқабандии одамонро аз рӯи қобилияти ақлӣ намедод. Ба андешаи А. Савенкова ва Н. Беляева [128, 103], ки маҷбур буданд, ки ин ғояҳоро дар мадди аввал қарор диҳанд, илмҳои педагогӣ ва психологӣ моҳирона хал кардани ин мушкилотро омӯхта, таҷрибаи мактабӣ бошад техникаву технологияи ―ҳамворкуниро" моҳирона азхуд кард.

Аммо, ҳеҷ як идеология бо ҳаѐт рақобат карда наметавонад, зеро дар замони шӯравӣ бидуни ягон намоиш дар кишвар мактабҳо барои хонандагони лаѐқатманд дар назди донишгоҳҳо ва муассисаҳои пешрафта таъсис ва фаъолият мекарданд. Ҳоло он, ки ба ин мактабҳо на равоншиносон ва на омӯзгорон-таҳқиқотчиѐнро иҷозат намедоданд. Дар он ҷо математикҳо, физикҳо, мусиқинавозон, рассомон ва ғайра фаъолият мекарданд.

Бо вуҷуди ин, аз рӯи адолат бояд қайд кард, ки дар замони шӯравӣ ҷустуҷӯҳои пешсаф дар соҳаи таълими хонандагони лаѐқатманд дар мактабҳои оммавӣ гузаронида мешуданд. Ҳамзамон, олимон ва омӯзгорон-таҳқиқгарон натиҷаҳои илмии олимони хориҷӣ ва таҷрибаи амалияи таълимии хориҷиро ба назар мегирифтанд.

Дар оғози солҳои 90-ум дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд моделҳои таълимии равонӣ нигаронида шудаи таълимӣ буданд, ки дар онҳо технологияҳои мушаххаси таълимӣ асос ѐфта буданд:

1) «модели фаъолкунанда», ки ба баланд бардоштани сатҳи маърифати хонандагон бо роҳи шомил кардани вазъиятҳои мушкил дар раванди таълим, эътимод ба ниѐзҳои маърифатӣ ва сифатҳои зеҳнӣ нигаронида шудааст. Унсури асосии психологӣ дар доираи ин модел - ―манфиати маърифатӣ" (А. М. Матюшкин, М. И. Махмутов, М. Н. Скаткин, В. А. Сухомлинский, Г. И. Щукина ва ғайра) мебошад;

2) «модели ташаккулдиҳанда», ки пешбинӣ менамояд, ки таъсир расонидан ба рушди маърифати кӯдак – яъне амалӣ намудани идоракунии самти ҷараёни азхудкунии дониш ва малакаро дорад, ки тавассути он сифатҳои пешакиро кафолат додан мумкин аст (ба шарте, ки хонанда ҳамаи марҳилаҳои заруриро хатм карда бошад). Унсури асосии психологӣ ин -―амалҳои ақлонӣ” мебошанд (В.П. Беспалко, И.Я. Галперин, И.П. Калошина, Н.Ф. Талызина, С.И. Шапиро ва дигарон);

3) «модели рушдёбанда» – дар маркази диққати он таҷдиди фаъолияти таълимии кӯдак ҳам дар сатҳи мундариҷа, ва ҳам дар сатҳи шакли ташкили он бо мақсади таъмини пайдоиши сифатҳои нави психологии шахс - тафаккури назариявӣ, инъикос, мустақилият ва ғайра қарор мегирад. Унсури асосии психологии ин модел ―усулҳои фаъолият” мебошад (В.В. Давыдов, А.З. Зак, В.В. Репкин, Д. Б. Элконин ва дигарон);

4) «модели шахсият», ки ҳадафи асосии психологии он рушди умумии хонанда мебошад, аз ҷумла рушди қобилияти маърифатӣ, эҳсосӣ ва имкониятҳои эстетикии ӯ мебошад. Тибқи ин модел, омӯзиш дар сатҳи баланди душворӣ гузаронида шуда, аммо ҳамзамон шароитҳо барои зуҳури фардият, гуногунандешии ҷараёни таълим ва ташаккули фазои эътимод фароҳам оварда мешавад. Унсури асосии психологӣ ин «рушди ҳамаҷонибаи шахс» (И.И. Аргинская, Л.В. Занков, И.В. Нечаева ва дигарон) мебошад;

5) «модели озод», ки дар он ташаббуси дохилии кӯдак то ҳадди имкон ба инобат гирифта мешавад; Ҳангоми кӯмаки муайян аз ҷониби омӯзгор, кӯдак ба ҳар ҳол худаш шиддат ва давомнокии таҳсилро муайян намуда, вақти худро озодона ба нақша гирифта, воситаҳои таълимро мустақилона интихоб мекунад. Ягон низоми қатъии таъсироти педагогӣ вуҷуд дошта наметавонад. Унсури асосии психологӣ ин «озодии интихоби шахсӣ» (Ф.Г. Комбс, С. Силберман, Р. Штайнер ва ғайра) мебошад.

Ба инкишофи сифатҳои асосии зеҳнӣ дар таълими хонандагони лаёқатманд дар ―Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур” курси муаллифии «Усулҳои фаъолияти ақлонӣ» ва инчунин шаклҳо, усулҳо

ва роҳҳои фаъол амалишавандаи кор мусоидат мекунанд. Дар миѐни онҳо: иҷрои супоришҳои таҳқиқотӣ, «ҳамлаҳои ақлонӣ», «машқҳои ақлӣ», таҳлили ҳолатҳои мушаххас, усули «таҳлили ҳолатҳои танқидӣ», усули «парванда», усули «баробарсозии мавқеъҳо», усули «ғуташавӣ», мубоҳисаҳои мавзӯӣ ва ғайра.

Аҳамияти муҳимро мо ҳангоми кор бо хонандагони лаѐқатманд дар ба ташкили низоми бароҳати равонии меҳнати ақлӣ медиҳем. Тавре, ки таҷрибаи мо нишон медиҳад, ин ҳолат ба иштироки амиқи кӯдак дар раванди таълим мусоидат намуда ва, мутобиқан, ба пурратар ошкор шудани қобилияти зеҳнии он таъсир мерасонад.

Мо медонем, ки ҳама гуна технологияи ташкили омӯзиш, ки ба кӯдак боэҳтиѐт ва бодиққат мебошад самаранок ба шумор меравад, ки муносибати боэҳтиѐтона ва бодиққатро эътироф намуда, ҳуқуқи изҳори инфиродии онро эътироф менамояд. Нисбат ба равиши мо, асоснокии психологии он хеле оддӣ ба назар мерасад. Кӯдакони гуногун, бешубҳа, дар сатҳи истеъдоди зеҳнӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳар як кӯдак дорои як қатор имкониятҳои инкишофи қобилияти зеҳнии худ буда, аз ин рӯ ҳар як кӯдак ба фароҳам овардани шароити муайяни мусоид барои рушди қобилиятҳои зеҳнии худ эҳтиѐҷ дорад. Дар робита ба ин, барномаи таълимии Марказ ба мавқеъҳои зерин такя менамояд.

Педагогика:

1. Кӯдаки боистеъдод, - ин, пеш аз ҳама, кӯдак мебошад, на объекти суистифодаи (монипулятсияи) педагогӣ.

2. Шиддати беасоси таълим, афзоиши механикии ҳаҷми иттилоот ва ихтисоси барвақтӣ - се гӯркови боистеъдод мебошанд.

3. Таҳсилот бояд ба принсипи тафриқавии низомнок тобеъ карда шавад.

4.Омӯзиш бояд тавассути динамика ва ҳамаи каналҳои ҳассос гузаронида шавад.

5. Барои қонеъ кардани фаъолияти маърифатӣ ягон маҳдудият вуҷуд надорад.

Психология:

1. Ташаккули мусбии «Ман-консепсия».

2. Ташаккули малакаҳои иҷтимоӣ-иртиботӣ.

3. Алоқаи зичи эмотсионалӣ бо волидон.

4. Танҳо барномаҳои инфиродии рушд самаранок мебошанд.

Ба ҷои хулоса ба ин қисмат, биёед таърихи қадимаро ба ёд орем, вақте ки А.Македонский дар ҷавонӣ аз як галаи калон танҳо Бузефалусро интихоб кард, ки онро падари Искандар, Филипп, бо сабаби феъли мағруриаш аспи номувофиқ ҳисоб мекард. Плутарх дар ин бора навишта буд: «Намунаи ин асп ба мо нишон медиҳад, ки бисёр истеъдодҳои олӣ бо айби мураббиёне мемиранд, ки қобилияти идоракунии махлуқҳои баланд ва озодро надошта, аспҳоро ба хар табдил медиҳанд» [13, 275].

## 2.3. Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба самаранокии ташкили раванди таълими иловагии хонандагони болаёқат ва арзёбии натиҷаҳои он

Дар вақтҳои охир, мавқеъи боэътимоди методологи дар назарияи ташаккули шахсият равиши низомнок баромад менамояд, ки пеш аз ҳама барои муайян кардани робитаҳо ва муносибатҳои мунтазами ҳама гуна падида ѐ равандҳои омӯхташаванда имкон медиҳад. Тасодуфӣ нест, ки як қатор муҳаққиқон (И.В. Блауберг В.П. Симонов, Б.Г. Юдин) онро ба сифати сатҳи асосии методология меҳисобанд.

Мо чунин мешуморем, ки ҳалли масъалаҳои марбут ба рушди истеъдоди кӯдакон берун аз равиши низомнок наметавонад анҷом дода шавад. Аммо, чунин таҳқиқотҳо ҳоло ҳам хеле кам буда, ибораи «низом» бошад дар асарҳои бисѐри дидактҳо бо маъно ва ибораҳои гуногун истифода бурда мешавад. Низоми шароитҳои дидактикии рушди фаъолияти маърифатиро ҳамчун яке аз шартҳои муҳим барои марбут донистани интихоби оқилонаи ҳайати омӯзгорон барои кор бо хонандагони лаѐқатманд мешуморем. Маҳз аз ҳамин шарт, мо тавсифи онҳоро оғоз мекунем.

Ибораи «таълим додан» на танҳо маънои интиқоли дониш ва рушди малакаро дорад. Моҳияти он инчунин дар ҳавасмандгардонии кӯдак ба ҳама гуна амалҳо иборат аст, ки ин ҳангоми кор бо хонандагони лаѐқатманд ва боистеъдод хеле муҳим мебошад.

Яке аз сабабҳои норасоиҳо дар рушди истеъдодҳои кӯдакон дар набудани салоҳият ва сатҳи ғайриқаноатбахшии зарурии омӯзгорон хулоса меѐбад. Аксарияти омӯзгорони мактаб дар умум афзалияти доштани хонандагони болаѐқатро дар дарсҳои худ надоранд, зеро онҳо ба худ муносибати махсусро талаб намуда, на ҳамеша омодагии кофӣ, касбӣ ва шахсии омӯзгор барои кор бо онҳо қонеъкунанда мебошад. Ғайр аз ин, бояд мавҷуд набудани таълими мақсадноки омӯзгорон барои кор бо хонандагони болаѐқатро дар муассисаҳои таълимии дахлдори кишвар на танҳо барои

низоми таълими иловагӣ, балки барои мактабҳои оммавии ҳамаҷониба низ қайд созем.

Ҷустуҷӯи мавқеъи шахсии интихоби омӯзгорон барои кор бо хонандагони лаёқатманд ба мо имкон фароҳам овард, то дар ин масъала мавқеъи худро муайян созем.

Маълум аст, ки омӯзгорон аз ҳамдигар дар хислат, тафаккур, қувваи ҳиссиёт ва ғайра фарқ мекунанд. Муошират бо хонандагон дар онҳо бо шаклҳои мухталиф зоҳир мешавад. Бо назардошти ин, мо чунин мешуморем, ки ҳангоми кор бо хонандагони лаёқатманд омӯзгор бояд барои иҷрои вазифаҳои гуногун омода буда, хислати фаъол дошта бошад, меҳрубон ва бомасъулият бошад, мулоҳизакориро нишон дода барои такмили мунтазами худ омода бошад.

Ҳаҷми одилонаи субъективии омӯзгор ҳангоми арзёбии муваффақиятҳои хонандагони лаёқатманд аксар вақт оқибатҳои манфӣ дорад. Аз ин лиҳоз, хеле муҳим аст, ки омӯзгор тарзи гузаронидани санҷиш, мусоҳиба ва ғайраҳоро дошта бошад, ки барои ӯ дониши муносиб аз соҳаи психология барои он чи лозим аст.

Ҳангоми интихоби мутахассисон барои кор бо хонандагони лаёқатманд, мо ба доираи васеи манфиатҳои ӯ, ҷаҳонбинии ғайримуқаррарӣ, боварӣ, эътимоди ва устувории ботинӣ, омодагӣ ба эҷодкорӣ ва эҷодкории тарафайн диққати махсус медиҳем.

Бояд таъкид намуд, ки истеъдоди кӯдакро бо сатҳи рушди зеҳнии он муайян кардан номумкин аст, зеро он дар як қатор сифатҳои ба ҳам алоқаманд зоҳир мешаванд, пас метавон тасдиқ намуд, ки меъёрҳои интихоби омӯзгорони лаёқатманд бояд мувофиқ бошанд. Чунин мутахассисон бояд суботкор, зиракии баланд, майл ба фаъолияти эҷодӣ, доираи васеъи тафаккур дошта, барои дарк кардани ҳолатҳои душвор, баъзан ҳолатҳои фавқулодда, иштирок дар муҳокима ва ғайра омода бошанд.

Омӯзгоре, ки барои кор бо хонандагони лаёқатманд ҷалб карда мешавад, бояд дорои суботи эмотсионалӣ ва саводнокии эмотсионалӣ бошад.

Барои кӯдак, шахси калонсол, ки бори душвориҳои ҳалнашавандаи шахсӣ ва ҳамарӯзаро аз сар мегузаронад, одатан наметавонад сарпараст бошад, зеро вай барои фаҳмидан ва ворид шудан ба ҷаҳони мураккаб ва хислати як хонандаи лаёқатманд омода нест. Маҳз аз ин рӯ, ҳангоми интихоби кадрҳо мо ба самти самараноки шахсияти омӯзгор диққати махсус медиҳем.

Сифати бениҳоят муҳим барои омӯзгоре, ки бо хонандагони лаёқатманд кор мекунад, қобилияти тағйир додан, тағир додани ҷараёни таълим мувофиқи хусусиятҳо ва ниёзҳои инфиродии кӯдак мебошад. Барои ин, омӯзгор бояд омодагии мувофиқ ё аз таълими амалӣ бояд гузарад. Дар Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур» чунин барнома барои омӯзгорони самтҳои гуногун таҳия ва татбиқ гардида истодааст, аз ҷумла дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ.

Барои муайян кардани хусусиятҳои тахассусӣ, ки барои кор бо хонандагони лаёқатманд зарур мебошанд, аз ҷониби мо рӯйхати малакаҳои касбӣ истифода карда мешаванд, аз ҷумла: қобилияти тарроҳӣ ва сохтани раванди таълим тибқи натиҷаҳои ташхиси муоинаи кӯдак; қобилияти тағйир додан ва эҷод кардани барномаҳои таълимии муаллифӣ; қобилияти ҳавасмандгардонии рушди қобилияти хонандагон; қобилияти кор кардан дар речаи таҷрибавӣ; қобилияти пешниҳоди кӯмаки маслиҳатӣ ба волидон.

Барои он ки омӯзгор фазои эҷодкориро дар кор бо хонандагони болаёқат фароҳам оварад, ӯ бояд равишҳои консептуалии таълими муосирро фаҳмида, дорои қобилиятҳои беҳамтои импровизатсия бошад, бо усулу технологияҳои гуногуни таълимӣ кор карда тавонад, хусусиятҳои шахсии кӯдак ва худашро донад. Бо ин мақсад, дар Марказ дастгирии зеҳнӣ ва касбии омӯзгорон ташкил карда шудааст: таъмини иштироки онҳо дар фаъолияти семинарҳои омӯзишӣ, конфронсҳо, симпозиумҳо ва ғайра, аз ҷумла дар хориҷа; такмили ихтисос дар низоми таҳсилоти баъдидипломӣ; таҷрибаомӯзӣ дар марказҳои таълимии пешрафтаи кишвар ва хориҷ аз он; иштирок дар иттиҳодияҳои гуногун, гурӯҳҳои коршиносон; тайёр кардан ва дифоъ кардани рисолаҳо ва ғайра.

Ҳамин тавр, омӯзгор аз ҷониби мо ҳамчун омили муайянкунанда дар низоми тарбияи хонандагони лаёқатманд баррасӣ карда мешавад. Ба он бояд талаботҳои хеле калон иброз дошта шаванд. Хусусиятҳои муҳимтарини чунин омӯзгор бояд сатҳи баланди салоҳияти касбӣ, устувории эҳсосотӣ, иродаи қавӣ, самтгирии эҷодии шахсӣ бошанд. Аммо аз ҳама муҳимаш он аст, ки вай бояд кӯдакони дорои қобилиятҳо ва хусусиятҳои куллан гуногунро дӯст дорад.

Шарти муҳими дигаре, ки фаъолияти муассири низоми дидактикиро дар Марказ таъмин мекунад, ташхиси психологӣ ва педагогӣ баромад менамояд.

Тавре ки дар боло қайд карда шуд, мо ҳангоми таҳқиқи лаёқатмандии кӯдакон аз усулҳои гуногун истифода мебарем: пурсишномаҳо, ҷадвалҳо, рейтингҳо, озмоишҳо, саволномаҳо, таҳлили маҳсулоти фаъолият, усулҳои тавсифоти мустақил ва ғайра. Кулли низоми омӯзиши кӯдакон аз якчанд марҳила иборат аст:

Марҳилаи 1: ташхиси сатҳи инкишофи кӯдак ҳангоми қабул ба Марказ. Муайян кардани лаёқатмандии эҳтимолӣ;

Марҳилаи 2: таҳлили ҳамаҷонибаи муқоисавӣ ва сифатии рушди кӯдак. Муайян намудани лаёқатмандии мубрами умумӣ ва махсус;

Марҳилаи 3: муайянкунӣ, тасдиқ ва аниқсозии минбаъдаи мавҷудияти намудҳои воқеии лаёқатмандӣ дар соҳаҳои амалии фаъолияти таълимӣ;

Марҳилаи 4: ба ҳисобгирии омилҳои нави истеъдод. Тавсияҳои ниҳоии касбии мақсаднок.

Мақсади омӯзиши барномавии шахсият дар ҳар як марҳила таҳияи тавсияҳои инфиродӣ барои омӯзгорон, падару модарон ва хонандагон оид ба таълим, дастгирии психологӣ-педагогӣ ва худомӯзишӣ барои хонандагони лаёқатманд мебошад.

Дар муайян кардани қобилияти зеҳнии кӯдакон мо ба дараҷаҳои рейтингӣ диққати махсус медиҳем [40, 82-103]. Дар онҳо рӯйхати хусусиятҳои хонандагони лаёқатманд дода шуда, саволномаҳо ва мусоҳибаҳо

